ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

# ПАЁМ – РОҲНАМОИ МИЛЛАТ

(маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2023)

ДУШАНБЕ, 2024

**Паём – роҳнамои миллат.** Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2023. Таҳти назари доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор У.С. Асрорзода ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Н.А. Қудратов. Душанбе, 2024. – 195 с.

Дар маҷмӯаи мазкур мақолаҳои илмӣ ва оммавии омӯзгорони ДБССТ, ки дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 ироа гардид, ҷамъоварӣ шудаанд. Мақолаҳои пешниҳодшуда дар мавзуъҳои сармояи инсонӣ – омили муҳими таъмини рушди устувори кишвар, таъмини амнияти миллӣ, рақамикунонии иқтисод ва танзими ҳуқуқии он, таҳдид ва хатарҳои ҷиноятҳои киберӣ дар замони муосир, иқтисоди сабз, рушди соҳаи сайёҳӣ, донистани забонҳои англисӣ ва русӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, рушди маориф, ҷавонон ва дигар паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятиву давлатӣ, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» масъалагузорӣ шудаанд, омода гардидаанд.

Маҷмӯаи мазкур барои анҷом додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ, хонишҳои сиёсӣ, шиносоӣ пайдо намудан бо самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад.

**© ДБССТ 2024 с.**

**МУНДАРИҶА**


| | | | |
|---|---|---|---|
| **1.** | Асрорзода У. С. | Сармояи инсонӣ – омили муҳими таъмини рушди устувори кишвар........................................................................................ | **5** |
| **2.** | Қудратов Н.А. | Таъмини амнияти миллӣ дар меҳвари Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.................. | **8** |
| **3.** | Шаропов Ф.Р.<br>Мариншоев М.М. | Иқтисоди сабз – омили асосии рушди иқтисоди миллӣ............ | **14** |
| **4.** | Меликов У.А.<br>Миралиев С.А. | Рақамикунонии иқтисод ва танзими ҳуқуқии он дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон......................................................................... | **17** |
| **5.** | Раҳимов М.А.<br>Алишоев Х.Ҳ. | Паёми Пешвои миллат - омили пешбурди иқтисодии ҷомеа... | **19** |
| **6.** | Ҷабборов Ф.А. | Рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ масъалаи меҳварии Паёми Пешвои миллат................................................................ | **22** |
| **7.** | Зоирзода И.С. | Рушди сармояи инсонӣ дар меҳвари Паём................... | **24** |
| **8.** | Қудратов Н.А. | Таҳдид ва хатарҳои ҷиноятҳои киберӣ дар замони муосир...... | **27** |
| **9.** | Ҳамид Маҷидов<br>Исмоилов Ҷ.Қ. | «Иқтисоди сабз» ва ҳалли мушкилотҳои тағйирёбии иқлим.... | **33** |
| **10.** | Ҷамшедов М.Ҷ. | Андешаву хулосаҳо перомуни Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (аз 28.12.2023)... | **36** |
| **11.** | Ҳотамов Н.Б.<br>Ҳабибов С.И. | Илҳоми тоза аз Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 28 декабри соли 2023........................ | **40** |
| **12.** | Тоҳирӣ Х.Қ. | Паём шамъи хиради мост................................................ | **43** |
| **13.** | Қодирзода Ф.С. | Паёми Пешвои муаззами миллат таҳкимбахши рушди соҳаи сайёҳӣ........................................................................................ | **46** |
| **14.** | Мирзоев А.Р.<br>Гадоев А.Ф. | Рақамикунонии соҳаи иқтисод ва саноат яке аз масъалаҳои меҳварии Паёми Пешвои муаззами миллат............................... | **50** |
| **15.** | Каримов Б. Х.<br>Тохтаров И.Х. | Аграрному сектору нужна система льготного кредитования.... | **52** |
| **16.** | Ҷурахонова С.Қ.<br>Нуракова Н.Ч. | Донистани забонҳои англисӣ ва русӣ омили асосии ҳалли масъалаҳои имрӯза......................................................................... | **56** |
| **17.** | Қурбонов Ё.С.<br>Нурматзода Ҳ. | Сайёҳӣ муаррифгари фарҳанги миллии мост........................... | **59** |
| **18.** | Заргаров Ҷ.Ҷ. | Паёми Президент ифодагари рушди тамоми самтҳои мамлакат.......................................................................................... | **61** |
| **19.** | Нодиров Ф.М.<br>Султонзода Ҷ.У. | Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар меҳвари Паёми Пешвои муаззами миллат................................. | **63** |
| **20.** | Каримов Б.Ҳ. | Сайёҳӣ – соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ ................. | **66** |
| **21.** | Исмоилов А.А | Сиёсати фарҳангии Пешвои миллат – эҳёгари таъриху фарҳанг ва таъмини ояндаи дурахшони миллати тоҷик........... | **71** |
| **22.** | Ҳабибуллозода М.Ҳ.<br>Нодиров Ф.М. | Соли 2024 - соли маърифати ҳуқуқӣ.......................................... | **73** |
| **23.** | Қаландаров А.А. | Озмуни ҷумҳуриявии “Илм-фурӯғи маърифат” ва нақши он дар таҳкими масъалаҳои таҳқиқ, кашфиёти илмӣ ва ихтироотҳои нав......................................................................... | **75** |
| **24.** | Машокиров Ҷ.Н. | Соҳаи сайёҳӣ ҳамчун самти афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ........................................................................................ | **77** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **25.** | Ҷурахонова С.Қ. | Паёми муждарасону илҳомбахш.................................................. | **79** |
| **26.** | Қурбонов Ё.С. | Инъикоси дастовардҳои сайёҳии кишвар дар Паёми Пешвои миллат........................................................................................... | **81** |
| **27.** | Имомов М.Қ.<br>Дайхудоев В.У. | Масъалаҳои рушди сифати таҳсилот дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................................... | **83** |
| **28.** | Марипова Ф.А. | Рушди саноат дар таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ........................................................................................... | **86** |
| **29.** | Давлатов Р.Ҷ. | Рақамикунонӣ, муваффақияту ҳадафҳо......................................... | **88** |
| **30.** | Набиҷонова М.Р. | Паём дастури асосии рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон................ | **90** |
| **31.** | Маллаева М. | Паём – раҳнамои рушду саодати миллат...................................... | **93** |
| **32.** | Имомов М.Қ.<br>Дайхудоев В.У. | Рушди маориф ва илм дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................................................ | **96** |
| **33.** | Наҷмиддинова У.С. | Нақши Пешвои миллат дар рушди истиқлоли кишвар ва вазифаҳои аҳли зиё дар таҳкими ҳувияти миллӣ................ | **98** |
| **34.** | Ғуломова М.С. | Аз Паём то Паём................................................................... | **101** |
| **35.** | Абдиев Ҷ.Х. | Ҷавонон мояи ифтихор ва сарбаландии Тоҷикистони азиз........ | **102** |
| **36.** | Ҷӯрахонова С.Қ. | Паёми муждарасону илҳомбахш................................................... | **104** |
| **37.** | Абдиев Ҷ.Х. | Ҷавонон— татбиққунандаи ҳадафҳои муҳиму афзалиятноки кишвар........................................................................................... | **106** |
| **38.** | Асадулоева З. | Забономӯзӣ - амри замон.............................................................. | **107** |
| **39.** | Хоҷаева З.С. | Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон боз як насими тозае дар фазои сиёсии кишвар........................................ | **108** |
| **40.** | Шаҳнозаи Турсунзода | Паёми пешвои миллат-роҳнамои ояндаи дурахшони Тоҷикистон........................................................................... | **110** |
| **41.** | Нурматзода Ҳ. | Фарҳанги Тоҷикистон нигинест дар миёни дурдонаҳои фарҳангии ҷаҳонии ЮНЕСКО........................................ | **112** |
| **42.** | Илчибекова М.О. | Паём – раҳнамои имрӯзу ояндаи нек..................................... | **114** |
| **43.** | Ғафуров С.Х. | Рақамикунонии истеҳсолоти саноатӣ ва инкишофи соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................ | **116** |

Асрорзода Убайдулло Саттор - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

# САРМОЯИ ИНСОНӢ – ОМИЛИ МУҲИМИ ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ КИШВАР

Таҷрибаи рушди мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон собит месозад, ки инкишофи ҳамаи самтҳои фаъолияти ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи рақобатнокии иқтисодиёт аз самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Воқеан, таҳлили бозори байналмилалии технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, ки тамоюлоти муосири рушди илму инноватсия мебошанд, нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба рушди сармояи инсонӣ омили муҳими рушди ин кишварҳо маҳсуб меёбад.

Ҳукумати кишвар таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати иқтисодию иҷтимоии худ ба масъалаи рушди сармояи инсонӣ ҳамчун омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат диққати аввалиндараҷа медиҳад.

Дар робита ба ин, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 сармояи инсонӣ дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушд мавқеи аввалро ишғол намуда, ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати мамлакат муайян гардидааст. Ҳамчунин, дар ин ҳуҷҷати асосии барномавии рушди ҷумҳурӣ принсип ва вазифаҳои рушди сармояи инсонӣ барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии кишвар асоснок шудаанд.

Пешвои муаззами миллат зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, иброз доштанд, ки “Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад”.

Дар ҳақиқат, рушди илму маориф шарти зарурии пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани инкишофи иқтисод ва суботи иҷтимоии ҷомеа маҳсуб меёбад.

Хурсандиовар аст, ки аз ҷониби Пешвои миллат дастгирии таҳқиқоти илмӣ бо воситаи боло бурдани ҳаҷми маблағгузории он, таъсиси марказҳои муосири илмию таҳқиқотӣ ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои таълимию илмӣ бо сохторҳои истеҳсолӣ дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ гардид.

Дар робита ба ин, дар Паёми имсола Президенти мамлакат ба Ҳукумати кившар ва вазорату идораҳои ваколатдори соҳаи илму маориф супориш доданд, ки ҷиҳати маблағгузорӣ, тақвият ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ тадбирҳои муассирро роҳандозӣ намоянд.

Пешвои муаззами миллат қайд намуданд, ки агар соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар расидааст ва тибқи дурнамо шумораи мазкур то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад.

Вобаста ба ин тамоюл, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати бунёду ба истифода додани муассисаҳои таълимии наву замонавиро дар ҳама зинаҳои таҳсилот ва баланд бардоштани имкониятҳои низоми маорифи кишвар таъкид намуданд.

Раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар доираи татбиқи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иҷрои муқаррароти стратегияву барномаҳои давлатии соҳаи илму маориф дар самти бунёд ва ба истифода додани биноҳои таълимии нав, инчунин бо таҷҳизоти муосири таълим муҷаҳҳаз намудани онҳо тадбирҳои муассир андешида истодааст.

Боиси хушнудист, ки Пешвои муаззами миллат 14 декабри соли 2023 бинои нави таълимии Филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистонро дар вилояти Хатлон ба истифода доданд.

Мавриди зикр аст, ки бинои нави филиали Донишгоҳ дар вилояти Хатлон дар партави сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи лоиҳаи муосир бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ва дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шудааст.

Бинои таълимии мазкур аз 7 ошёна иборат буда, барои 2500 нафар донишҷӯ дар як баст пешбинӣ гардида, дорои 27 ҳуҷраи корӣ, 37 синфхонаи барҳавои таълимӣ, 4 марказ, аз ҷумла Маркази таҳқиқоти иқтисоди "сабз", Маркази ҳамкориҳои байналмилалӣ ва татбиқи лоиҳаҳо, Маркази забони русӣ, Маркази зеҳни сунъӣ, озмоишгоҳҳои фаъолияти гумрукӣ ва 1С: Бухгалтерия мебошад. Бунёди меҳмонхонаи таълимӣ, сервиси тарабхонавӣ ва тарабхонаи таълимӣ бо тамоми дастгоҳу аёниятҳои омӯзишӣ муҷаҳҳаз, китобхонаҳои илмӣ - электронӣ бо махзани ғании адабиёти бадеиву соҳавӣ ва толорҳои хониш бо 120 ҷойи нишаст, маҷлисгоҳ ва ошхона мутаносибан бо 500 ва 130 ҷойи нишаст аз имкониятҳои дигари иншооти нав аст. Парки технологӣ ва филиали институти илмӣ – тадқиқотии донишгоҳ дар бинои нав аз бахшҳои дигари филиал аст, ки бо мақсади татбиқи донишҳои назариявии донишҷӯён дар амалия ва амиқтар омӯхтани илмҳои муосир дар доираи ҳадафҳои "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" ҷойгир карда шудаанд.

Раёсати Донишгоҳ тасмим дорад, ки баҳри боз ҳам тақвият бахшидани корҳои созандагӣ бунёди биноҳои таълимии филиалҳои Донишгоҳро дар ноҳияи Данғара ва шаҳри Хуҷанд оғоз намояд.

Пешвои муаззами миллат зимни ироаи Паём қайд намуданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад ва дар ин раддабандӣ ҷумҳурии мо аз 183 кишвари таҳти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд. Дар ин раванд тасмими навбатии Ҳукумати мамлакат вобаста ба 40 фоиз баланд бардоштани маоши вазифавии кормандони муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар ташкилотҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо иқдоми басо манфиатбахш ва саривақтӣ буда, барои рушди сармояи инсонии кишвар заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин таъкид доштанд, ки баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.

Ин дастуру супоришҳо моро бори дигар водор месозанд, ки бо садоқату самимият ҷиҳати таъмини роҳнамоиҳои Сарвари давлат дар самти баланд бардоштани сатҳи сармояи инсонӣ ва ба ин васила саҳм гузоштан дар шукуфоию ободии ватани азизамон сайъю кӯшиш намоем.

Ҷиҳати иҷрои роҳнамоиҳои Пешвои муаззами миллат дар самти таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ҳамкории фаъол бо корхонаҳои истеҳсолӣ дар заминаи истифодаи низоми дуалии таҳсилот ва омода кардани кадрҳои баландихтисос дар соли 2023 дар назди Донишгоҳ ду коллеҷ дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Левакант аз рӯйи ихтисосҳои самтҳои саноат, сайёҳӣ ва хизматрасонӣ таъсис дода шуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин қайд намуданд, ки мо бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва аз бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон на танҳо дар дохил, балки дар хориҷи кишвар ва ҷалби мутахассисону коршиносон аз дигар мамлакатҳо чораҳои зарурӣ андешем.

Дар робита ба ин, Донишгоҳ имрӯз бо беш аз 160 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмии хориҷӣ, инчунин ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳамкориҳои судманд дошта, бо мақсади баланд бардоштани маҳорату савияи тахассусӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо,

табодули академии омӯзгорону донишҷӯёнро роҳандозӣ намудааст ва минбаъд низ баҳри таъмини иҷрои супоришҳои Сарвари давлат фаъолиятро дар ин самт тақвият мебахшад.

Итминони комил дорем, ки иҷрои сариваќтии дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни ироаи Паём назди масъулини соҳаи илму маорифи кишвар гузошта шуданд, метавонад дар рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ ва ба ин васила дар пешрафти Ватани азизамон – Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат намояд.

Қудратов Некруз Абдунабиевич
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори раёсати илм ва иноватсияи ДБССТ

# ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ДАР МЕҲВАРИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Сулҳу субот, ваҳдат ва амнияти миллӣ неъмати бузург ва шарти аввалиндараҷаи зиндагии ҳар як инсон ва пойдории ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Зеро, зиндагии осуда, созандагиву ободӣ, умуман амалӣ шудани ҳама ҳадафҳои нек ба ҳамин неъмат, яъне таъмини амнияти миллӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Таъмини амният дар ҳар як кишвар – хоҳ амнияти шаҳрвандӣ (маданӣ), ҷамъиятӣ ва давлатӣ бошад, хоҳ амнияти равониву маънавӣ – яке аз пояҳо ва рукнҳои асосии рушди устувор ва босуръати кишвар аст. Рушд ва инкишофи тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайра) аз амният вобастагӣ дорад. Маҷмӯи эҳтиёҷоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз амалишавии онҳо қобилияти давлат дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, арзишҳои ҷамъият ва ниҳодҳои асосии давлатдорӣ вобаста мебошад, дар умум амнияти миллиро ифода менамоянд.

Ҳар як шахс, гурӯҳи шахсон ва ҷамъият бояд арзиши амниятро дарк намояд. Аслан, дар он ҷое, ки амният нест, арзиши он хубтар дарк мешавад, мисоли равшани ин гуфтаҳо вазъияти кунунии Афғонистон, Сирия, Украина, ироқ ва дигар давлатҳо шуда метавонанд. Шаҳрвандони ин давлатҳо орзу доранд, ки дар кишварашон амнияти комил дубора побарҷо гардад ва дар фазои сулҳу субот ба таври осоишта зиндагӣ кунанд. Бинобар ин, мо бояд арзиши амният, сулҳу суббот, ваҳдат, оромиву осоиштагии кишвари азизу маҳбубамонро саривақт дарк намоем ва дар таъмини ин неъматҳои бебаҳо саҳмгузор бошем.

Амният ниёзи асосии инсон, ҷамъият, давлат, миллат ва башарият мебошад. Бадтарин офате, ки ба сари як миллати рӯ ба инкишоф ва рушдёбанда расонида мешавад, маҳрумияти он аз амният мебошад. Таъмини амнияти миллӣ, зери таваҷҷӯҳи ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Таъмини амният, мувофиқан ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” ҳамчун - татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъмини амният ба воситаи низоми тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва дигар хусусиятҳо, ки ҷавобгӯи таҳдид ба манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат мебошанд, маънидод шудааст.

Дар Паёми имсолаи (соли 2023) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун ҳамеша таъкид карда шуд, ки “Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, ярокнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем”. Чунин хатарҳои муосир имрӯзҳо ба амнияти миллии Тоҷикистон дар умум ва амнияти давлатӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҳарбӣ, экологӣ, иттилоотӣ ва ғайра дар алоҳидагӣ таҳдид мекунанд. Яъне, маҷмӯи шароит, раванд ва омилҳое, аз қабили терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳориҳои муташаккили фаромиллӣ, ки барои амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа мешаванд ё ба онҳо хатар ба вуҷуд меоранд, мушоҳида мегарданд. Ҳамин тавр, амнияти давлат ва шаҳрвандони он яке аз афзалиятҳои асосӣ, яъне меҳварӣ дар Паёми имсолаи (соли 2023) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои гуногуни таъмини амнияти миллӣ матраҳ гардиданд. Аз қабили:

1. Муқовимат ба терроризму экстремизм. Бояд қайд намуд, ки раванди ҷалби шаҳрвандони камтаҷрибаву ноогоҳ, дорои сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ дар сафи (қатори) гурухҳои террористиву экстремистӣ барои давлат нигаронкунанда мебошад. Дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон бо ҳалномаҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти гуруҳҳо ва ташкилотҳои террористиву экстремистии «Ал-Қоида», «Ҳаракати Туркистони шарқӣ», «Ҳизби Исломии Туркистон» (собиқ ҳаракати Исломии Узбекистон), «Ҳаракати Толибон», «Бародарони мусулмон», «Лашкари Тойиба», «Гурӯҳи исломӣ», «Ҷамъияти Исломии Покистон», «Ҷамоати таблиғ», ташкилоти динӣ-миссионерии «Созмони таблиғот» ва «Тоҷикистони озод», “Ҷамоати Ансоруллоҳ”, “Гурӯҳи 24”, “Давлати исломӣ”, “Ҷабҳат ан Нусра”, “Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон”, Паймони миллии Тоҷикистон ва “Памир дейли нюс” (“Pamir Daily News”) ё “Памир нюс” (“Pamir News”) манъ карда шудаанд. Имрӯзҳо аксарияти онҳо фаъолияти худро берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ошкоро ва дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пинҳонӣ давом дода истодаанд ва хавфи ҷалби шаҳрвандон, бахусус шахсони камтаҷрибаву ноогоҳ дар сафи ин гуруҳҳо ва ташкилотҳо баланд боқӣ мемонад. Ғояҳои ин ташкилотҳо комилан бар хилофи муқаррароти моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлати соҳибистиқлолу мустақили Тоҷикистон хавфи ҷиддӣ дорад.

Имрӯз ҳам таҳдидҳои терроризму экстремизми байналмилалӣ проблемаи мубрам боқӣ мондааст ва ин зиракӣ, андешидани чораҳои саривақтӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои пайдоиши ғояҳои ифротгароиро барои саодати миллионҳо нафар тақозо менамояд. Дар баробари ин, ҳифзи ҳуқуқи инсон яке аз вазифаҳои муҳими мубориза бо терроризм ва экстремизм мебошад. Ҳарчанд решаҳои зуҳуроти зуҳурёбии экстремизм (ифротгароӣ) ва терроризм ба таърихи тӯлонӣ бармегардад, аммо онҳо ҳеҷ гоҳ ба суботу рушди ҷомеа мисли имрӯз таҳдид накардаанд. Зеро ҳоло экстремизм ва терроризм хусусияти умумиҷаҳонӣ (байналмилалӣ) дошта, барои тамоми кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон хатари баробар доранд. Аз ин рӯ, пешгирӣ ва муқовимат бо он ба масъалаи оияндаи башарият табдил ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муборизаву муқовимат бар зидди экстремизм ва терроризм дар арсаи байналмилалӣ мавқеи хос ва пешсафро дошта, дар сатҳи универсалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ якчанд снадҳои байналмилалиро эътироф кардааст ва бо давлатҳои алоҳида шартномаву созишномаҳои дуҷониба бастааст.

Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши муассир дошта, яке аз омилҳои калидии муқовимат бо терроризму экстремизм ва умуман ҷинояткорӣ мебошад. Инро ба назар гирифта, Пешвои муаззами миллат пешниҳод намуданд, ки соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.

2. Таъмини амнияти киберӣ - дар ҷаҳони имрӯза таҳдидҳои киберӣ торафт муҳимтар гардида истодаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аҳамияти таҳкими амнияти кибериии кишвар, дастрасии технологияҳои навро барои муҳофизат аз ҳамлаҳои киберӣ ва тақвияти чораҳои мубориза бо ҷиноятҳои кибериро таъкид намуданд. Бешубҳа, ҷиноятҳои киберӣ ба амнияти миллии аксари кишварҳо хатари ҷиддӣ эҷод намудаанд. Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва интернет, таҳдидҳои киберӣ мураккабтар, гуногунтар ва маъмултар шуданд. Баъзе ҷанбаҳоро мисол овардан мумкин аст, ки ҷиноятҳои киберӣ метавонанд ба амнияти миллӣ таҳдид кунанд:

а) Таъсир ба амнияти равонии шахс. Амнияти равонӣ чунин маъно дорад, ки овоза, дурӯғ, сухани даҳшатовар, ақидаҳои иртиҷоӣ, бегонапарастӣ набояд дар майнаи (мағзи сар) шахс паҳн шавад, ҷой гирад. Дар фазои маҷозӣ ҳар рӯз як бор, гоҳе ҳар чанд соат як овоза, дурӯғ, тӯҳмат, иғво ва ҳарфе аз ҷониби як нафари шинос ё ношинос, террористу экстремист нашр мешавад, мардумро нигарон мекунад, зеҳни мардумро хароб ва тафаккури баъзе аз нафаронро дигар мекунад, ки сабаби пайдоиши ноамнии ақлонӣ (равонӣ) дар ҷомеа мегардад. Ҷиноятҳои иттилоотӣ, махсусан киберҷиноятҳо дар самти амнияти давлатӣ солҳои охир рӯ ба инкишоф доранд. Пешгирии онҳо дониши махсус ва чораҳои фавриро талаб менамояд. Дар бистсолаҳои охир рушди технологияҳои нави коммуникатсионӣ дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон тағйироти ҷиддиеро ба вуҷуд овардааст (ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ) ва таъсири он рӯз то рӯз меафзояд. Интернет ва шабакаҳои иҷтимоии виртуалӣ дар айни замон ҳамчун пояи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ дар ташаккули ин раванди нав ва

пайдоиши фазои нави иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва амниятӣ нақши муҳим доранд. Масъалаи нақши фазои маҷозӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ) дар таҳдиди амнияти давлатӣ мояи нигаронии ҷиддии аксари кишварҳо, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон шудааст. Шабакаҳои иҷтимоии маҷозӣ (facebook, Ok, YouTube, Telegramm, WhatsApp ва дигарҳо) шабеҳи шамшери дудама (дутарафа) ҳастанд, ки метавонанд дар фазои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила амалҳои мусбат ва манфиро эҷод кунанд.

Тарғиби ғояҳои экстремизм ва терроризм тавассути шабакаи интернет, ҷалбкунии ҷавонон ба сафи ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ, кӯшишҳои аз ҷониби ин ташкилотҳо тарҳрезӣ ва амалӣ намудани амалҳои террористӣ дар ҳудуди Тоҷикистон омили асосии таҳдид ба амнияти давлатӣ мебошад.

б) Зарари иқтисодӣ - киберҷинояткорон аксар вақт ҳамлаҳои худро ба системаҳои молиявӣ, ширкатҳо ва бонкҳо равона мекунанд. Дуздии маълумоти молиявӣ, амалиёти қаллобӣ ва тамаъҷӯӣ метавонад боиси талафоти ҷиддии иқтисодӣ гардад ва ба суботи кишвар таъсир расонад;

в) Ҳамлаҳо ба объектҳои стратегӣ - объектҳои муҳимми стратегӣ, аз қабили системаҳои энергетикӣ, шабакаҳои нақлиётӣ ва инфрасохтори коммуникатсионӣ метавонанд дар натиҷаи ҳамлаҳои киберӣ зери хатар қарор дгиранд. Ҳамла ба ин системаҳо метавонад боиси ба муҳлати тӯлонӣ аз кор мондан, садамаҳои ҷиддӣ гардад ва ба ҳаёти шаҳрвандон таъсир расонанд;

г) Ҷосусии киберӣ - давлатҳо метавонанд ҷиноятҳои кибериро барои ҷамъоварии иттилооти иктишофӣ истифода баранд. Ҷосусии киберӣ метавонад ба ҳадафҳои низомӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ равона карда шавад, ки амният ва соҳибихтиёрии давлатро халалдор кунад.

д) Кибертерроризм - киберҷинояткорон метавонанд бо истифода аз технология барои ҳамоҳангсозии ҳамлаҳои террористӣ, паҳн кардани таблиғот ё ҳамла ба инфрасохтори муҳим бо созмонҳои террористӣ робита дошта бошанд.

е) Ҳамлаҳои киберӣ ба системаҳои низомӣ - ҳамлаҳои киберӣ ба шабакаҳои низомӣ ва таҷҳизот метавонанд қобилияти мудофиавии кишварро, аз ҷумла коҳиш додани имкониятҳои алоқа, дахолат ба системаҳои идоракунӣ ва назоратро халалдор кунанд ва ҳатто қобилияти кории техникаи низомиро вайрон кунанд. Пешвои миллат дар ин самт таъкид намуданд, ки " ... барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон бояд тадбирҳои иловагӣ андешем. Бо беҳтарин шароити зиндагиву хизмат таъмин намудани хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, омода кардани кадрҳои баландихтисос, такмил додани дониши тахассусӣ ва сатҳи касбияти ҳайати шахсии ҷузъу томҳо, боз ҳам баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозон аз қабили ин тадбирҳо мебошанд". Тибқи маълумоти Хадамоти алоқа, ҳоло дар Тоҷикистон 8,3 миллион муштарии алоқаи мобилӣ фаъолият доранд, ки тақрибан 5,6 миллион нафари онҳо фаъол ҳисобида мешаванд. Шумораи умумии истифодабарандагони интернет (ва мобилӣ ва кабелӣ) 4,5 миллион нафарро ташкил медиҳад. Омори мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки имконияти содиршавии киберҷиноятҳо тавассути шабакаи Интернет рӯ ба афзоиш дорад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзоёни Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон муроҷиат карда, таъкид намуданд, ки "... ҳамаи шуморо даъват менамоям, ки биёед, минбаъд низ якҷоя кору фаъолият намуда, кишвари худро ободу зебо созем, сатҳу сифати зиндагии халқамонро баланд бардорем ва обрӯи Ватани азизи худ – Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам таҳкиму тақвият бахшем". Таъкиди пешвои миллат маънои онро дорад, ки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд сари вақт бо назардошти рушди босуръати муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ қонунҳои дахлдорро қабул намоянд, ки бо манфиатҳои миллии Тоҷикистон тавъам бошанд.

3. Ҳалли мусолиҳонаи низоъҳои байналмилалӣ - масъалаҳои амнияти байналмилалӣ, аз қабили ташаннуҷ бо кишварҳои ҳамсоя ё иштирок дар низоъҳои минтақавӣ дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид карда шуд. Пешвои миллат дар бораи талошҳои дипломатӣ барои ҳалли низоъҳо ва таҳкими

сулҳ ибрози андеша намуда, изҳор доштан, ки “Мураккабшавии авзои сиёсии байналмилалӣ, шиддат гирифтани вазъи геосиёсиву низомӣ, таҳдидҳои амниятӣ, бухронҳои молиявию иқтисодӣ, инчунин, мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии ғизо ва оби ошомиданӣ дар ҷаҳону минтақа ва пайомадҳои онҳо зимни пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон моро ба андешидани тадбирҳои зарурӣ водор месозанд. ... Тоҷикистон дар робита ба равандҳои ҷорӣ дар Афғонистон ва Ховари Миёна, бахусус, Фаластин хеле нигарон аст. Кишвари мо аз ҷомеаи ҷаҳонӣ боз ҳам даъват ба амал меоварад, ки ҳамаи низоъҳо танҳо бо роҳи музокирот ва муколама ҳал карда шаванд”. Ҳамчунин қайд гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати авлавияти сиёсати хориҷии худ минбаъд низ ба густариши муносибатҳои дӯстона ва ҳусни ҳамҷаворӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи эҳтирому эътимоди мутақобила таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад.

4. Таъмини амнияти иқтисодӣ - суботи иқтисодӣ низ як қисми амнияти миллӣ мебошад. Пешвои миллат дар Паёми худ вобаста ба тадбирҳои таъмини устувории иқтисодиёт, мубориза бо коррупсия, таъсири бемории сироятии КОВИД–19, низоъҳои тиҷоратӣ ва мунокишаҳои минтақавӣ ба иқтисодиёт, халалдор гардидани низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодиву молиявӣ, ҳамчунин фароҳам овардани шароит барои шукуфоии кишварро низ баррасӣ намуданд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки “Бо вуҷуди пешравиҳои назарраси солҳои охир, ҳанӯз баъзе ҷанбаҳои калидии соҳа, аз ҷумла баланд бардоштани сифати тарбияи кадрҳо, аз байн бурдани мушкилоти норасоии мутахассисон ва омилҳои коррупсионӣ аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаби соҳа мебошанд”. Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар ва таъсиси ҷойҳои корӣ, ки яке аз омилҳои таъминкунандаи амнияти иқтисодӣ мебошанд, таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода истодааст. Новобаста аз таъсири омилҳои манфии болозикр нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии мамлакат дар ин марҳалаи ҳассос таъмин гардида, дар ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид.

5. Таъмин намудани амнияти мудофиавии мамлакат – қисмати асосии Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ташкил дод. Таъмини амнияти мудофиавии мамлакат на танҳо вазифаи давлат, балки вазифаи конститутсионии ҳар як шаҳрванди масъулиятшинос, ватандӯсту ватанпарвар, худогоҳу худшинос мебошад. Зеро, дар м. 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита муқаррар гардидааст, ки ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Бинобар ин, аз мо ҳамчун ҷавонони шарифу хештаншинос, талаб карда мешавад, ки дар иҷрои вазифаи мазкур масъулиятшинос ва баҳри ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он доимо, ҳамчун сипари боэътимоди Ватани азиз, омода бошем.

6. Таъмини амнияти экологӣ - масъалаи экология ва ҳифзи захираҳои табиӣ ҷанбаҳои муҳимми амнияти миллӣ буда, зери таваҷҷуҳи ҳамешагии Пешвои миллат мебошад. Амнияти экологӣ дар натиҷаи таъсири антропогенӣ ва дигар таъсиррасониҳо ба муҳити зист метавонад халалдор гардад. Бинобар ин, Пешвои миллат вобаста ба тадбирҳои мубориза бо тағйирёбии иқлим, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самаранокии табиат дар Паёми хеш диққати махсус доданд. Қайд гардид, ки “Бо дарназардошти тағйирёбии иқлим ва бо мақсади беҳтар кардани вазъи экологии кишвар, инчунин, муҳайё намудани шароити ҳарчи беҳтар ва мусоиди зист барои аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат, Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва тамоми сохтору мақомоти давлатӣ супориш дода мешавад, ки барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркунии кишварро барои давраи то соли 2040 қабул ва амалӣ намоянд”.

7. Маориф ва амнияти иттилоотӣ – ҳифзи низоми таълимӣ ва амнияти иттилоотӣ ба ҷанбаҳои муҳими амнияти миллӣ табдил ёфтаанд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аҳамияти таълими шаҳрвандон, саводнокии рақамии онҳо ва муҳофизат аз таҳдидҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳ намуда, қайд карданд, ки “...

рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад". Дар ҳақиқат маориф дар таъмини амнияти миллӣ мақоми аввалиндараҷаро дорад. Вазъияти зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро метавонад халалдор созад. Барои таҳкими низоми маорифи кишвар минбаъд ҳам баланд бардоштани сифати таълим, омода кардани кадрҳои баландихтисоси соҳавии ба талаботи замон ҷавобгӯ (дорои баланди салоҳияти забондонӣ, кор бо технологияҳои иттилоотӣ ва монанди инҳо) ва паст кардани шиддати коррупсия дар соҳаи маориф зарур мебошад. Дар ин раванд, чи тавре Пешвои миллат дуруст изҳор намуданд "бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад".

8. Таъмини амнияти озуқаворӣ – яке аз ҳадафҳои афзалиятноки стратегии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар Паёми Пешвои миллат бевосита қайд гардид, ки "Дар баробари ин, тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизоӣ моро водор менамояд, ки ба беҳсозии ҳолати соҳаи кишоварзӣ, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани амнияти озуқаворechoии кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем. Соли 2023 таъминот бо маҳсулоти асосии озуқаворechoии истеҳсоли ватанӣ дар кишвар ба 85 фоиз расонида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1991-ум 2,5 баробар зиёд мебошад".

9. Амнияти ҷамъиятӣ - ин ҳифзи ҳуқуқӣ-сиёсӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳаёт, саломатӣ ва некӯаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин арзишҳои ҷамъият аз хатар ва таҳдидҳои имконпазире, ки ба онҳо зарар расонида метавонанд, иборат аст. Пешвои миллат дар Паёми худ масъалаҳои амнияти иҷтимоиро, аз қабили мубориза бо ҷинояткорӣ, таъмини суботи иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандонро баррасӣ намуданд. Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар соли 2023 қабул гардидани Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2040 ва Барномаи маҷмӯии давлатии тайёр намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030 ба ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҷойдошта мусоидат менамояд.

10. Таъмини амният дар соҳаи тандурустӣ - ҳодисаҳо ба монанди пандемия низ метавонанд амнияти миллиро таҳдид ва халалдор созанд. Пешвои миллат дар Паёми худ чораҳои бехатарии шаҳрвандонро дар соҳаи тандурустӣ ва омодагӣ ба таҳдидҳои эҳтимолии саломатӣ муҳокима намуданд. Соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъмин намудани солимии аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ҳамаи чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд. Пешвои миллат бевосита таъкид намуданд, ки "Бо вуҷуди пешравиҳои назарраси солҳои охир, ҳанӯз баъзе ҷанбаҳои калидии соҳа, аз ҷумла баланд бардоштани сифати тарбияи кадрҳо, аз байн бурдани мушкилоти норасоии мутахассисон ва омилҳои коррупсионӣ аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаби соҳа мебошанд. Барқарорсозии қобилияти меҳнатии шахсони маъюб ва таъминоти онҳо бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ, тақвият бахшидани фаъолияти байнисоҳавии вазорату идораҳо дар самти ҳалли масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, бо дарназардошти беҳтар намудани иқтидори заминавию захиравии мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоӣ бозбинӣ намудани сохтори соҳа, ҳамчунин, андешидани чораҳои мушаххасро тақозо дорад".

Таъмини амнияти миллӣ муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо, рушди захираҳои дохилӣ ва татбиқи сиёсатҳо ва технологияҳои муассирро талаб мекунад. Мо бояд дар рӯ ба рӯи ин омилҳо ноумед набошем, бо онҳо фаъолона мубориза барем, муқовимат нишон диҳем. Зеро, ноумедӣ ва ноамнии равонӣ омилҳое мебошанд, ки дар зеҳнияти (тафаккури) шахс фаннатизм, ноқисулақлӣ, сирригиро ба вуҷуд меоваранд. Ҳар як шаҳрванд

ва ҷамъият бояд умед дошта бошад, умед ба фардои нек ва зиндагии шоиста, ба сулҳу ваҳдат ва бунёдкориву созандагӣ, умед ба зинадагии осоиштаи насли оянда Тоҷикистони азиз.

Умуман, таҳлили нуктаҳои асосии Паёми имсолаи (соли 2023) Пешвои миллат гувоҳи он аст, ки таъмини амнияти миллӣ доимо дар меҳвари асосии сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меистад. Моро зарур аст, ки дар ин сиёсати пешгирифтаро дастгирӣ намуда, дар ҳифз ва таъмини манфитаҳои миллӣ, бахусус, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва суботи сиёсӣ дар мамлакат, рушду устувории иқтисодиёти кишвар, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ, пойдорӣ ва инкишофи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият, тағйирнопазирии сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла истиқлолияти давлатӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва ҷудонашаванда будани ҳудуди он, фаъолияти устувори ниҳодҳои давлатдорӣ, таҳким ва самаранокии фаъолияти онҳо, иҷрои бечунучарои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси принсипи ҳамшарикӣ саҳмгузор бошем.

Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар охири Паёми хеш дуруст таъкид намуданд, ки “ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем”. Мо бояд ба он эътимод ва боварие, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми шариф, соҳибтамаддун ва соҳибфарҳанги тоҷик доранд, содиқ бошем.

Шаропов Фарҳод Разоқович – муовини ректор оид ба рушди стратегӣ ва идоракунии сифат

Мариншоев Муқбил Мунавваршоевич -дотсенти кафедраи назарияи иқтисод ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

## ИҚТИСОДИ САБЗ – ОМИЛИ АСОСИИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Вазифаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва милликунонии Ҳадафҳои рушди устувор дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ гардида, дар он ҳадафи олӣ ва ҳадафҳои стратегии кишвар муайян карда шудаанд. Тибқи ин ҳуҷҷати стратегӣ ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ироаи Паёми имсолаи худ, ки 28 декабри соли 2023 ба Маҷлиси Олӣ бо фарогирии тамоми самтҳои сиёсати дохиливу хориҷии ҷумҳурӣ аз он ҷумла ташаккули иқтисоди сабз, суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро масъалаҳои афзалиятнок эълон намуданд.

Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои баланд доир ба масъалаи иқтисоди «сабз» ва рушди устувор дар даҳсолаи охир таклифҳои судманд намудаанд. Иқтисоди «сабз» - яке аз назарияҳои нав мебошад, ки ду даҳсолаи охир пайдо шуда, бо консепсияи рушди устувор алоқамандии бевосита дорад. Ин консепсия ноилшавии мақсадҳоро дар якҷоягӣ дар се самт – иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ дар назар дорад. Аммо дар фарқият бо консепсияи рушди устувор дар доираи иқтисоди «сабз» ба рушди иқтисодӣ, ки ба стратегияҳои ҳифзи муҳити зист мухолиф нест, диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Мафҳуми иқтисоди «сабз» ба истилоҳи илмӣ соли 1989 ворид шудааст ва баъдан дар адабиёт ба таври васеъ истифода бурда шуда, ба қатори мақсадҳои Ҳадафҳои рушди устувор дар доираи СММ дохил мешавад.

Иқтисоди «сабз» яке аз самтҳои муосири илми иқтисод буда, дар пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ саҳми арзанда мегузорад. Олимон ва мутахассисон иқтисодиёти «сабз»-ро ба маънои васеаш чунин тарзи фаъолияти хоҷагидорӣ меҳисобанд, ки ба боло рафтани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ мусоидат намуда, ҳамзамон хатарро ба муҳити зист ва харобшавии табиатро коҳиш медиҳад. Ба маънои маҳдудаш иқтисодиёти «сабз»-ро ҳамчун технологияи коркард, истеҳсол ва истифодабарии таҷҳизот барои назорат ва кам кардани партовҳои моддаҳои ифлоскунанда ва газҳои гулхонаӣ, мониторинг ва пешгӯии тағйирёбии иқлим, ҳамчунин технологияҳои энергиясарфакунанда ва энергетикаи барқароршаванда маънидод кардан мумкин аст.

Умуман иқтисоди «сабз» аз се масъалаи ба ҳам пайванд иборат мебошад: масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ. Имрӯзҳо аз тарафи олимон ва коршиносон масъалаҳои иқтисоди сабз омӯхта мешавад ва барои гузариш ба иқтисоди «сабз» ва рушди он якчанд роҳу восита пешниҳод шудааст, ба моданди: ба роҳ мондани истеҳсолоти маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза; ба роҳ мондани технологияи муосири безарар бо истифода аз манбаъҳои табиӣ; баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ бо роҳи васеъ намудани тарғиботу ташвиқоти экологӣ дар сатҳи ҳамаи табақаҳои аҳолӣ; назорат ва баҳодиҳии ҳолати муҳити зист ва рушди омори экологӣ; дастрасии фарогир ба хадамоти энергетикаи муосир ва истифодаи манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия; паст кардани таъсирҳои манфӣ ба муҳити атроф ва ғайраҳо.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуданд, ки айни замон яке аз роҳҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои Созишномаи Париж, ташаккули иқтисоди «сабз» ва истифодаи босамар аз захираҳои энергияи таҷдидшаванда ба ҳисоб меравад яъне иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истеҳсоли энергияи «сабз» вобастагии калон дорад.

Яке аз роҳҳои ҳалли муваффақи мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим рушди иқтисоди «сабз» мебошад, ки дар навбати худ зарурати рушди энергияи «сабз»-ро ба миён меорад.

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, кишвари мо бо мақсади дастрасӣ ба ҳадафҳои иқтисоди «сабз» Стратегияи рушди ин соҳаро барои солҳои 2023-2037 таҳия намуда, мавриди татбиқ қарор додааст. Ҳадаф аз он гузаронидани ислоҳоти дастурӣ, таъмини истифодаи самараноки сармояи табиӣ, ҷалби сармоягузорӣ, амалӣ намудани технологияи муосиру инноватсионӣ ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар самти иқтисоди «сабз» мебошад. Амалӣ намудани стратегия ба таъмини рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Ҳукумати мамлакат бо роҳбарии Пешвои хирадманду дурандеш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи захираву имкониятҳоро барои таҷдиду бунёди инфрасохтори иқтисодиву иҷтимоӣ, вориднамудани технологияи муосир, ҳалли масъалаҳо вобаста ба соҳаҳои обу энергетика, махсусан, истифодаи манбаъҳои энергияи барқароршаванда ва татбиқи иқтисоди «сабз», фароҳам овардани фазои мусоид барои сармаягузориву соҳибкорӣ, рушди бахши хусусӣ ва таъмини волоияти қонун сафарбар намудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли энергияи «сабз», яъне бо истифодаи захираҳои офтобиву бодӣ тадбирҳои амалӣ меандешад.

Ҳукумат тасмим гирифтааст, ки соли 2025 агрегати сеюми неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба истифода диҳад. Бо ин мақсад дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳоло дар ин иншооти муҳимми аср 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ва 3,5 ҳазор техникаи сохтмонӣ фаъолият доранд.

Бо амалисозии тадбирҳои зикршуда соли 2032 истеҳсоли барқ дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, яъне 100 фоиз бо энергияи «сабз» таъмин гардида (ҳоло 98%-ро ташкил медиҳад), дар ин замина аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ то соли 2037 партови газҳои гулхонаӣ то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода мешавад.

Яъне Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи иқтисоди «сабз» соли 2037 воқеан ба кишвари «сабз» табдил меёбад. Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи фоизи истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқароршаванда дар ҷаҳон дар ҷойи 6-ум қарор дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зиёд намудани истеҳсоли энергияи «сабз» таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд. 27 октябри соли 2023 зимни суханронӣ дар мубоҳисаҳои сатҳи баланд таҳти унвони «Амалисозии иқдомҳо дар соҳаи иқлим» муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки бо назардошти саъю талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати дастрасӣ ба сатҳи сифрии партовҳои гулхонаӣ мо ният дорем, ки иқтидори худро оид ба истеҳсоли энергияи «сабз» то соли 2050 ду баробар афзоиш диҳем.

Дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саммити гурӯҳи 77 ва Чин дар ҳошияи Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP 28) дар Аморати Муттаҳидаи Араб 2-юми декабри соли 2023 қайд гардидааст, ки имрӯз тағйирёбии иқлим зимни истифодаи захираҳои табиӣ ва фаъолияти бемайлони соҳаҳои мухталифи ҳайёти инсон аз мо муносибати дастаҷамъона ва мукаммалро тақозо менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир фаъолияти худро барои ноил шудан ба афзалияти дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳадафҳои рушди устувор пешбинишуда равона намуда, дар самтҳои рушди «сабз» ва устувор, аз ҷумла паст намудани ихроҷи газҳои гулхонаӣ, нигоҳ доштани мувозинати экологӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд.

Дар ин асос ҳадафи стратегии рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - ин таъмини рушди иқтисодӣ аз ҳисоби истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои табиӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва суботи иҷтимоӣ, инчунин таъмини баробарии экологӣ дар давраи дарозмуҳлат муайян гардидааст.

Бо татбиқи иқтисоди «сабз» Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар истифодаи иқтидорҳои тавлиди неруи барқ аз сарчашмаҳои барқароршаванда дар ҷаҳон мавқеи пешсафро ишғол намояд, ҳамчунин ба содироткунандаи азими қувваи барқ дар минтақа, истеҳсолкунандаи неруи барқ аз дигар манбаъҳои барқароршавандаи энергия (офтоб, бод ва ғайра), истеҳсолкунанда ва содироткунандаи маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза табдил ёфта, ба қатори давлатҳои камихроҷкунандаи газҳои гулхонаӣ ва аз ҷиҳати сайёҳии экологӣ рушдёфта ворид гардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афзоиши истеҳсоли энергияи «сабз»-ро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Тоҷикистон ва соҳаҳои ояндадори он, бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ, захираҳои табиӣ ва дигар имкониятҳои мавҷуда, номбар намуданд.

Иқтидори Тоҷикистон дар самти истеҳсоли энергия аз манбаъҳои барқароршаванда хеле васеъ мебошад. Ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ ночиз буда, аз рӯйи андозаи пасти чунин партовҳо ҷойи 130-юмро ишғол менамояд. Яъне аз рӯйи андозаи пасти чунин партовҳо кишвари мо дар ҷаҳон мавқеи пешсафро ишғол менамояд. Ҷумҳурии мо, ҳамчунин, яке аз кишварҳои пешсафи сайёра аз рӯи фоизи истеҳсоли энергияи «сабз» ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки таҷрибаи кишварҳо дар самти пешбурди сиёсати саноати «сабз», бастани созишномаҳои саноати «сабз»-ро омӯхта онро дар амал татбиқ намояд. Тибқи чунин созишномаҳо сармоягузор уҳдадориро дар самти истифодаи технологияи каммасраф, ташкили инфрасохтори зарурии иҷтимоӣ дар маҳали ҷойгиршавии объекти сармоягузорӣ, нигоҳ доштани экосистемаи он ва дигар уҳдадориҳоро мегиранд. Сармоягузорӣ ба иқтисоди «сабз» дар баробари овардани манфиатҳои иқтисодӣ боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар шудани саломатии одамон гашта, дар маҷмуъ ба ҳалли бисёр мушкилиҳои иҷтимоӣ низ мусоидат мекунад. Аз рӯи ҳисоби коршиносон як долларе, ки барои барқароршавии ҷангал сарф мешавад, оянда 30 доллар манфиати иқтисодӣ меорад. Як миллион долларе, ки барои тавлиди энергияи «сабз» сарф мешавад, боиси таъсиси 16,7 ҷойи нави корӣ мегардад. Имрӯз 40% инноватсияи ҷаҳонӣ ба «иқтисоди сабз» рост меояд, 50% ба нигоҳдории энергия ва самаранокии он равона шудааст.

Илова бар ин Тоҷикистон мавқеи худро дар самти содироти «сабз», бо истифода аз технологияи муосир ва маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза устувор гардонида метавонад. Дар навбати худ татбиқи самтҳои асосии иқтисоди «сабз» барои рушди сайёҳии аграрӣ ва экологӣ ва дигар намудҳои сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

Ба фикри мо, дар сурати ҳалли масъалаҳои дар боло зикр гардида ва рушди сифатан нави иқтисоди «сабз», ки дар Паёми Пешвои муаззами миллат ба Маҷлиси Олии кишвар баён гардид, дар заминаи технологияи муосир, рушди соҳаи кишоварзии органикӣ, самаранокии баланди энергетикӣ ва истифадаи оқилонаи захираҳои обӣ, рушди инфрасохтори бозорӣ, кам намудани партовҳои истеҳсолӣ ба муҳити зист, бунёди боғҳои интенсивӣ, шинонидани дарахтон дар водиҳо, шаҳрҳои ҷумҳурӣ, инчунин истифодаи самараноки нақлиёти сабз метавонад вазъи иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурии азизамонро беҳтар намояд.

Меликов У.А. - д.и.ҳ., профессори кафедраи ҳуқуқи ДБССТ

Миралиев С.А. - н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи ДБССТ

# РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОД ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ОН ДАР ПАРТАВИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН (АЗ 28 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023)

Мувофиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад”. Яке аз санадҳое, ки дар он маҳз сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ муайян карда мешавад, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, он фарогири бурду бохти соли гузашта ва тасмимҳою тадбирҳо барои соли оянда мебошад.

Дар Паёми навбатӣ 28 декабри соли 2023 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қатори дигар масъалаҳои муҳим бори дигар ба масъалаи иқтисоди рақамӣ аҳамият дода, вобаста ба рақамикунонии соҳаҳои алоҳида зикр карданд, ки мо аз онҳо иқтибос меорем:

Дар бобати рақамикунонии иқтисод - “Мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем”.

Дар бобати рақамикунонии молияву андоз - “ Вазорати молия вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор ҷиҳати таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, самаранокии хароҷоти он ва фарогирии пурраи сарчашмаҳои имконпазири даромади буҷет раванди рақамикунонии молияву андозро густариш бахшида, дар муҳлатҳои наздиктарин низоми мукаммали муносибатҳои молияи рақамиро роҳандозӣ намояд.”

Дар бобати хизматрасонии бонкии рақамӣ – “Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки дар самти дарёфти манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ ва дар ин замина зиёд кардани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат, дастрас ва бо фоизи паст, инчунин, пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд”.

Дар бобати рақамикунонии ҳифзи муҳити зист - “Бинобар ин, бо мақсади истеҳсоли «энергияи сабз», рушди «иқтисоди сабз» ва паст кардани партови газҳои гулхонаӣ зарур аст, ки дар самти сармоягузории давлатӣ ва рақамикунонии ҳифзи муҳити зист тадбирҳои иловагӣ амалӣ карда шаванд”.

Дар бобати рақамикунонии назорати соҳаи нақлиёт - “Вобаста ба ин, ҷорӣ намудани механизми назорати рақамии ҳаракати нақлиёти гаронвазн хеле муҳим аст. Вазорати нақлиёт ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вазифадоранд, ки минбаъд низ ҷиҳати ҷалби сармоя ва самаранок амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соҳаи инфрасохтори нақлиётӣ, аз ҷумла лоиҳаи шабакаи ягонаи назорати рақамии ченкунии вазни нақлиёти боркаш тадбирҳои ҳатмӣ андешанд”.

Дар бобати маорифи рақамӣ – “Дар ин раванд, бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад”.

Ҳар яке аз соҳаҳои зикршуда тавассути қонунгузории соҳавӣ танзим мешаванд. Барои рақамикунонии онҳо ҳатман пеш аз ҳама қонунгузориашон бояд такмил шавад, ки ин бештар масъулияти ҳуқуқшиносон аст.

Иқтисоди рақамӣ якчанд афзалиятҳо дорад, ки онҳоро роҳбари давлат натанҳо дар паёмҳояш, балки дар дигар баромаду вохӯриҳояш низ таъкид менамоянд. Афзалиятҳои иқтисоди рақамӣ хеле зиёданд, аз ҷумла:

- ✓ Пешгирии коррупсия ва кам кардани он;
- ✓ Шаффоф намудани фаъолияти молиявӣ;
- ✓ Дуруст ҳисоб шудани андозҳо ва сари вақт ворид шудани маблағҳо ба буҷети давлат;
- ✓ Пешгирии қоҷоқи молу маҳсулот;
- ✓ Пешгирии дигар роҳҳои муомилоти ғайриқонунии молу маҳсулот;
- ✓ Сарфа шудани вақт;
- ✓ Пайдо шудани имконияти мониторинг ва таҳлилҳо;
- ✓ Таъмини амнияти иттилоотӣ ва иқтисодӣ;
- ✓ Пайдо шудани ҷойҳои нави корӣ;
- ✓ Ҷалби бештари сармоягузорӣ ва ғайра.

Барои дар амал татбиқ намудани иқтисоди рақамӣ танзими ҳуқуқии он низ таҳти назар аст. Дар банди 14 Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642 зикр шудааст, ки дар марҳилаи якум муайян ва афзалиятноккунии як қатор ташаббусҳои калидӣ ва чораҳои ба таҳкими асосҳои ғайрирақамӣ равонгардида таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, коркарди чаҳорчубаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ барои чунин ҷараёнҳои калидии иқтисоди рақамӣ, ба монанди айнияткунонӣ, саҳеҳкунонӣ, таъмини махфият, санҷиши маълумоти шахсӣ, танзими мубодилаи маълумот, танзими маълумоти кушода, кор бо шартномаҳои рақамӣ ва воситаҳои дигари ҳуқуқӣ, инчунин танзими масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва кибербехатарӣ амалӣ мешаванд.

Дар ин ҷода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул шудааст, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи савдои электронӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ" ва дигар санадҳои зерқонунии дахлдор.

Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ҳуқуқшиносон масъулияти калон ба вуҷуд меояд. Ҳуқуқ натанҳо аз қонунҳо иборат аст, балки он аз қисматҳои илми ҳуқуқ, таълими ҳуқуқ, ба омма фаҳмонидани мазмуну моҳияти ҳуқуқ, амалӣ кардани ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқ ва ҷавобгарию ҷазои ҳуқуқӣ ба шахсони саркаш ва ганаҳгорон иборат мебошад.

Аз ҳамин ҷиҳат, лоиҳаҳои илмию таҳқиқотӣ доир ба танзими ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ, таълими мавзуҳо доир ба ин масъала ба донишҷӯён дар ихтисосҳои мавҷуда дар мактабҳои олӣ дар замони ҳозира талаботи замон ва зарурати касбӣ мебошад.

Яъне мо устодон бояд дар дарсҳои худ вобаста ба фанни таълимӣ, кӯшиш карданамон зарур аст, ки маълумотҳои навро дар робита ба иқтисоди рақамӣ ворид намоем, шогирдонро бо нозукиҳои қонунгузории танзимкунандаи иқтисоди рақамӣ шинос кунем.

Олимони соҳаи ҳуқуқро зарур аст, ки аз таҳлили масъалаҳои "ҳалшуда ё умуман ҳалнамешуда" даст кашанд ва таваҷҷуҳ ба масъалаҳои нави ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунгузории соҳаи иқтисоди рақамӣ диҳанд.

Ҳамин тариқ мо устодон ва олимон масъулияти касбӣ дорем, ки он масъалагузориҳое, ки дар Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр шудааст, аҳамият дода, барои дар амал татбиқ намудани он сайъу кӯшиш намоем.

Раҳимов М.А. н.и.и., дотсент., муовини ректори ДБССТ

Алишоев Х.Ҳ. н.и.и., дотсент., мудири кафедраи "Молия ва андозбандӣ"-и ДБССТ

**ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ОМИЛИ ПЕШБУРДИ ИҚТИСОДИИ ҶОМЕА**

Мусаллам аст, ки ҳамасола Паёми Пешвои муаззами миллат ба Маҷлиси Олии кишвар ироа карда мешавад ва он фарогири тамоми нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ буда, сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро таҷассум менамояд. Ба ғайр аз ин, дар Паём Сарвари давлат ҳисоботи солонаи воҳидҳои сохториро ҷамъбаст намуда, барои соли навбатии молиявӣ супориш ва нақшаҳои пешбурди иқтисодиётро пешкаш менамоянд. Албатта ин як падидаи нек бахри пешрафти иқтисодиёт ва ҳавасманд намудани қишри аҳолӣ вобаста ба фаъолияти минбаъда дар ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки новобаста аз вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонистааст ҳамаи масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоиро ба таври мусбӣ ҳал намояд ва барои нигоҳ доштани нақши худ дар рушди иқтисодии ҷаҳон саҳмгузор бошад. "Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд. Қисми даромади буҷети давлатӣ 102,5 фоиз таъмин гардида, давлат ва Ҳукумати мамлакат ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии худ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намуд. Ба ин мақсад танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 40 миллиард сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2022-юм 5,3 миллиард сомонӣ зиёд мебошад." - таъкид медоранд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2023 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рушди иқтисодӣ яке аз омилҳои асосии пешбурди давлат ба ҳисоб рафта, бахри шукуфоӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум нақши босазое дорад. Мусаллам аст, ки ҳамасола боло рафтани ин нишондиҳандаи асосии макроиқтисодӣ аз сиёсати идоракунандаи давлат ва заҳматҳои шабонарӯзии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад.

Маҳз бо сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззамми миллат сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа сол то сол боло рафта ин нишондиҳанда барои ҳалли дигар масъалаҳои иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ низ яке аз самтҳои калидии иқтисоди мамлакат ба ҳисоб рафта барои руйпӯш намудани хароҷотҳои давлатӣ нақши назаррас дорад.

"Тайи солҳои охир таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар ва таъсиси ҷойҳои корӣ равона карда шуд.

Мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем."

Саноат ҷузъи муҳими комплекси ягонаи иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Нақши пешбарандаи саноат дар иқтисодиёт пеш аз ҳама бо он муайян карда мешавад, ки вай ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқро бо асбобу анҷом ва маводҳои нав таъмин намуда, ҳамчун омили фаъолтарини прогресси илмию техникӣ ва умуман такрористеҳсолкунии васеъ хизмат мекунад. Суръати тараққиёт, дараҷаи тараққиёт ва сохтори саноат муҳимтарин нишондиҳандаҳои на танҳо миқдорӣ, балки сифатии хоҷагии халқ ва дараҷаи зиндагонии аҳолӣ мебошанд.

Дар ҳалли масъалаҳои тараққиёти иқтисодиёти мамлакат саноат ҷои муҳимро ишғол мекунад, зеро қисми асосии ММД-ро истеҳсол мекунад. Роҷеъ ба масъалаи мазкур Ҳукумати мамлакат мунтазам чорабиниҳои назаррасро ба роҳ мемонад ва барои таъмини он нақши муҳим дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси ҷаҳон аз захираҳои обӣ ва пиряххо бой буда 93 фоизи онро кӯҳ ва кухпораҳо ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираи бойи пиряххо низ ҷой дорад. Дар раванди тезу тунд шудани муносибатҳои бозорӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт истифодаи оқилона ва самараноки ин пиряххо дар рушд ва нумӯи "Иқтисоди сабз" нақши калидӣ дорад.

Барои рушди "Иқтисоди сабз" истифодаи технологияи замонавӣ нақши муҳим мебозад. Рушди "Иқтисоди сабз" мамлакати моро аз бӯҳрони экологӣ раҳо намуда барои пешрафти сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии мардумон нақши муҳим хоҳад гузошт.

Яке аз самтҳои асосии пушбурдани «Иқтисоди сабз» ин баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ ба ҳисоб меравад. "Музди миёнаи меҳнат беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардид. Бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, солҳои охир дар кишвар сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуда, соли 2023-юм 3,8 фоизро ташкил намуд.

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд.

Дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999-ум то 62 банди фоизӣ дар соли 2023 паст карда шуд." – албатта ин нишондиҳандаҳои бузург буда на яку якбора, балки дар давраҳои тулонӣ бо машақати зиёд ба даст омадааст.

Ҳамасола Ҳукумати мамлакат барои баданд бардоштани сатҳи зиндагии аҳоли ғамхориҳои беназирро ба роҳ мондааст ва имрӯзҳо низ он мушоҳида карда мешавад.

Ҷиҳати идома додани ғамхории давлат ва Ҳукумати мамлакат ба мардуми кишвар, барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз тарафи Пешвои муаззами миллат супориш дода шуд:

– аз 1-уми июли соли 2024 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо дар ҳаҷми 30 фоиз аз андозаи муқарраршудаашон индексатсия, яъне зиёд карда шаванд.

– аз 1-уми июли соли 2024 маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 40 фоиз зиёд карда шаванд;

– инчунин, аз 1-уми январи соли 2024 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар кормандони ин мақомот 40 фоиз зиёд карда шавад;

Ҳамзамон бо ин, аз 1-уми июли соли 2024 ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба андозаи 800 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.

Вобаста ба ин қайд намудан ба маврид аст, ки ҳадафи асосӣ ва олии Ҳукумати мамлакат мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ, таъмини ҳаёти осоишта ва солими аҳолӣ ба ҳисоб рафта дар оянда низ ин нишондиҳандаҳо тадриҷан боло рафта таъмини барномаи дарозмуҳлати стратегияи миллии рушди иқтисодӣ ба роҳ монда хоҳад шуд.

Қобили зикр аст, ки соҳибкорони мамлакат, дар навбати худ, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои кории нав саҳми назаррас гузошта истодаанд ва бовар дорам, ки чунин иқдомоти созанда аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст вусъати боз ҳам бештар пайдо мекунанд.

Лозим ба ёдоварист, ки сарвари давлат дар тамоми баромадҳо ва вохӯриҳои худ махсусан оид ба рушди рушди соҳаҳои иқтисодиёт диққати махсус зоҳир менамоянд. Эълон гардидани солҳои 2022-2026 ҳамчун солҳои рушди саноат дар кишвар яке аз иқдомҳои асосии

рушди иқтисоди мамлакат ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз тавассути баланд бурдани соҳаи саноат кишвар метавонад ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръатро таъмин намояд.

Пешрафти соҳаи саноат инчунин содиротро бештар намуда истеҳсоли молу маҳсулоти баландсифатро ба роҳ монад. Дар натиҷа дар кишвар ҷойҳои нави корӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, бунёди корхонаҳои замонӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъмин карда мешавад.

Аз ин ҷо хулоса намудан мумкин аст, ки нақши паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди таъмини рушди низоми дастгирии бахшҳои калидӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Маҳз сиёсати хирадмандона ва фаъолияти пурсамари Пешвои миллат имкон медиҳад, ки дар оянда низ сулҳу субот, амнияти ҷомеа, рушди иқтисодӣ ва пешравии бахшҳои мухталиф ба назар расанд ва мо ҷавонон, соҳибкорон, зиёиёни кишвар ва тамоми аҳолии ҷумҳурӣ аз як гиребон сар бароварда ватанамонро обод кунем ва дар арсаи байналмилал бори дигар муаррифӣ намеоем.

Фатҳулло Ҷабборов - н.и.и., дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии ДБССТ

# РАҚАМИКУНОНИИ СОҲАҲОИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ МАСЪАЛАИ МЕҲВАРИИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, ҷорисозии технологияҳои рақамӣ ба сифати яке аз омилҳои калидии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ баромад менамояд. Зеро, татбиқи технологияҳои рақамӣ ба баландбардории рақобатнокии соҳаҳои мухталифи иқтисод, фароҳамсозии имконоти нави пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар заминаи пайвастшавӣ ба занҷираҳои байналмилалии ташаккули арзиш, зуҳур намудани бозорҳои нав, инчунин воридсозии молҳои нави рақамӣ ба бозорҳо мусоидат менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки раванди рақамикунонии соҳаҳои иқтисод дар мамлакатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ гуногун буда, аз сиёсат, меъёрҳои ҳуқуқӣ, анъана, фарҳанг, сатҳи рушди иқтисод, маориф, пойгоҳи технологӣ ва омилҳои муҳимми дигар, ки дар раванди таҳвили рақамии ин ва ё он кишвар нақши назаррас доранд, вобастагии зич дорад.

Дар шароити муосир, рақамикунонӣ ба ташаккули тағйироти зиёди сохтории сифатӣ дар иқтисоди миллӣ мусоидат намуда, коркардҳои зиёдеро ба монанди, зеҳни сунъӣ, технологияҳои абрӣ, блокчейн, алоқаи бесим, роботсозӣ, чопи 3D, интернети фаррохмавҷ, хизматрасониҳои рақамӣ ва амсоли инҳо фаро мегирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳадафи ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушди кишвар ба масъалаи рақамикунонии иқтисод ва таҳвили рақамии соҳаҳои алоҳида диққати аввалиндараҷа дода шуда, ҷорисозии ҳамаҷонибаи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла технологияҳои пешқадам заминаи асосии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рақобатнокии байналмилалии кишвар арзёбӣ мегардад.

Дар ин росто, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28 декабри соли 2023 зимни ироаи Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар масоили мубрами иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба масъалаи татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, иброз доштанд, ки “Мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем”.

Дарвоқеъ, дар қатори масоили мубрами дигари рушди иқтисоди миллӣ афзалиятнок эълон намудани рақамикунонии иқтисод саривақтӣ арзёбӣ мегардад, зеро рақамикунонии соҳаҳои мухталифи иқтисод ба ниҳодҳои давлатӣ, субъектҳои соҳибкорӣ ва аҳолӣ имкон фароҳам месозад, ки ба давраи комилан нави дигаргунсозиҳои ҷаҳонӣ ворид гарданд, дар рушди он ҳиссагузор бошанд ва фаъолияти пурсамар дошта бошанд.

Бояд иброз намуд, ки Пешвои муаззами миллат дар Паёми имсолаи худ ба татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисод, аз ҷумла маориф, молияву андоз, хизматрасониҳои бонкӣ, ҳифзи муҳити зист, нақлиёт ва ғайраҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ба масъулин дастуру супоришҳо доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём, қабл аз ҳама ба рушди соҳаи маориф диққати аввалиндараҷа зоҳир карда, хотирнишон намуданд, ки “Авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд”.

Пешвои миллат дар робита ба таъмини рушди муназзами низоми маорифи ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа, дар қатори омилҳои муҳими дигар, таъкид намуданд, ки ба масъалаи рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Ҳамин тавр, баҳри иҷрои дастуру супоришҳои болозикр моро зарур аст, ки дар заминаи омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ бо мақсади баланд бардоштан ва тақвият бахшидани саводнокии рақамӣ технологияҳои рақамиро дар тамоми зинаҳои таҳсилот татбиқ намоем.

Дар шароити муосири рақамикунонии иқтисод ҷорисозии технологияҳои рақамӣ дар раванди таҳсилот ба рушди малакаи таҳлилӣ ва қобилияти эҷодии мутахассисон дар самти истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои мухталиф мусоидат намуда, салоҳиятнокии касбии онҳоро дар ин самт баланд мебардорад.

Бояд иброз намуд, ки раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омода кардани кадрҳои баландихтисос, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, татбиқи технологияҳои рақамӣ, тавсеаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ тадбирҳои заруриро роҳандозӣ ва амалӣ намуда истодааст.

Лозим ба ёдоварист, ки 14 декабри соли 2023 зимни ташрифи Пешвои муаззами миллат ба Филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва ба истифода додани бинои таълимии он платформаи нави рақамикунонии соҳаҳои мухталифи фаъолияти донишгоҳ, воҳидҳои сохтории он ва васоити техникии муосир барои рақамикунонии раванди таҳсилот муаррифӣ карда шуд, ки тавассути он омӯзгорону донишҷӯён ва хонандагони донишгоҳ ва муассисаҳои зертобеи он ба адабиёти илмиву таълимии электронӣ, мавод барои омодагӣ ба озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, гардиши электронии ҳуҷҷатҳо ва амсоли инҳо дастрасӣ пайдо менамоянд.

Раёсати донишгоҳ дар самти тавсеаи низоми мазкур тадбирҳои заруриро амалӣ намуда, бо ҳадафи рақамикунонии раванди идоракунӣ ва таҳсилот ҷиҳати рушди он барои давраҳои минбаъда чораҷӯӣ намуда истодааст.

Дар баробари ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазорату идораҳои дахлдорро ҷиҳати таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, самаранокии хароҷоти он ва фарогирии пурраи сарчашмаҳои имконпазири даромади буҷет барои густариши раванди рақамикунонии молияву андоз, роҳандозии низоми мукаммали муносибатҳои молияи рақамӣ, рақамикунонии ҳифзи муҳити зист, хизматрасониҳои нақлиётӣ, ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ вазифадор намуданд.

Ҳамин тавр, дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат дар ин самт моро ҳамчун масъулини муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дар қатори дигар вазорату идораҳои дахлдор водор месозанд, ки бо як ҷаҳон масъулият дар самти омодасозии кадрҳои баландихтисоси босалоҳият дар ҷодаи рақамикунонии молияву андоз, ҳифзи муҳити зист, хизматрасониҳои нақлиётӣ, рушди муносибатҳои молияи рақамӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ саҳмгузор бошем.

Ба хотири садоқат ба заҳматҳои содиқонаи Пешвои муаззами миллат, арҷгузорӣ ба сулҳу субот, оромии вазъи сиёсӣ ва ваҳдату якпорчагии мамлакат тамоми саъйю кӯшиши худро дар самти омодасозии кадрҳои баландихтисос барои гулгулшукуфоӣ ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистони азизу маҳбубамон равона намоем.

Зоирзода Исломбек Сангмаҳмад –
н.и.и., дотсент, муовини ректор оид ба илм ва
инноватсияи ДБССТ

## РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР МЕҲВАРИ ПАЁМ

Соҳаи маориф аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон гардидааст. Бо дарназардошти сиёсати оқилона ва дурандешонаи Сарвари давлат зарур аст, ки ба рушди сармояи инсонӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад. Зеро, таълиму тарбия ҳамчун унсури муҳими сармояи инсонӣ бояд пайваста такмил дода шуда, ба талаботи бозори меҳнати ватаниву ҷаҳонӣ ҷавобгӯй бошанд. Махсусан, дар шароити иқтисодиёти давраи гузариш низоми омодасозии мутахассисони касбӣ аҳамияти басо калон касб мекунад. Қобили қайд аст, ки ба туфайли болоравии сатҳи маърифатнокии аҳолӣ, аз он ҷумла, тавассути маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ суръати баланди рушди иқтисодиро дар мамлакат таъмин намудан мумкин аст.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон собитгари он аст, ки инкишофи ҳама самтҳои фаъолияти ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи рақобатнокии он аз истифодаи самараноки сармояи инсонӣ вобастагии калон дорад. Дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушди ҷомеа нақши сармояи инсонӣ нисбат ба дигар омилҳо назаррас арзёбӣ мегардад.

Ин аст, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023 ба рушди сармояи инсонӣ ва истифодаи оқилонаи он таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, қайд карданд, ки “Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад”.

Воқеан, сармояи инсонӣ қисми таркибии ҳаёти ҷамъиятиест, ки дар шароити имрӯза бо дарназардошти нақши ҳалкунанда доштан дар таъмини рушди иқтисодиёт ҳамчун падидаи нисбатан рушдкунанда бо ҳама соҳаҳои иқтисодиёт алоқаманд мебошад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 сармояи инсонӣ ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати мамлакат арзёбӣ гардида, дар ин ҳуҷҷати асосии барномавии рушди ҷумҳурӣ принсип ва вазифаҳои ин омили муҳим барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии кишвар асоснок карда шудааст.

Дар ин ҳуҷҷати муҳими стратегӣ афзалиятҳо баҳри рушди сармояи инсонӣ, ба монанди ислоҳоти низоми маориф ва илм, ки ба таъмин намудани баробарӣ ва дастрасӣ ба таҳсилот замина мегузорад, таъмини солимии аҳолӣ дар чорчӯбаи сифати зиндагӣ, таҳкимдиҳии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани арзишҳои фарҳангии рафтор дар асоси модернизатсияи низоми дастгирии давлатии соҳаи фарҳанг ва санъат, ташаккули муҳити мусоид барои зиндагӣ тавассути баланд бардоштани дастрасӣ ба манзил ва коҳишдиҳии нобаробарии иҷтимоӣ инъикос ёфтаанд.

Бояд гуфт, ки Ҳукумати мамлакат барои беҳтар гардидани самтҳои дастрасӣ ба таҳсилот, тандурустиву дарозумрӣ ва сатҳи зиндагии шоиста барномаҳои

давлатӣ ва тадбирҳои иловагиро амалӣ карда, дар чанд соли охир ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

Пешвои муаззами миллат зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи маблағгузории соҳаи маориф қайд намуданд, ки "Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин раддабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари тахти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд".

Мусаллам аст, ки рушди устувори соҳаи маориф ва самаранокии ислоҳоти он аз афзоиши маблағгузорӣ вобаста мебошад. Қобили қайд аст, ки дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, маблағгузории ин соҳаи калидӣ сол аз сол афзоиш меёбад. Барои мисол соли 2023 барои соҳаи маориф 7 млрд. 210 млн. 355 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки нисбат ба соли 2022, 906 млн. 330 ҳаз. сомонӣ ё ин ки 8,7 % зиёд мебошад.

Қобили қайд аст, ки солҳои соҳибистиқлолӣ дар соҳаи илму маориф аз ҷониби Ҳукумати мамлакат иқдомоти ҷиддӣ роҳандозӣ шудаву ислоҳот ва навсозӣ босуръат пеш рафта истодааст. Чунин созандагию бунёдкориҳо махсусан дар соҳаи маориф бо дарназардошти зиёд шудани шумораи аҳолӣ ва татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

Чуноне, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии хеш қайд намуданд, ки агар соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар расидааст ва тибқи дурнамо шумораи мазкур то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад. Вобаста ба ин раванд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати бунёду ба истифода додани муассисаҳои таълимии наву замонавиро дар ҳама зинаҳои таҳсилот ва баланд бардоштани имкониятҳои низоми маорифи кишвар таъкид намуданд.

Ҳамзамон, Пешвои муаззами миллат баён доштанд, ки агар дар соли 2023 шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 103 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас қабул ба синфи 1-ум ба 261 ҳазор нафар расидааст. Зикр гардид, ки дар ин давра 200 муассисаи таълимии нав ва биноҳои иловагӣ барои беш аз 85 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст.

Ҳама тадбирандешиҳои Ҳукумати кишвар ба соҳаи илму маориф, бунёди биноҳои наву замонавӣ, таъсиси муассисаҳаи нави таълимӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот дар минтақаҳои кишвар, маҳз ба хотири таъмини ояндаи дурахшони миллату давлат роҳандозӣ гардидааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба вазъияти зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва таъсири он ба низоми маорифи кишвар зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хотирнишон сохтанд, ки замони муосир низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд. Вобаста ба ин, Пешвои миллат қайд намуданд, ки "... омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.

Ҳамзамон, бо дарназардошти муҳимияти маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ ва таҳқиқоти илмӣ, Пешвои муаззами миллат боло бурдани меъёри онро дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ намуданд. Инчунин, ба Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия ва Академияи миллии илмҳо супориш доданд, ки ҷиҳати маблағгузорӣ, тақвият ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ тадбирҳои муассирро роҳандозӣ намоянд.

Умуман, сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад, аз ин рӯ, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд. Махсусан, вусъат додани раванди ихтироъкорӣ, азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани онҳо дар истеҳсолот вазифаи аввалиндараҷаи олимони кишвар бояд ба ҳисоб равад.

Қудратов Некруз Абдунабиевич -
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори
раёсати илм ва иноватсияи ДБССТ

# ТАҲДИД ВА ХАТАРҲОИ ҶИНОЯТҲОИ КИБЕРӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аҳамияти таҳкими амнияти киберии кишвар, дастрасии технологияҳои навро барои муҳофизат аз ҳамлаҳои киберӣ ва тақвияти чораҳои мубориза бо ҷиноятҳои кибериро таъкид намуданд. Бешубҳа, ҷиноятҳои киберӣ ба амнияти миллии аксари кишварҳо хатари ҷиддӣ эҷод намудаанд. Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва интернет, таҳдидҳои киберӣ мураккабтар, гуногунтар ва маъмултар шуданд.

Ҷаҳони муосир шоҳиди пайдоиши намудҳои нави ҷиноятҳо гардида истодааст, ки асосан бо рушди технология, тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дигар омилҳо алоқаманданд. Амнияти киберӣ мушкилоти стратегии муҳимми давлатӣ мебошад, ки ба ҳамаи табақаҳои ҷомеа дахл дорад. Сиёсати давлатӣ дар самти таъмини амнияти киберӣ ҳамчун воситаи тақвияти амният ва эътимоднокии системаҳои иттилоотии давлат хизмат мекунад. Инсон, ҷомеа ва давлат ба таҳдидҳои афзояндаи киберҷинояткорӣ имрӯз бидуни таваҷҷӯҳи зарурӣ муносибат мекунанд.

Дар Паёми хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд намуданд, “Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем”.

Ҷинояткорӣ бо ТИК ва фазои маҷозӣ на танҳо меафзоянд, балки шакли худро соат ба соат тағйир дода, оқибатҳои он торафт мураккабтар ва хатарноктар гардида истодаанд. Барномаҳои зараровар низ мураккаб гардида, дар оянда, интизор меравад, ки барномаҳои вирусии насли нав сохта мешаванд, ки метавонанд иттилоотро дар компютери сироятшуда комилан ва бебозгашт нобуд кунанд. Ҳамчунин, шаклҳои нави ҷиноятҳои киберӣ пайдо ва дар амалия содир шуда истодаанд, ки ба амнияти давлат таҳдид бавуҷуд оварда истодаанд ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри ҳифзи амнияти миллӣ аз ин таҳдидҳо чораҳои сатҳи зарурии муасирро саривақт муқаррар накарда истодааст. Ҷиноятҳои киберӣ - ин шаклҳои гуногуни ҳамлаҳои фазои рақамиро дар бар мегиранд, ба монанди ҳамлаҳои хакерӣ, ҷосусии киберӣ, қаллобии киберӣ, паҳнкунии барномаҳои зараровар, кибервандализм, кибертаҳдидҳо, терроризми ва экстремизми маҷозӣ, муомилоти маводи мухаддир дар шабакаҳо, ҷиноятҳои технологӣ алайҳи ширкатҳо, кибербуллинг ва киберхарассмент, амалиёти террористӣ бо истифода аз дронҳо, ҷиноятҳои экологӣ ва монанди инҳо.

Дар зер баъзе аз кибирҷиноятҳоро, ки бо рушди технология, тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дигар омилҳо шакли навро касб намудаанд ва бештар ба амнияти инсонҳову ҷамъият ва давлат таҷовуз меоваранд, таҳлил карда шудааст:

1. **Терроризми ва экстремизми маҷозӣ,** яъне истифодаи интернет барои ҷалб, паҳн кардани таблиғот, даъват ва ҳамоҳангсозии фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ фаъолона истифода гардида истодааст. Имрӯз ҳам таҳдидҳои терроризму экстремизми байналмилалӣ проблемаи мубрам боқӣ мондааст ва ин зиракӣ, андешидани чораҳои саривақтӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои пайдоиши ғояҳои ифротгароиро барои саодати миллионҳо нафар тақозо менамояд. Дар баробари ин, ҳифзи ҳуқуқи инсон яке аз вазифаҳои муҳим ҳангоми муборизаву муқовимат бо терроризм ва экстремизм мебошад. Ҳарчанд решаҳои зуҳуроти зуҳурёбии экстремизм (ифротгароӣ) ва терроризм ба таърихи

тӯлонӣ бармегардад, аммо онҳо ҳеҷ гоҳ ба суботу рушди ҷомеа мисли имрӯз таҳдид накардаанд. Зеро ҳоло экстремизм ва терроризм хусусияти умумиҷаҳонӣ (байналмилалӣ) дошта, барои тамоми кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон хатари баробар доранд. Аз ин рӯ, пешгирӣ ва муқовимат бо он ба масъалаи оянддаи башарият табдил ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза ву муқовимат бар зидди экстремизм ва терроризм дар арсаи байналмилалӣ мавқеи хос ва пешсафро дошта, дар сатҳи универсалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ якчанд снадҳои байналмилалиро эътироф кардааст ва бо давлатҳои алоҳида шартномаву созишномаҳои дуҷониба бастааст. Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши муассир дошта, яке аз омилҳои калидии муқовимат бо терроризму экстремизм ва умуман ҷинояткорӣ мебошад. Инро ба назар гирифта, Пешвои муаззами миллат пешниҳод намуданд, ки соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад. Баландбардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва баландбардоштани сифати таҳсил омили асосии муқовимат бо терроризм ва экстремизм мебошанд.

2. **Амалиёти террористӣ бо истифода аз таҷҳизоти бесарнишини парвозкунанда (дронҳо).** Имконияти истифодаи таҷҳизоти бесарнишини парвозкунанда (дронҳо) барои расонидани зарар, назорат ё ҳатто амалҳои террористӣ хеле васеъ мебошад. Амалиёти террористӣ бо истифода аз дронҳо ба ҳолатҳое дахл дорад, ки террористон дронҳоро барои амалӣ кардани ҳамлаҳои террористӣ ё дигар амалҳои зараровар истифода мебаранд. Дронҳо ба технологияҳои дастрас ва нисбатан ба осонӣ дастрас табдил ёфтаанд ва истифодаи онҳо дар заминаҳои гуногун, аз ҷумла терроризм, барои ҳукуматҳо ва дар маҷмӯъ ҷомеа нигаронӣ шудааст. Дар зер баъзе мисолҳо оварда шудаанд, ки чӣ гуна дронҳоро дар амалиёти террористӣ истифода мебаранд: а) *дар амалиётҳои ҷангӣ*. Террористон дронҳои мусаллаҳро барои ҳамлаҳо, аз ҷумла зарба задан ба иншооти низомӣ, инфрасохтори муҳим, иншооти шаҳрвандӣ ва ҳатто бар зидди дигар дронҳо истифода мебаранд; б) *ҳангоми ҷосусӣ ва корҳои иктишофӣ*. Дронҳоро барои ҷамъоварии маълумоти иктишофӣ дар бораи ҷойгиршавии нерӯҳои низомӣ, иншооти амниятӣ ё дигар объектҳои муҳими стратегӣ истифода мебаранд; в) *интиқоли маводи тарканда*. Дронҳо метавонанд барои интиқол ва интиқоли маводи тарканда ба ҷойҳое, ки террористон мақсаднок мешуморанд, истифода шаванд; г) *амалҳои террористӣ алайҳи чорабиниҳои оммавӣ*. Дронҳоро барои ҳамлаҳои террористӣ ҳангоми чорабиниҳои калон, аз қабили чорабиниҳои варзишӣ, консертҳо ва ҷамъомадҳои оммавӣ истифода мекунанд; д) *ноором кардани ҷомеа*. Террористон метавонанд дронҳоро барои эҷоди ваҳм ва ноором кардани ҷомеа истифода баранд, ба монанди паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ё ҳамла ба иншооти шаҳрвандӣ. Барои муқовимат ба чунин таҳдидҳо, мақомоти амниятӣ ва дигар мақомоти дахлдор бояд стратегияҳо ва технологияҳо, аз ҷумла системаҳои ошкор ва боздошти дронҳо, бақайдгирии давлатии онҳо, насб кардани таҷҳизоти назоратӣ ба ҳар як дрон, назорати воридкунии онҳо, қонунҳо ва қоидаҳое, ки истифодаи дронҳоро танзим мекунанд ва технологияҳоро барои пешгирии амалҳои номатлуби ин дастгоҳҳо таҳия кунанд.

3. **Кибервандализм** - шакли киберҷиноятест, ки дар он ҳамлагарон қасдан ба системаҳои компютерӣ, сомонаҳо ва захираҳои рақамӣ бо мақсади вайрон кардан, тағйир додан ё ба таври дигар зарар расонидан ба маълумот ё инфрасохтори иттилоотӣ ҳамла мекунанд. Ин истилоҳ аксар вақт барои тавсифи фаъолиятҳое истифода мешавад, ки ба эҷоди бесарусомонӣ, нобуд кардани маълумот, тағйир додани намуди зоҳирии сомонаҳо ё танҳо ба хашм овардани корбарон нигаронида шудаанд. Кибервандализм метавонад намудҳои зерини ҳамлаҳоро дар бар гирад: а) *таҳрифи (deface — таҳриф, зишт) сомонаҳо*. Ҳамлагарон метавонанд сомонаҳоро рахна намуда, мазмуну мундариҷаи маводҳои онҳоро тағйир диҳанд, аксар вақт тасвирҳо, паёмҳо ё шиорҳоеро ҷойгир мекунанд, ки метавонанд хусусияти таҳқиромез ё сиёсӣ дошта бошанд; б) *ҳамлаҳо ба пойгоҳи додаҳо*. Ҳамлагарон метавонанд ҳамлаҳоро ба пойгоҳи додаҳо равона кунанд, ки ҳадафи онҳо нест кардан, тағйир додан ё дуздии иттилоот бошад; в) *ҳамлаҳои вирусӣ*.

Паҳншавии вирусҳо ва нармафзори зараровар, ки ба системаҳои компютерӣ ва додаҳо зарар мерасонанд; г) *ҳамлаҳои шабакавӣ.* Рад кардани хидмат (DDoS) ҳамлаҳое, ки ба изофабори захираҳои шабакавӣ ва муваққатан ё доимӣ хомӯш кардани дастрасӣ ба сомонаҳо ё хизматрасониҳои маҷозӣ нигаронида шудаанд; д) *паҳнкунии спамҳои оммавӣ.* Ҳамлаҳои мақсаднок ба паёмдони электронӣ ва дигар платформаҳои маҷозӣ тавассути фиристодани спам-паёмҳо; е) *манипулятсияи иттилоот.* Паҳн кардани иттилооти бардурӯғ, хабарҳои қалбакӣ ё дигар намудҳои маълумоти бардурӯғ. Кибервандализм метавонад аз ҷиҳати идеологӣ, сиёсӣ ё танҳо як амали авбошӣ дар муҳити маҷозӣ бошад. Мубориза бо кибервандализм такмил додани чораҳои амниятӣ, нусхабардории маълумот, мониторинги фаъолияти сомонаҳо ва истифодаи технологияро барои ошкор ва пешгирии чунин ҳамлаҳо дар бар мегирад.

4. **Қаллобии молиявӣ** - бо рушди молияи электронӣ ва пардохтҳои маҷозӣ, шаклҳои нави қаллобии молиявӣ ба монанди фишинг, қаллобӣ бо корти бонкӣ ва схемаҳои криптовалютӣ ба вуҷуд омаданд. Қаллобии молиявии маҷозӣ намудҳои гуногуни амалҳои фиребгарӣ мебошанд, ки бо истифода аз шабакаи интернет ва бо мақсади ба даст овардани фоидаи ғайриқонунии молиявӣ анҷом дода мешаванд. Ин нақшаҳои қаллобӣ метавонанд аз қаллобӣ бо корти кредитӣ то қаллобии молиявӣ, ки низомҳои пардохти электрониро дар бар мегиранд, фарқ кунанд. Дар зер баъзе намудҳои маъмули қаллобии молиявии маҷозӣ оварда шудаанд: а) *фишинг (англ. phishing аз fishing «доштани моҳӣ, бо шаст доштани моҳӣ»)*, яъне фиристодани мактубҳои дидаву дониста бардурӯғ ё сомонаҳое, ки ҳамчун қонунӣ ба назар мерасанд, то одамонро фиреб диҳанд ва аз онҳо маълумоти ҳассос, аз қабили рамзҳо (паролҳо), рақамҳои корти кредитӣ ва маълумоти шахсиро ҷалб кунанд; б) *қаллобии корти бонкӣ*, яъне ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумоти бонкӣ, нусхабардории тасмаҳои магнитии корт ё истифодаи воситаҳо (скиммерҳо) барои гирифтани маълумот аз банкоматҳоро дар бар мегирад; в) *қаллобӣ ҳангоми хариди маҷозӣ* - амалиёти беиҷозат, мағозаҳои қалбакии маҷозӣ, фурӯши молҳои қалбакӣ ё хидматҳои мавҷуд набуда. г) *йаллобӣ дар тиҷорат,* яъне амалҳои қаллобӣ дар соҳаи тиҷорат, аз ҷумла ҳисоботи молиявии қалбакӣ, сӯистеъмоли саҳмияҳо ё қаллобӣ дар суратҳисобҳои тиҷоратӣ. д) *пирамидаҳои электронӣ.* Нақшаҳое мебошанд, ки иштирокчиён ҳангоми интизори фоида аз иштирокчиёни нав пул мегузоранд, ки ин нишонаи хоси бисёр пирамидаҳои молиявӣ мебошад; е) *мактубҳои тиҷоратии электронӣ (Business E-mail Compromises),* ҳамлаҳои қаллобие мебошанд, ки дар онҳо ҳамлагарон мактубҳоро барои фиреб додани кормандони ширкат ва гирифтани маблағҳои молиявӣ ё маълумоти ҳассос истифода мебаранд. ё) *ҳамлаҳои вирусӣ ба маълумоти молиявӣ.* Истифодаи нармафзори зараровар барои дуздии маълумоти бонкӣ, рамзҳо (паролҳо) ва дигар маълумоти молиявӣ.

Барои муҳофизат аз қаллобии молиявии маҷозӣ, риояи чораҳои эҳтиётӣ, аз қабили пешниҳоди маълумоти ҳассос дар сомонаҳои боэътимод, истифодаи паролҳои қавӣ, насби нармафзори зиддивирусӣ ва ҳушёрӣ ҳангоми кор бо паёмҳои электронӣ ва муомилоти маҷозӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

5. **Кибер таҳдид.** Таҳдидҳо, иръоб ва тамаъҷӯӣ дар шакли рақамӣ, ба монанди бастани маълумот ё таҳдидҳо барои ифшои маълумоти махфӣ ба таври васеъ содир гардида истодаанд. Кибертаҳдид (ё шантажи маҷозӣ) як шакли фаъолияти ҷиноятӣ мебошад, ки дар он ҳамлагарон технологияи рақамӣ ва интернетро барои таҳдид, иръоб, тамаъҷӯӣ ё фишор ба ҷабрдидагон истифода мебаранд. Кибертаҳдид аксар вақт таҳдиди ифшои маълумоти ҳассос (вобаста ба ҳаёти шахсӣ), нашри маълумоти беобрӯкунанда ё ворид кардани тағйироти зараровар ба маълумотҳои рақамиро дар бар мегирад. Ин гуна ҳамлаҳо метавонанд ҳам ба шахсони алоҳида, ҳам ба ширкатҳо, ташкилотҳо ва ҳатто муассисаҳои давлатӣ равона карда шаванд. Хусусиятҳои асосии кибертаҳдидҳо инҳо буда метавонанд: а) *таҳдиди ифшои иттилоот.* Кибертаҳдидкорон аксар вақт таҳдид мекунанд, ки агар талаботи онҳо иҷро нашавад, маълумоти махфӣ, шахсӣ ё беобрӯкунандаро ошкор мекунанд; б) *тамаъҷӯии молиявӣ.* Аксар вақт ба сифати иддао

ҷуброни молиявӣ талаб карда мешавад. Кибертаҳдидчиён дар ивази ифшо накардан ё нест кардани маълумоти беобрӯкунанда пардохтро талаб мекунанд; в) *ҳамлаҳо ба маълумоти шахсӣ.* Кибертаҳдид метавонад таҳдидҳои ифшои шахсиро ба монанди аксҳо, видеоҳо, мукотиба ва дигар маълумоти ҳассосро дар бар гирад.

Кибертаҳдид ба амнияти шахсӣ, обрӯ ва амнияти иттилоотӣ таҳдиди ҷиддӣ дорад. Мубориза бо ин намуди ҷинояткорӣ омӯзиши корбарон, истифодаи технологияҳои муосири киберамният ва ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар бар мегирад.

**6. Муомилоти маводи мухаддир тавассути шабакаҳо.** Истифодаи интернет ва криптоасъор барои муомилоти ғайриқонунӣ бо маводи мухаддир ва дигар моддаҳои мамнӯъ яке аз воситаҳои нав буда, муқовимат бо он коркади консепсия ва чорабиниҳои муассирро талаб мекунад. Муомилоти маводи мухаддир дар интернет аслан ба фурӯш ва хариди маводи мухаддир тавассути интернет дахл дорад. Ин намуди фаъолият аксар вақт дар сомонаҳои торик (Dark web) сурат мегирад, ки барои ҷустуҷӯгарони оддӣ дастрас нестанд ва барои дастрасӣ ба он барномаҳои махсусро талаб карда мешавад.

Фурӯшандагон ва харидорон метавонанд криптоасъор ба монанди bitcoin-ро барои таъмини беном ҳангоми гузаронидани амалиёти молиявӣ, яъне хариду фурӯши маводи мухаддир, истифода баранд. Муомилоти маводи мухаддир тавассути шабакаи интернет ба амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ хатари ҷиддӣ дорад, зеро онҳо паҳншавии маводи мухаддирро осон мекунанд ва метавонанд усулҳои анъанавии назорат ва мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро убур кунанд. Дар робита ба ин, мушкилоти зерин ба миён меоянд: а) *беномият.* Истифодаи технологияҳои беном ва рамзгузорӣ дар сомонаҳои торик (Dark web) пайгирӣ ва пешгирии тиҷорати маводи мухаддирро дар интернет душвор месозад; б) *дастрасии ҷаҳонӣ.* Интернет дастрасии ҷаҳониро ба маводи мухаддир таъмин намуда, хавфи паҳншавии моддаҳои хатарнокро дар саросари ҷаҳон зиёд мекунад; г) *шакли пинҳонии пардохт бо криптоасъор.* Истифодаи криптоасъор беномиятро дар амалиёти молиявӣ таъмин менамояд ва пайгирии гардиши пул вобаста ба тиҷорати маводи мухаддирро душвор месозад; д) *таъмини амнияти харидорон ва фурӯшандагон.* Имконнопазирии вохӯрии ҷисмонӣ метавонад хавфҳоро ба амнияти харидорон ва фурӯшандагони маводи мухаддир афзоиш диҳад, зеро ҳарду ҷониб метавонанд қурбонии қаллобӣ, таҷовуз ё дигар ҷиноятҳо шаванд.

Давлатҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва созмонҳои байналмилалӣ барои мубориза бо муомилоти маводи мухаддир дар тавассути шабакаи интернет, аз ҷумла такмил додани технологияҳои пайгирӣ, ташаббусҳои қонунгузорӣ ва ҳамкории байналмилалӣ чораҳо андешида истодаанд, лекин онҳо кофӣ нестанд. Бо вуҷуди ин, бо назардошти хусусияти динамикии фазои интернет, муқовимати самаранок ба ин таҳдид мушкилоти мураккаб боқӣ мемонад.

**7. Ҷиноятҳои технологӣ алайҳи ширкатҳо.** Шикастан ва ҳамлаҳо ба шабакаҳои ширктаҳо бо мақсади дуздии иттилооти тиҷоратӣ, моликияти зеҳнӣ ва ғайра яке аз таҳдидҳои асосӣ ба амнияти иқтисодӣ башумор меравand. Ҷиноятҳои технологӣ алайҳи ширкатҳо намудҳои гуногуни амалҳои ҷиноятӣ мебошанд, ки бевосита ба фаъолияти ширкатҳо ва ё технологияҳои иттилоотии онҳо нигаронида шудаанд. Ин ҷиноятҳо метавонанд ангезаҳои гуногун дошта бошанд, аз ҷумла фоидаи молиявӣ, рақобатпазирӣ, ҷосусӣ ва вайрон кардани махфият ва яклухтии (комиллии) маълумот. Намунаҳои пашнгаштаи ҷиноятҳои технологӣ алайҳи шикратҳо ҳамлаҳои хакерӣ, қаллобии киберӣ, дуздии моликияти зеҳнӣ, спам ва фишинг, рад кардани расонидани хизмат аз (DDoS) ҳамла, таҳдидҳои дохилӣ ва ғайраҳо мебошанд, ки шарҳи баъзеи онҳо дар боло оварда шудааст.

Мубориза бо ҷиноятҳои технологӣ алайҳи ширкатҳо татбиқи воситаҳои муосири амнияти киберӣ, омӯзиши кормандон, мониторинг ва таҳлили рӯйдодҳои шабака ва ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқро талаб мекунад. Дар чунин маврид тавсия дода мешавад аз барномаҳои литсензионӣ бештар истифода баранд.

**8. Кибербуллинг ва киберхарассмент** (Cyberbullying or cyberharassment), яъне таъқиби маҷозӣ, таҳдидҳо ва тамаъҷӯӣ тавассути интернет, ки аксар вақт ба шахсони алоҳида нигаронида шудаанд.

*Кибербуллинг (ё таъқиби маҷозӣ)* - ин як шакли байналмилалии таъқиб ва таҳдид мебошад, ки воситаҳои алоқаи рақамиро ба монанди шабакаҳои иҷтимоӣ, паёмҳо, форумҳо ва дигар платформаҳои онлайнро истифода мебарад. Кибербуллинг рафтори систематикӣ ва вайронкунандаро бо мақсади зарар расонидан ба некӯаҳволии эмотсионалӣ ва равонии шахси дигар дар бар мегирад. Инҳо метавонанд таҳқир, таҳдид, ифшои маълумоти шахсӣ, сохтани профилҳои қалбакӣ бо мақсади таҳқир ва ғайра бошанд. Кибербуллинг метавонад махсусан барои наврасон ва ҷавонон зараровар бошад ва ба саломатӣ ва некӯаҳволии онҳо таъсири ҷиддӣ расонад.

*Киберхарассмент* - ин истилоҳи васеъест, ки рафтори номатлуб, таҳдидкунанда ё таҳқиромезро тавсиф мекунад ва технологияро ҳамчун воситаи амалӣ кардани таъқиб истифода мебарад. Дар баробари таъқиб, он, инчунин метавонад шаклҳои дигари ҳамлаҳои маҷозӣ, ба монанди озори ҷинсӣ, табъиз, нажодпарастӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Ҳардуи ин истилоҳҳо рафтори маҷозиеро тавсиф мекунанд, ки метавонанд ба ҳолати равонӣ ва эмотсионалии шахсони ҷабрдида оқибатҳои ҷиддӣ расонанд. Роҳҳои мубориза бо кибербуллинг ва киберхарассмент иборатанд аз таълим, фароҳам овардани муҳити амнияти маҷозӣ ва ҷорӣ кардани қонунҳо ва сиёсатҳое, ки ба ҳифзи қурбониёни эҳтимолӣ нигаронида шудаанд.

**9. Вайронкунии маҷозии ҳуқуқи муаллифӣ, истифода ё паҳн кардани ғайриқонунии ҳуқуқҳои муаллифӣ дар муҳити рақамӣ.** Ин фаъолиятҳои гуногунро дар бар мегирад, ки қонунҳои ҳуқуқи муаллифиро дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ вайрон мекунанд. Инҳоянд чанд намунаи вайронкунии ҳуқуқи муаллиф: а) *вайрон кардани ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар шабакаи интернет:* бе иҷозати соҳибҳуқуқ таҷдид, паҳн кардан ва тарзи дигари истифодаи объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он; паҳн, тайёр, ворид намудан бо мақсади паҳн кардани таҷҳизот ё пешкаш кардани хизмат, ки барои сарфи назар кардан ё ба сарфи назар намудани ҳар як васоити техникии ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он пешбинӣ гардидааст, имкон медиҳад ё мусоидат мекунад; бе иҷозати соҳибҳуқуқ барҳам ё тағйир додани ҳар гуна иттилоъ дар бораи идоракунии ҳуқуқҳо; б) *шикастани ҳифзи рақамӣ,* яъне бартараф кардани воситаҳои техникии ҳифзи ҳуқуқи муаллиф, ба монанди системаҳои идоракунии ҳуқуқи муаллифии рақамӣ (DRM); истифодаи нармафзори роҳзан: зеркашӣ, насб ва истифодаи нармафзор бидуни иҷозатнома ё иҷозати мувофиқ; в) *тақаллубии ҳуқуқҳои муаллифӣ.* Муаррифии асар ҳамчун азони худ, вақте ки он воқеан асари муаллифи дигар аст.

Вайронкунии ҳуқуқҳои муаллифӣ дар шабакаи интернет ба соҳаҳои эҷодӣ ва моликияти зеҳнӣ таҳдид мекунад, даромади соҳибони ҳуқуқро коҳиш медиҳад ва метавонад ба ҳавасмандгардонии эҷоди асари нав таъсир расонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо ва чораҳои ҳифзи ҳуқуқи муаллиф мавҷуданд ва онҳо барои пешгирии вайронкунии киберӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани вайронкунандагон мукаммалиятро талаб мекунанд.

Ҳарчанд ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилооткунонӣ» аз 6–уми августи соли 2001, Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиллоот» аз 10–уми май соли 2002 , Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2–юми декабри соли 2002, Қонуни ҶТ «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30–юми июли 2007, Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25–уми марти соли 2011, Қонуни ҶТ «Дар бораи криптография» аз 3–юми декабри соли 2012, Қонуни ҶТ «Дар бори матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 19–уми марти соли 2013, КҶ ҶТ аз 21 майи соли 1998, Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7–уми ноябри соли 2003, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30–юми марти соли 2008 қабул гардида бошанд ҳам, барои муқовимат бо ин таҳдид ва хатарҳои замонавӣ самаранок нестанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи экспертизаи судӣ техникаи-компютерӣ ва видео-овозшиносӣ (аз соли 2010), шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ дар сохтори Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 2013), шуъбаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои кибернетикӣ дар назди Прокуратураи генералии ҶТ (аз соли 2015) ва Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо дар Дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ (аз соли 2023) дар муқовимат бо киберҷиноятҳо накши муассир доранд.

Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар охири Паёми хеш дуруст таъкид намуданд, ки “ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем”.

Ҳамин тавр, ҷиноятҳои киберӣ чораҳои дахлдори мубориза ва муқовимат, аз ҷумла беҳтар кардани амнияти киберӣ, таҳияи қонунҳо ва сиёсатҳои нав, ҳамкорӣ байни давлатҳо ва созмонҳои байналмилалиро талаб мекунанд ва мо бояд ба он фавран омода бошем. Дар сурати нандешидани чораҳои муасир ба амнияти миллии Ҷумҳурии тоҷикистон дар умум зарар ҷиддӣ расиданаш аз имкондур нест.

Ҳамид Маҷидов – Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, академики Академияи байналмилалии муҳандисӣ, Академияи байналмилалии мактабҳои олӣ, доктори илмҳои техникӣ, профессори ДБССТ.

Исмоилов Ҷамшед Қурбоналиевич – устоди калони кафедраи географияи иқтисодӣ ва экологияи ДБССТ.

## «ИҚТИСОДИ САБЗ» ВА ҲАЛЛИ МУШКИЛОТҲОИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

«Иқтисоди сабз» яке аз самтҳои муосири илми иқтисод буда, дар пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ саҳми арзанда мегузорад. «Иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истеҳсоли “энергияи сабз” вобастагии калон дорад. Бинобар ин, барои пешрафти он дар Тоҷикистон истеҳсоли “энергияи сабз”-ро афзун намудан лозим аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зиёд кардани истеҳсоли “энергияи сабз” таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27-уми октябри соли равон зимни суханронӣ дар мубоҳисаҳои сатҳи баланд тахти унвони «Амалисозии иқдомҳо дар соҳаи иқлим» иброз доштанд: «Бо назардошти саъю талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати дастрасӣ ба сатҳи сифрии партовҳои гулхонаӣ, мо ният дорем, ки иқтидорҳои худро оид ба истеҳсоли “энергияи сабз” то соли 2050 ду баробар афзоиш диҳем».

Дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саммити гурӯҳи 77 ва Чин дар ҳошияи Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP 28) дар Аморати Муттаҳидаи Араб 2-юми декабри соли 2023 қайд гардидааст: «Имрӯз тағйирёбии иқлим зимни истифодаи захираҳои табиӣ ва фаъолияти бемайлони соҳаҳои мухталифи ҳайёти инсон аз мо муносибати дастаҷаъмона ва муккамалро тақозо менамояд».

Офатҳои табиӣ ҳамасола ба соҳаҳои кишоварзӣ, муҳити зист ва дар маҷмӯъ иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ ҳисороти зиёд ворид менамоянд.

Тоҷикистон низ, ки 93 %-и қаламравашро минтақаҳои кӯҳӣ ташкил медиҳанд, бинобар мунтазам рух додани офатҳои табиӣ аз тағйирёбии иқлим осебпазир мебошад.

Ҳамасола офатҳои табиӣ ба иқтисодиётӣ Тоҷикистон ба маблағи садҳо миллион доллар зарар расонида, дар бисёр мавридҳо талафоти ҷониро низ ба бор меоранд.

Тағйирёбии иқлим боиси обшавии босуръати пиряххо, коҳиши ҳаҷми оби дарёҳо гардида, ба бахшҳои асосии иқтисодиёти миллӣ, аз қабили энергетика, кишоварзӣ ва саноат таъсири манфӣ мерасонад.

То имрӯз аз 13 ҳазор пирях дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз як ҳазор адади он пурра об шудааст. Ин дар ҳоле мебошанд, ки 60%-и захираҳои оби Осиёи Марказӣ аз пиряхҳои Тоҷикистон сарчашма мегиранд. Ба ин манзур идомаи эҳтимолии раванди обшавии босуръати пиряхҳо метавонад дар оянда ба ҳаҷми захираҳои оби минтақа таъсири ҷиддии манфӣ расонад.

Бешубҳа, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид бо пешниҳоди Тоҷикистон эълон гардидани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» барои рушди ҳамкориҳои тарафҳои манфиатдор дар ин самт заминаи муносиб фароҳам меорад.

Тоҷикистон дар асоси ӯҳдадориҳои байналмилалии худ ва бар пояи муқаррароти Созишномаи Париж Стратегияи миллии худро оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим то соли 2030 таҳия намудааст.

Мо дар он назарем, ки айни замон яке аз роҳҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои Созишномаи Париж, ташаккули «иқтисоди сабз» ва истифодаи босамар аз захираҳои энергияи таҷдидшаванда ба шумор меравад.

Мусаллам аст, ки яке аз роҳҳои ҳалли бомуваффақияти мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим рушди «иқтисоди сабз» мебошад, ки дар навбати худ зарурати "энергияи сабз" – ро ба миён меорад. Айни ҳол 98%-и барқ дар кишвари мо аз манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди "неруи сабз" дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад. Тоҷикистон, ки аз рӯйи ин нишондиҳанда дар ҷаҳон ҷойи 6 – умро мегирад, аз рӯйи ҳиссаи ками ҳаҷми партовҳои гулхонаӣ низ дар мақоми мусбат қарор дорад.

Бо назардошти ин воқеият, масъалаҳои вобаста ба тағйирёбии глобалии иқлим ва пайомадҳои номатлуби он ҳамеша дар маркази таваҷҷӯҳи мо қарор дорад. Кишвари мо ба мақсади дастрасӣ ба ҳадафҳои «иқтисоди сабз» Стратегияи рушди ин соҳаро барои солҳои 2023-2037 таҳия намуда, мавриди татбиқ қарор додааст.

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Тоҷикистон ва соҳаҳои ояндадори он, бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ, захираҳои табиӣ ва дигар имкониятҳои мавҷуда, афзоиши истеҳсоли "энергияи сабз" мебошад.

Бунёди иншооти энергетикӣ бахусус, неругоҳҳои барқи обӣ, офтобӣ ва бодӣ аз қабили иқдомоти муфид дар ин самт ба ҳисоб мераванд. Иқтидори Тоҷикистон дар самти истеҳсоли энергия аз манбаъҳои барқароршаванда хеле васеъ мебошад. Аз пардохтҳои экологӣ, аз ҷумла андоз аз «гази карбон» озод намудани маҳсулоти алоҳида, ки бо истифода аз «энергияи сабз» истеҳсол шудааст, метавонад дар оянда заминаи ташвиқи рушди ин соҳа гардад.

Албатта, барои Тоҷикистон, ба мисли дигар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти пешбурди «иқтисоди сабз» танҳо бо маблағҳои буҷетӣ мушкил аст. Дар робита ба ин, мо ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва саҳми кишварҳои пешрафта дар самти рушд ва таҳкими иқтидори кишвар дар ин ҷода манфиатдор мебошем.

Бешубҳа, ҳеҷ як кишвар, сарфи назар аз зарфиятҳояш наметавонад дар роҳи мутобиқшавӣ, ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим ба танҳои муввафақ бошад. Дар фарҷом мехоҳам зикр намоям, ки мо бояд яқинан дарк кунем, ки дар шароити имрӯзаи глобалӣ ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуда дар самти кам кардани оқибатҳои манфии тағйирёбии иқлим аз ҳамаи мо талошҳои ҳарчи бештари дастаҷамъона, андешидани тадбирҳои фаврӣ ва дарозмӯҳлатро тақозо менамояд.

Дар робита ба ин, ҳамаи кишварҳои «Гурӯҳи 77 ва Чин» - ро зарур аст то барои пешрафт дар ин самт иқдомоти муштаракро роҳандозӣ намоянд. Дар суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мизи мудаввари сатҳи баланди Саммити ҷаҳонӣ оид ба амалҳои иқлимӣ 2-юми декабри соли 2023 дар Аморати Муттаҳидаи Арабӣ қайд намуданд: «Тоҷикистон аз ҷиҳати таъсири тағйирёбии иқлим ба захираҳои обӣ ниҳоят осебпазир мебошад. Мисоли ин раванд босуръат об шудани пиряхҳои мо мебошад».

Бинобар тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон ҳамасола селу обхезиҳо ва дигар офатҳои табии марбут ба об рух медиҳанд. Бар асари онҳо ба иқтисоди кишвар ҳисороти зиёд ворид мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо онҳо боиси талафоти ҷони мегарданд. Мусаллам аст, ки хатару таҳдидҳои обу иқлим талошу амалҳои ҷиддитарро талаб мекунанд. Дар ин робита, мехоҳам се нуктаи муҳимро зикр намоям. Якум, дарки амиқи масъала ва пешбурди самараноки он пеш аз ҳама иродаи сиёсӣ ва таваҷҷуҳи муштараки сарони давлатҳову ҳукуматҳоро талаб менамояд.

Ҳамкории Тоҷикистону Нидерланд ҳамчун кишварҳои болообу поёноб гувоҳи возеҳи ҳамкориҳои созанда дар ин самт мебошанд. Дуюм, имрӯз мо шоҳиди ӯҳдадории дастаҷамъонаи бонкҳои байналмилалии рушд ҷиҳати суръатбахшӣ ба маблағгузории соҳаи обу иқлим гаштем.

Сипоси хешро ба онҳо барои саҳми муассирашон дар ин ҷода иброз менамоем. Ҳамзамон, зарур мешуморем, ки дигар ҷонибҳо низ талошҳои худро дар ин самт фаъол менамоянд. Сеюм, мо бояд таҳия ва татбиқи механизмҳои муштараки расонидани кумакҳоро ба кишварҳои осебпазир таъмин намоем. Зеро онҳо барои расидан ба ҳадафҳои марбут ба об имкониятҳои маҳдуд доранд. Ба истифода аз фурсат, омодагии кишвари худро ҷиҳати минбаъд ҳам пеш бурдани масъалаҳои обу иқлим дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд иброз медорам. Итминон дорам, ки талошҳои дастаҷамъонаи мо дар ин раванд самараи дилхоҳ хоҳанд дод.

Моҳи марти соли равон Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Нидерланд Конфронси таърихии оби Созмони Милалро мизбони кард. Дар ин ҳамоиш Рӯзномаи амал қабул гардид. Он зиёда аз 800 амалу ӯҳдадориҳоро дар соҳаи об дар бар мегирад. Шумораи зиёди онҳо бо иқлим алоқамандии зич доранд.

Мусаллам аст, ки хатару таҳдидҳои обу иқлим талошу амалҳои ҷиддитарро талаб мекунанд. Дар ин робита, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи иштирокчиёни мизи мудаварро ба масъалаҳои муҳим, аз қабили дарки амиқи масъала ва пешбурди самараноки он аз ҷониби сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо, рушди тадбирҳо ҷиҳати суръатбахшӣ ба маблағгузории соҳаи обу иқлим ва таъмини татбиқи механизмҳои муштараки расонидани кӯмакҳо ба кишварҳои осебпазир, ҷалб намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ барои дигар омодагии Тоҷикистонро ҷиҳати минбаъд ҳам пеш бурдани масъалаҳои обу иқлим дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд иброз доштанд.

Ҳамин тариқ, аз баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ки ҳалли мушкилотҳои тағйирёбии иқлимро баҳри инкишофи «Иқтисодиёти сабз» истифода бурдан ба мақсад мувафақ мебошад.

Фаҳмиши «Иқтисодиёти сабз»-ро вақтҳои охир олимону рӯзноманигорон, мутахассисону коршиносони соҳаи энергетика, кишоварзӣ хеле зиёд мавриди истифода қарор медиҳанд. Мувофиқи ақидаи коршиносони ташкилоти СММ, «Иқтисодиёти сабз» чунин тарзи фаъолияти хоҷагидорист, ки ба боло рафтани сатҳи зиндагии одамон ва таъмини адолати иҷтимоӣ мусоидат намуда, ҳамчунин хатарро ба муҳити зист ва харобшавии табиат коҳиш медиҳад.

Масалан, дар соҳаи кишоварзӣ ба ҷойи нуриҳои маъданӣ, истифодаи нуриҳои органикӣ-поруи чорвою паранда, хазони рустаниҳо, ба ҷойи заҳрхимикатҳо усули биологии ҳимояи зироат, бунёди гармхонаҳои офтобӣ, ба роҳ мондани усули қатрагии обёрии зироат, захира намудани оби барфу борон дар мавзеъҳои камоб дорои манфиатҳои зиёди иқтисодию экологӣ мебошанд. Дар ин ҳолат, фоида зиёд ва саломатии одамон ҳифз мешаванд.

Дар Тоҷикистон баҳри солим нигоҳ доштани муҳити зист дарояндаи наздик шароити хуб муҳайё мегардад. Баъди пурра ба кор оғоз намудани Неругоҳи барқи обии "Роғун" дар шаҳрҳои ҷумҳурӣ имконияти истифодабарии нақлиёти барқи-троллейбусу электровозҳо бештар мешаванд. Роҳи дигари истифодаи «энергияи сабз» истифодаи автомобилҳои бо энергияи Офтоб ҳаракаткунанда ба шумор меравад.

Истифодаи «энергияи сабз» дар шароити имрӯза имконият медиҳад, ки миқдори манбаъҳои асосии ифлоскунандаи атмосфераро дар кишвар хеле кам намоем. Бо ин восита, мо оби нӯшиданию ҳавои нафаскашиамонро тоза нигоҳ медорем ва дар ҳифзи саломатии аҳолии кишвар ба комёбиҳои наззарас ноил мегардем. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки доир ба алоқамандии «иқтисодиёти сабз» бо истифодаи самарабахши "энергияи сабз" ва саҳми он дар ҳифзи саломатии аҳолии кишвар дар ҷумҳурӣ ягон тадқиқотӣ мукаммал гузаронида нашудааст. Бинобар ин, гузаронидани тадқиқоти мукаммал дар ин самт ба мақсад мувофиқ мебошад.

Истифодаи васеи троллейбусу электромобилҳо дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе ва ба роҳ мондани ҳаракати троллейбусҳо то маркази шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ваҳдат, Бохтар, Ҳисор, Шаҳринав ва Рӯдакӣ дар баланд бардоштани «иқтисодиёти сабз» саҳми назаррас гузошта, боиси беҳтаршавии вазъи иҷтимоию экологӣ мегардад. Бо ин роҳ, ба шаҳри Душанбе омадани автомобилҳои бо газу бензин ва солярка ҳаракаткунанда хеле кам гашта, ҳавои пойтахт аз ҷиҳати экологӣ тоза нигоҳ дошта шуда, дар ҳифзи саломатии зиёди аз як миллион аҳолӣ саҳми арзанда гузошта мешавад.

Ҷамшедов М.Ҷ. - д.и.и., профессори ДБССТ

# АНДЕШАВУ ХУЛОСАҲО ПЕРОМУНИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН «ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ» (АЗ 28.12.2023)

Паёми имсолаи Президенти мамлакат нисбат ба паёмҳои пештара аз он фарқ менамояд, ки рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз рӯйи чор ҳадафҳои асосии дар Стратегияи милли рушд барои давараи то соли 2030 муқарраршуда сурат гирифт ва далелҳо собит менамоянд, ки ба ҳамаи мушкиливу монеаҳои иқтисоди ҷаҳонӣ нигоҳ накарда иқтисоди мамлакат ба сатҳи муайяни рушд ноил гардид.

Дар соли 2023 нишондиҳандаи макроиқтисодии мамлакат -маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нисбат ба соли 2022 - 8,3 дарсад зиёд гардида ба андозаи зиёда аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Қисми даромади буҷети давлатӣ 102,5 дарсад иҷро гардид ва аз ҳисоби он бо мақсадҳои рушди масъалаҳои иҷтимоӣ беш аз 40 миллиард сомонӣ маблағҳо равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2022- 5,3 миллиард сомонӣ зиёд аст.

Дар ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 дарсадро ташкил дода, ҳаҷми ММД 1,5 баробар афзун гардид.

Даромадҳои пулии аҳолӣ дар давраи таҳлил 3,3 баробар афзоиш ёфта, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112,7 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расид.

Музди миёнаи меҳнат бошад беш аз 2 баробар ва ҳаҷми нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардид.

Сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуда, соли 2023 - 3,8 дарсадро ташкил дод.

Сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 дарсади соли 2017 то 21,2 дарсад дар соли 2023 коҳиш ёфт.

Дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83 дарсади соли 1999-ум то 62 банди фоизӣ дар соли 2023 паст карда шуд.

Бо мақсади идома додани ин раванд ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар ҳафт соли минбаъда то ба 10 дарсад коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ тадбирҳои мушаххасро амалӣ намояд.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки дар соли 2024 тавассути татбиқи самараноки барномаву нақшаҳои қабулгардида суръати рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи на кам аз 8,0 дарсад таъмин карда шавад.

Соли 2023 ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ нисбат ба соли 2017-ум 1,6 баробар афзоиш ёфт.

Бо мақсадҳои иҷтимоии буҷети давлатӣ тақвият дода шуда, хароҷот барои соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз 9,6 миллиард сомонии соли 2017 ба 18,5 миллиард сомонӣ дар соли 2023 ё худ 1,9 баробар зиёд гардид.

Дар се соли минбаъда, ба ин мақсад 61 миллиард сомонӣ маблағҳои буҷети давлатӣ равона карда мешавад.

Дар ин давра бақияи умумии пасандозҳои аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дар муассисаҳои қарзии ватанӣ 32 дарсад зиёд гардида, ба 18,6 миллиард сомонӣ расид.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида миқдори субъектҳои соҳибкорӣ дар 7 соли охир аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор баробар гардид.

Дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойҳои корӣ, 1380 иншооти соҳаи маориф, 1213 муассисаи тандурустӣ, 11,5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду азнавсозӣ карда шуданд.

Танҳо дар соли 2023 соҳибкорони мамлакат 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода супориданд.

Соли ҷорӣ аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст дар соҳаи маориф 117 иншоот барои беш аз 43 ҳазор хонанда бунёд гардида, дар соҳаи тандурустӣ сохтмону азнавсозии 139 иншоот анҷом дода шуд.

Дар ҳафт соли охир беш аз 95 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардид, аз он ҷумла зиёда аз 30 миллиард сомонии онро сармояи мустақим ташкил менамояд.

Ҳоло дар мамлакат боз 724 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 152 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст.

Тавассути «Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030» ҳаҷми сармояи мустақим соли 2026 то 10 дарсади ММД мамлакат расонида мешавад, тӯли солҳои 2022-2026 бошад, зиёда аз 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда хоҳад шуд.

Дар зарфи солҳои истиқлоли давлатӣ амалисозии нақшаву барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон дод, ки дар кишвар беш аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойҳои корӣ сохта, ба истифода дода шавад.

Дар 75 соли замони гузашта (то соли 1991) дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошт.

Ҷиҳати амалисозии ин иқдом тайи ду соли охир дар кишвар беш аз 1200 коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода шудааст.

Соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 1992-4,6 баробар афзоиш ёфта, ба зиёда аз 46 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Танҳо дар ҳафт соли охир ин нишондиҳанда 2,4 баробар зиёд гардидааст.

Дар давраи таҳлил содироти маҳсулоти саноатӣ тамоюли коҳишёбӣ пайдо кардааст.

Соли 2022 содироти маҳсулоти соҳа ба 22,8 миллиард сомонӣ расида буд, вале дар соли 2023 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 18,5 миллиард сомониро ташкил карда, 19 дарсад кам гардид.

Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои навсозӣ, яъне таъмиру таҷдиди низоми энергетикии кишвар 85,7 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.

Соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт – соат ё 28 дарсад зиёд мебошад.

Соли 2025 агрегати сеюми неругоҳи барқи обии «Роғун» ба истифода дода мешавад.

Бо ин мақсад дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳоло дар ин иншооти муҳимми аср 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ва 3,5 ҳазор техникаи сохтмонӣ пурсамар фаъолият доранд.

Яъне Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи «иқтисоди сабз» соли 2037 воқеан ба «кишвари сабз» табдил меёбад.

Ҳоло кишвари мо аз рӯйи фоизи истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқароршаванда дар ҷаҳон дар ҷойи 6-ум қарор дорад.

Дар натиҷаи тадбирҳои аз ҷониби Ҳукумати мамлакат амалигардида ва заҳмати софдилонаи кишоварзон сатҳи таъминнокии аҳолӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ афзоиш ёфта, соли 2023 истеҳсоли ғалладонагиҳо назар ба соли 1991-ум 6 баробар, аз ҷумла гандум 5,6 ва шолӣ 6,7 баробар, картошка 10,8 баробар, сабзавот 9, полезӣ 17,5, меваҷот 10 ва ангур 2 баробар афзоиш ёфтааст.

Дар ин давра саршумори чорвои калони шохдор 2 баробар (ҳоло шумораи он ба 2,6 миллион сар расидааст), чорвои майда 2 баробар (6,6 миллион сар) ва паранда 1,9 баробар (12,2 миллион сар) зиёд шудааст.

Воридоти гӯшт аз хориҷи кишвар сол ба сол кам гардида, аз 10,7 ҳазор тонна дар соли 2014 ба 144 тонна дар соли 2023 коҳиш ёфтааст.

Воридоти шир ниҳоят кам ба қайд гирифта шудааст.

Яъне ҳоло талаботи аҳолии мамлакат бо гӯшту шир пурра аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ таъмин шуда истодааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар замони сохти шӯравӣ ҳар сол ба ҷумҳурӣ 160 ҳазор тонна гӯшт ва 170 ҳазор тонна картошка ворид мегардид.

Дар се даҳсолаи гузашта аҳолии Тоҷикистон аз 5 миллион ба 10 миллион нафар расид, яъне талабот ба маводи ғизоӣ ду баробар афзоиш ёфт.

Соли 2023 таъминоти аҳолии кишвар бо маҳсулоти асосии хӯрокворӣи истеҳсоли ватанӣ ба 85,0 дарсад расонида шуд, ки ин нисбат ба соли 1991- 2,5 баробар зиёд аст.

Истеҳсоли бархе аз маҳсулотҳои кишоварзӣ, аз қабили картошка (122 дарсади талабот), сабзавот (174 дарсад), пиёз (527 дарсад), сабзӣ (360 дарсад), полезӣ (312 дарсад), гӯшту шир (100 дарсад ҳар кадом дар алоҳидагӣ) барзиёд нисбат ба меъёри истеъмолии муқарраркардашуда таъмин гардонида шудааст.

Солҳои охир дастгирӣ ва имтиёзҳои барои рушди соҳаи кишоварзӣ пешниҳодгардида натиҷаҳои мусбат дода истодаанд: дар ҳафт соли охир ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 1,6 баробар зиёд гардидааст.

Танҳо дар асоси татбиқи имтиёз дар соҳаи парандапарварӣ дар ин давра миқдори корхонаҳои парандапарварӣ 3,3 баробар ва ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти соҳа 5 баробар афзоиш ёфтааст.

Дар солҳои 2018 – 2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии кишвар зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда шудааст.

Дар ин давра 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, соли 2023 шумораи сайёҳон ба як миллиону дусад ҳазор нафар расидааст.

Ҳамчунин, ташкили фаъолияти маҳаллу растаҳо ва гӯшаҳои ҳунармандӣ дар тамоми қаламрави мамлакат, аз ҷумла дар ҳамаи мағозаву бозорҳо ба роҳ мондани фурӯши маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, хусусан, маҳсулоту маснуоти ҳунарҳои мардумӣ масъалаҳое мебошанд, ки бояд зери назорати гурӯҳи корӣ қарор дода шаванд.

Соли 2023-юм 15 ёдгории таърихиву фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ гардид.

Бо мақсади густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, инчунин, рушди сайёҳӣ дар ин самт бо пешниҳоди Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида – Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ таъсис дода шавад.

Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад.

Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дар ин раддабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари таҳти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд.

Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.

Зарур аст, ки дар раванди амалисозии лоиҳа муҳити мусоид барои дастрасӣ ба таҳсилот, таълиму тарбияи самарабахш, таълифи китобҳои дарсии насли нав, баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳлил ва арзёбии раванди таълиму тарбия ва беҳтар кардани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ таъмин карда шавад.

Дар ин раванд, бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи

маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад.

Дар соли ҷорӣ тибқи омори расмии кишвар фавти кӯдакон 2 баробар коҳиш ёфт.

Аз ҷониби дигар, дар ин давра дарозумрии миёнаи аҳолӣ аз 70 сол ба 76,3 сол расида шуд.

Ҳамзамон аз 1-уми июли соли 2024 ҳадди ақали музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар ба андозаи 800 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.

Дар соли 2023 аз 41232 нафар донишҷӯёни тоҷик, ки ҳоло дар кишварҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд, беш аз 11 ҳазорашон духтарон мебошанд.

Танҳо соли 2023 варзишгарони Тоҷикистон аз мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ 343 медал, аз ҷумла 108 тилло, 76 нуқра ва 159 биринҷӣ ба даст оварданд, ки нисбат ба соли 2022-юм 226 медал зиёд мебошад.

Ҳоло дар кишвар барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020 – 2030 амалӣ шуда истодааст.

Соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шудааст.

Ҳамкории Тоҷикистон бо ҳамаи созмонҳои бонуфузи байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва ниҳодҳои дигар ба фароҳамсозии шароит ва имконот барои тақвияти мавқеи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ва иштироки фаъоли он дар равандҳои глобалӣ ва барномаву заминаҳои мухталиф равона гардидааст.

Паёми имсолаи Сардори давлат нақшаи рӯйимизии кулли соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва сокинони кишвар маҳсуб меёбад.

Ба андешаи инҷониб таҳлилу хулосаҳои дар Паём овардашуда воқеан аз фаъолияти дастаҷамъонаи тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ, алалхусус соҳаҳои воқеии он, соҳибкорону кишоварзон, олимону маорифчиён ва дигар бахшҳои муҳимми ҷомеаи мамлакатро дар бар гирифта, роҳҳои ҳаллу фасли камбудиҳои ҷойдошта амиқу дақиқ нишон дода шудааст.

Ҳотамов Намоз Басарович – прфессори кафедраи ҷомеашиносии ДБССТ

Ҳабибов Судошан Иззатуллоевич – устоди калони кафедраи ҷомеашиносии ДБССТ

# ИЛҲОМИ ТОЗА АЗ ПАЁМИ НАВБАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶАЛАСАИ ЯКҶОЯИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, АЗ 28 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023

28 декабри соли 2023 дар толори калони “Кохи Сомон” – Бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон, дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Паёми худ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумхурии Тоҷикистон” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуданд.

Паёми навбатии Президенти ҷумҳурӣ ба тамоми шабакаҳои оинаи нилгун ва радио манзури мардум гардонида шуд, ва нусхаи пурраи он дар матбуоти даврӣ нашр гардид. Аз ин рӯ, мардум, ҳатто ҳамватанони бурунмарзии мо Паёмро гӯш карданд.

Бегуфтугӯ, мардуми мо, инчунин дӯстони хориҷииамон, аз муваффақиятҳои махсусан дар солҳои охир ба даст овардаи ҷумҳурии мо ба ваҷд омадаанд. Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ оиди пешравиҳо дар тамоми самтҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, ва сиёсат сухан гуфта, таъкид намудаанд, ки “... ҳамаи пешравиҳои зикршуда маҳз бо заҳмати содиқонаву софдилона ва азму талошҳои ватандӯстонаи мардуми шарифи кишвар ба даст омадаанд. Аз ин лиҳоз, ба мардуми соҳибмаърифату тамаддунсоз ва шарафманду сарбаланди мамалакат барои дастгирии сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат ва заҳмати аҳлонаву ободгарона сипосу минатдории самимии худро изҳор мекунам” (Ниг. “Минбари халқ”.2023, 28 декабр. –саҳ. 3).

Пӯшида нест, ки ба Истиқлолияти давлатии мо ҳамагӣ 32 сол пур шуда бошад ҳам, ва 10 соли аввали он бо ҷанги бемаънии бародаркуши (солҳои 1992-1997) ва азнавсозии харобиҳои он гузашт. Ба ғайр аз талафотҳои ҷонӣ (мувофиқи маълумотҳо зиёда аз 150 ҳазор нафар қурбон шудаанд), зарари иқтисодии он зиёда аз 10 миллиард доллари америкоиро (бо ҳисоби ҳамонвақта) ташкил дод. Тамоми самтҳои иқтисодиёти мамалакат зарар диданд. Ин ҷанг мамлакати моро даҳсолаҳо қафо партофт. Бисёр мутахассисон, аз ҷумла мутахассисони маҳаллӣ ҳам ҷумҳуриро тарк намуданд. Зеро онҳо боварӣ надоштанд, ки ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ ба зудӣ ба итмом мерасаду, харобиҳои он ба зудӣ аз нав барқарор мешаванд.

Маҳз бо заҳмату талошҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27 июни соли 1997 сулҳи байни тоҷикон имзо гардид ва ҷанги шаҳрвандӣ ба итмом расид. Бояд дар хотир дошт, ки соли 1999 дараҷаи камбизоатӣ дар мамлакат ба 86% расида буд. Махсусан ноҳияҳои водии Вахш, Ҳисор ва Кулобро гуруснагӣ фаро гирифа буд. Дар шаҳри Душанбе пойтахти мамлакат, мардум шабу рӯз дар мағозаҳо, барои нон навбат меистоданд. Сафи гурезагон аз як миллион нафар гузашта буд.

Бо талошҳои Президенти маҳбуби миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қисми зиёди гурезагон ба ватан баргардонида шуданд. Мардуми кишвар бо як дилгармӣ рӯ ба меҳнат оварданд. Дар натиҷа аз соли 2000 рушди иқтисоди мамлакат шуруъ гардид (Ниг. “Минбари халқ”.2023, 28 декабр. –саҳ. 1).

Ҷумҳурии мо ба тамоми душвориҳои нигоҳ накарда, сол аз сол ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардид. Чуноне дар “Паём” оварда шудааст, танҳо дар 7 соли охир, дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида, шумораи субъектҳои соҳибкорӣ “аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор баробар гардид”. Махсусан ҳиссаи соҳибкорони кишвар дар муваффақиятҳои ба даст овардашуда бузург аст. Аз ҷониби онҳо дар 7 соли охир “беш аз 2 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншоотҳои

маориф, 1213 муассисаҳои тандурустӣ, 11, 5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду азнавсозӣ карда шуданд. Танҳо дар соли 2023 соҳибкорони мамлакат 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода супориданд”. (Ниг. “Минбари халқ”. 2023, 28 декабр. – саҳ. 1).

Оромии мамлакат, мутобиқати иқтисодиёти кишвар ба талаботи маблағгузаронии хориҷӣ, шароит муҳайё намуд, ки “ дар ҳафт соли охир ба кишвар ба маблағи беш аз 95 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидаст, ки зиёда аз 30 миллард сомонӣ он сармояи мустақим мебошад” (Ниг. “Минбари халқ”.2023, 28 декабр. –саҳ. 3).

Дар мамлакат солҳои 2022-2026 – ро “Солҳои рушди саноат” эълон гардид. Маҳз ба шарофати амалисозии ин иқдоми” тайи ду сли охир дар кишвар беш аз 1200 коргоҳи корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст” (Ниг. “Минбари халқ”.2023, 28 декабр. –саҳ. 1).

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳолат ва рушди неругоҳҳои барқии мамлакат диққати махсус дода шуд. Зеро, аз рушди ин соҳа на танҳо рушди саноат ва иҷтимоиёт, балки тамоми иқтисодиётм мамлакат вобастагии сахт дорад. Ба ғайр аз сохтмони иншооти бузурги аср - Неругоҳи барқии обии Роғун, соли 2025 ба истифода агрегати сеюми он дар назар аст, боз таъмиру таҷдид, яъне навсозии неругоҳе, ки амал менамоянд, зарур ҳисобида шуд. Бо ин мақсад “беш аз 11,3 миллиард сомонӣ равона гардида, Неругоҳҳои барқи обии “Сарбанд” пурра таҷдид ва иқтидори он 30 мегаватт зиёд гарда шуд.

Инчунин таҷдиди неругоҳҳои “Норак” ва “Қайроқум” бомаром идома дошта, баъди ба анҷом расонидани корҳо иқтидори онҳо, дар маҷмуъ, 423 мегаватт афзоиш меёбад. Дар натиҷаи ин ҳама соли 2023 дар ҷумҳурии мо “ истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017 4,8 миллиард киловатт соат ё 28 фоиз зиёд мебошад. (Ниг. “Минбари халқ”.2023, 28 декабр. – саҳ. 2).

Барои пешрафти ҷумҳурӣ роҳҳои аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта, аҳамияти беназар дорад. Онҳо имконият медиҳанд, ки кишвари азизи мо ҳарчи зудтар аз бумбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфта, ба кишвари транзитӣ табдил хоҳад ёфт. Ҷумҳуриамон ҳоло ба давлатҳои ҳамсоя: Ҷумҳуриҳои Узбекистон, Қирғизистон, Афғонистон Ҷумҳурии мардумии Чин имконияти муътадили тиҷоратӣ дорад. Ба ҳамин мақсад дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат 58 лоиҳаи гуногуни сармоягузорӣ давлатӣ ба маблағи 26, 6 миллиард сомонӣ амалӣ гардидааст. Чуноне дар “Паём” таъкид гардидааст, “...дар ояндаи наздик роҳҳои Тоҷикистон ба сифати долони транзитӣ ва иқтисодии Чин-Тоҷикистон-Афғонистон ва Чин-Тоҷикистон-Узбекистон–Туркманистон–Эрон–Туркия–Аврупо, инчуини Тоҷикистон–Чин–Покистон истифода хоҳад шуд” (Ниг. “Минбари халқ”. 2023, 28 декабр. – саҳ. 2).

Пӯшида нест, ки пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе боғшаҳр табдил ёфтааст. Биноҳои бисёрошёна, ки қариб тамоми ҳудуди шаҳрро фаро гирифтааст, ба ҳусни шаҳр боз ҳам зам намудааст. Ҳар як меҳмони шаҳр аз чунин муваффақиятҳо дар ҳайрат мемонад. Албатта, вазъи роҳҳои автомобилгарди пойтахт аз мадди назари онҳо дур намондаанд. Дар ин самт ҳам пешравиҳои назаррас мебошанд. Чуноне дар “Паём” таъкид гардидааст: “ дар 7 соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар пойтахти мамлакат 82 километр роҳҳо ба маблағи 2 миллиарду 235 миллин сомонӣ азнавсозӣ карда шудаанд.

Дар се соли оянда дар шаҳри Душанбе 40 километр роҳҳои мошингард бо 7 эстакада бо арзиши умумии зиёда аз 3 миллиард сомонӣ сохта ба истифода дода мешавад” (Ниг. “Минбари халқ”. 2023, 28 декабр. –саҳ. 2).

Афзоиши шумораи аҳолии ҷумҳурӣ талаб мекунад, ки минбаъд ҳам ба соҳаи маориф диққати ҷиддӣ дода шавад. Зеро, агар “ соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта боҳад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар расидааст.

Тибқи нақшаи дурнамо ин шумора то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад...

Агар дар соли 2023 шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 103 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас қабул ба синфи якум ба 261 ҳазор нафар расидааст.

Дар ин давра 200 муассисаи таълимии нав ба биноҳои иловагӣ барои беш аз 85 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст, вале ин ҳоло кам аст (Ниг. "Минбари халқ". 2023, 28 декабр. –саҳ. 2).

Дар ин самт, албатта вазъи таҳсилоти олии касбӣ ҳам ҳама вақт дар мадди назари ҳукумати мамлакат мебошад. Сол аз сол на танҳо шумораи донишҷӯён мефзояд, балки биноҳои нави таълимии ҷавобгӯ ба талабот қомат рост мекунанд. Ба ин бинои нави Донишгоҳи байналмаилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ва филиали он дар шаҳри Леваканти вилояти Хатлон мисол шуда метавонанд.

Дар Паём суръати афзоиши аҳолиро ба назар гирифта, бо мақсади қонеъ гардонидани шумораи донишҷӯён ҳам хело афзудааст. Вале талаботи замон нисбати мутахассисони ҷавон зиёд гардидааст. Бинобар ҳамин ҳам дар Паём таъкид гардидааст, ки бояд " ... барои ба сатҳи сифати таҳсилоти олии касбӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Шумораи донишҷӯёне, ки дар давлатҳои хориҷа таҳсил менамоянд, соли 2023 ба 41 ҳазору 232 нафар расидааст. Аз ин миқдор 11 ҳазор нафарашон духтарон мебошанд (Ниг. "Минбари халқ". 2023, 28 декабр. –саҳ. 3).

Хулоса, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Паёми худ ба мардуми шарифи кишвар мурҷиат менамояд, ки " табиати Тоҷикистони биҳиштосоямонро ба гулистон табдил диҳем" (Ниг. "Минбари халқ". 2023, 28 декабр. – саҳ. 3).

Мо боварии комил дорем, ки ҳамаи мардуми шарифи Тоҷикистон чуини муроҷиати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро аз таҳи дил дастгирӣ менамоянд.

Хоҷа Қурбон Тоҳирӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДБССТ

# ПАЁМ ШАМЪИ ХИРАДИ МОСТ

Мардуми кишвари мо бо сарварии Пешвои мунису ғамхор ин сарзамини кӯҳанбунёдро тадриҷан ободу сарсабзу хуррам менамоянд. Дар тӯли беш аз 30 сол дар самтҳои мухталифи ҷомеа пешравиҳои азим ба назар мерасад,ки мебоист ба ҳар яки он самтҳо рисолаҳо навишт. Ҳанӯз аз солҳои нахуст масоили эҳё ва рушди фарҳанги бостонӣ ва мерос аз ниёгони мо бо сатрҳои заррин дар ҳама Паёмҳои сарвари давлат ба мушоҳида мерасад. Танҳо дар соҳаи сайёҳӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ тӯли солҳои 2018 – 2023 зимни роҳандозии чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ беш аз 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, бар замми он зиёда аз 300 миллион аз ҷониби бонкҳои кишвар қарзҳои имтиёзнок қисмат карда шудааст, ки ин имконият ва шароит фароҳам меоварад, ки ин соҳаи басо муҳимму мубрам ва барои ҷомеа судманд боз ҳам рушд ёбад, самтҳо ва мавзеъҳо, хатсайрҳои навини ҷолиби диққати кишвари моро ба меҳмонони бурунмарзӣ муаррифӣ намояд. Дар ин бобат дастовардҳои назаррас ба миён омад: ташкили Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фароҳам овардани чандин мутахассис, бунёди 1450 иншооти сайёҳӣ ва таъсиси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ,филиалҳои он дар Хатлону Хуҷанд, коллеҷҳо ва литсейҳо ва соирин аз зина ба зина боло рафтани ин самт гувоҳӣ медиҳад. Донишгоҳи мазкур дар муддати як сол ба пешравиҳои назаррас ноил гардида, дар бунёди иншоотҳои соҳаи сайёҳӣ комёбиҳои беназирро ноил гардид.  Дар ин бобат саҳми ректори Донишгоҳ Убайдулло Асрорзод ниҳоят бузург аст. Ташкилу таъсиси факултаву кафедраҳои соҳаи сайёҳӣ, технопарку осорхонаҳо, бунёди меҳмонхонаи таълимӣ, хизматрасонии тарабхонавӣ ва тарабхонаи таълимӣ бо таъмини тамоми дастгоҳу воситаҳои омӯзиш муҷаҳҳаз гардонида, ба хизмати толибилмон қарор дорад. Дар нақшаи таълимии факултаи сайёҳӣ фанҳое шомил гардидаанд, ки бевосита ба самту соҳаи сайёҳӣ, хизматрасонӣ ва қабули меҳмону пазироии он марбут аст. Ҳамаи ин чорабиниҳо ва бунёдкориҳо дар асоси татбиқи ҳуҷҷати муҳимми ҷомеаи мо – Паёми сарвари давлат роҳандозӣ гардида, дастури амалии ҳар як фарди равшанзамир ва масъулиятшинос аст.

Ва инак, шаш сол мешавад, ки Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мавриди баҳрабардорӣ ва роҳандозӣ қарор дорад. Мувофиқи шарҳу тавзеҳи Кумитаи рушди сайёҳӣ ва таҳлилгарони Воситаи ахбори умум Стратегияи мазкур фарогири се марҳала: марҳалаи рушди суръатнок (2019 – 2022); марҳалаи ба анҷом расидани саноатикунонии босуръат (2023 – 2026) ва марҳалаи ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо (2027 – 2030) роҳандозӣ мегардад.

Барои боз ҳам боло рафтан ва тақвияту рушди соҳаи сайёҳӣ сарвари давлат чунин чораву тадбирҳоро муҳим мешуморад:

“ Бо мақсади самаранок ба роҳ мондани корҳо дар самти сайёҳӣ ва назорати қатъии онҳо зарур аст, ки таҳти роҳбарии муовини дахлдори Сарвазири кишвар бо шомил намудани яке аз муовинони раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо гурӯҳи кории босалоҳияти доимӣ таъсис дода шавад.

Ин дастур водор менамояд ва имконият медиҳад, ки нисбат ба ин самту соҳа бетараф ва бетаваҷҷуҳ набошем. Ҳар як мавзеъ ва иншооти таърихӣ, ки намуна ва дастоварди фарҳангии мост, ҳифз намоем ва кӯшиш ба харҷ бидиҳем, ки барои муаррифӣ намудани он ба мардуми бурунмарзӣ тадбирҳо биёндешем. Дар Паём мушоҳидаҳо дар

асоси асноду далелҳо зикр мешавад, ки “ имкониятҳои ҳанӯз истифоданашуда басо зиёданд” ва ин имкониятҳо кормандони соҳаи сайёҳиро водор менамояд, ки ба ҷуғрофиё ва харитаи кишвари Тоҷикистон дида бардӯхта, фаъолият ва захираҳои зеҳнии хешро ба кор бигиранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навин “ Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” (28.12.2023) иброз доштанд, ки  дар соли 2023 мувофиқи ҳисоби оморӣ аз хориҷи мамлакат беш аз як миллиону дусад ҳазор нафар сайёҳон вориди кишвар гардидаанд.

Таваҷҷуҳи сарвари давлат ва ғамхориҳои беназири он нисбат ба осорҳои бостонӣ ва иншооти фарҳангии сарзамини Ватани хеш басо бузург аст. Мо анқариб ҳар сол дар ин ё он гӯшаи марзу буми хеш иншооту мавзеи фарҳангиеро тармим ва аз нав эҳё намуда, таърихи онро  муайян ва ҷашн мегирем. Ва дар ин ободкориву бунёдгарӣ миллионҳо маблағи давлат сарф мешавад, то ки аз ин пораи хоки Ватан шаҳрвандони ин сарзамин ва мардуми аз хориҷ воридгардида ғизои маънавӣ бигирад ва аслу насабу гузаштаву бумӣ будани  соҳибони ин марзро бидонад.

Президенти мамлакат маҳз дар ин ҳамин бобат қазоват менамояд:

“ ...тайи солҳои охир дар баробари андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба ҳалли масоили соҳаи фарҳанг, ҷиҳати муаррифии фарҳанги бостонии халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ як қатор иқдомоти назаррас амалӣ гардиданд. Соли 2023 15 ёдгории таъриxиву фарҳангии тоҷикон ба феҳрасти фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеи башарӣ гардид.”

Дар ин бобат Сарвари давлат бар ҳадафи боз ҳам густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, рушди сайёҳӣ дар ин соҳа пешниҳод менамояд, ки “ дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида – Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ таъсис дода шавад.” Чунин тадбир шароити боз ҳам муфидеро фароҳам меоварад, ки мутахассисони варзида ва корозмудаву таҷрибаандӯхта пайи пажуҳиш ва тармиму барқарорсозии осори фарҳангии ҳазорсолаҳо, ки чун “зар дар зери хоку хокистар мастурмонда” қарор дорад, барҷаста муҷассам гардад ва нишоне аз умқи бостон ба мо дарак ва башорат бидиҳад.

Пажуҳишҳои илмӣ чун сармояи инсонӣ дар ҳама давру замон пояи асосии пешравии ҷомеа қарор дорад. Ин самт дар Паём “ калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа” арзёбӣ гардидааст. Мусаллам аст, ки солҳои охир пажуҳишҳои илмӣ дар соҳаҳои мухталифи ҷомеа сифатан коста гардидааст. Рисолаҳои илмие, ки баҳри ҳимоя пешниҳод мегарданд, ағлаб хушку сатҳӣ,  тарҷума аз дигар забонҳо, такрори маводҳои пешин, суистифода аз интернету дигар васоити техникӣ мебошанд. Иллати асосӣ дар он аст, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ заминаи амалӣ -таҷрибавӣ надоранд. Муаллифон ин рисолаҳоро танҳо барои шуҳрат, обурӯй гирифтан, маоши баландтар ба даст овардан, унвон доштан ҳимоя менамоянд ва баъд аз ҳимоя солҳои сол дар фикри эҷоду иршод нестанд. Чунин вазъи ногувор нигароникунанда буда, оқибат ба натиҷаҳои манфӣ мебарад ва қадру қимат ва арзиши илм коста мегардад.

Низоми маориф, рушду нумуи он яке аз самтҳои асосӣ буда, бунёд ва бунлоди ҳар як миллату давлат маҳсуб мегардад. Аз ин лиҳоз, Президенти кишвар таъкид менамояд, ки “ ...авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо дорад.” Мутаассифона, ин самт дигаргуниҳои ҷиддиро тақозо дорад. Эроду шикоятҳое, ки солҳои охир аз ҷониби

падару модарон, таҳлилгарони Воситаҳои ахбори умум ва аҳли фазлу дониш арзёбӣ мегардад, заминаи воқеиро моликанд. Бо истисной муассисаҳои президентӣ, хусусӣ ва шартномавӣ сифати таълим дар ағлаби муассисаҳои таълимии ҳамагонӣ ба талабот ҷавобгӯ нест. Ин костагӣ ва холигӣ сабабҳои бисёре дорад. Аз ҷиҳати ҷанбаи педагогӣ – психологӣ орӣ ва мураккабу чигил будани китобҳои дарсӣ низ ҷавобгӯйи замони истиқлол нест. Аз ин лиҳоз, дар Паём ин нукта таъкид гардидааст: “ Вазорати маориф ва илм, вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатии “ Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат,” “ Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” – ро таҳия намояд. Зарур аст, ки дар раванди амалисозии лоиҳа муҳити мусоид барои дастрасӣ ба таҳсилот, таълиму тарбияи самарабахш, таълифи китобҳои дарсии нав, баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳлил ва арзёбии раванди таълиму тарбия ва беҳтар кардани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ таъмин карда шавад.”

Дар радифи ин тадбирҳо бояд иброз дошт, ки дар тӯли беш аз 30 соли истиқлолият чандин лоиҳаҳо аз хориҷ ва дохил дар низоми маорифи кишвар, Академияи таҳсилот, Пажуҳишгоҳи рушди маориф роҳандозӣ гардид, вале мутаассифона, натиҷа ва самараи дилхоҳ ба даст наовард. Зеро мутахассиси таҷрибадоре, ки донандаи хуби мактабу маориф бошад, ангуштшумор аст. Солҳо дар боби таълими салоҳиятнок ҳарф мезананд, вале дар амал ҳеҷ аст.Ин шеваи таълим ҳанӯз соли 1990 дар барномаи адабиёти тоҷики синфҳои 5 - 11 дарҷ гардида буд. Дигар ин ки омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик ҳанӯз ҳам аз барномаи пурғалати соли 2007 дарс дода истодаанд, ки аз бемасъулиятии кормандони Пажуҳишгоҳи рушди маориф башорат медиҳад.

Хулоса, Паёми навин ба ҳайси як падидаи тоза дастур ва маншури ҳар як фарди поквиҷдон, масъулиятшинос, фарҳангдӯсту посдори мероси ниёгон роҳандозӣ мекунад. Дар ин боб Сарвари давлат басо хуб қазоват мекунад: “ Биёед, соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани худро ба ҷаҳониён собит намоем.”

Қодирзода Фазлиддин Садриддин - сардори
раёсати таълими Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

# ПАЁМИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ ТАҲКИМБАХШИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ

Дар давоми даҳ соли охир дар соҳаи сайёҳӣ як қатор таҳаввулоти назаррас ба амал омаданд. Сайёҳӣ ба яке аз бахшҳои бузургтарин ва босуръат рушдёбандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ табдил ёфт. Дар баробари ин, сарфи назар аз ҳолатҳои фавқулоддае, ки иқтисодиёти ҷаҳонӣ гоҳ-гоҳ паси сар мекунад, сайёҳӣ қобилияти нодири зуд барқарор кардани равандҳои рушди худро нигоҳ медорад. Вобаста ба ин, соҳаи сайёҳиро ҳамчун мутаҳаррики рушди соҳаҳои дигари иқтисодиёти ҷаҳонӣ тавсиф намудан мумкин аст.

Тибқи пешгӯиҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ шумораи умумии сайёҳон дар ҷаҳон ҳамасола 3,3% афзоиш ёфта, то соли 2030 то ба 1,8 млрд нафар хоҳад расид. Имрӯз бисёре аз мамлакатҳои ҷаҳон ҷолибияти иқтисодии соҳаи сайёҳиро вобаста ба афзоиши пардохтҳои марбут ба андоз, зиёдшавии шумораи ҷойҳои корӣ, болоравии сатҳу сифати зиндагонии мардум ба хубӣ дарк намуда, ҷиҳати тақвияти тадбирҳо дар ин самт корҳои шоистаеро ба сомон мерасонанд.

Даромад аз соҳаи сайёҳӣ дар миқёси ҷаҳон то зуҳури бемории Ковид зиёда аз 3 трлн. доллари амрикоиро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда собитсозандаи нақши сазовори сайёҳӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон мебошад. Новобаста аз, поён рафтани ҷойгоҳи сайёҳӣ дар давраи пандемия (соли 2020 маҷмӯи даромад аз сайёҳӣ 1,6 трлн. ва солҳои 2021-2022 1,9 трлн. доллари амрикоӣ) он манзалати қаблии худро дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ дубора барқарор карда истодааст.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оварда шудааст, ки «Мероси бойи таърихию фарҳангии Тоҷикистон, табиати нодири он бо кӯлҳо, ҳайвоноту растаниҳои нодир, инчунин кӯҳҳои баланд, шарти муҳим барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва афзоиши ҳиссаи соҳаи мазкур дар ММД-и кишвар махсуб меёбад. Дар ҷои дигари ҳамин ҳуҷҷат омадааст, ки “Шароитҳои мусоиди табиию иқлимӣ ва мавҷуд будани мероси ғании фарҳангию таърихӣ ҷиҳати рушди сайёҳӣ аз имкониятҳои калидии ноилшавӣ ба ҳадафҳои СМР-2030 мебошад”.

Мақсади асосии стратегии рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон- ин ташаккули соҳаи ба рақобат тобовари сайёҳӣ-рекреатсионӣ мебошад. Ба ҳайси яке аз соҳаҳои пешбар ва афзалиятнок табдил додани соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат, таъмини талаботи сокинони мамлакат ва сайёҳони хориҷӣ нисбат ба хизматрасониҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷа буда, бо ин васила ба рушди иҷтимоӣ-иктисодии мамлакат бо афзоиши қисми даромад ба буҷаи давлат, афзоши сармоягузорӣ, афзоиши шумораи ҷойҳои нави корӣ, беҳдошти саломатии аҳолӣ, беҳдошт ва истифодаи мақсадноки мероси таърихӣ-фарҳангӣ ва табиӣ ноил шудан мумкин аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи нави рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ қарор дорад. Яке аз вазифаҳои ниҳоят муҳими давлат дар давраи наздиктарин ин татбиқи мақсадҳои дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дарҷшуда мебошад. Васеъ намудани дастрасӣ ба захираҳо ва истифодаи оқилонаи онҳо аз вазифаҳои муҳими дар «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» овардашуда мебошад.

Барои таъмини амали саривақтӣ ва мақсадноки стратегияҳо, бунёди иқтисодиёти инноватсионӣ ва рушди бахши ғайриашёӣ дар иқтисодиёти мамлакат нақши бориз дошта метавонад. Соҳаи сайёҳӣ аз афзалтаринҳо дар самти рушди бахши ғайриашёии иқтисодиёти мамлакат арзёбӣ мегардад.

Бо дарназардошти иқтидорҳои беназири Тоҷикистон ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ Сарвари давлат дар ҳар як Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он диққати алоҳида равона мекунанд. Дар Паёми имсола ба масъалаи рушди соҳаи сайёҳб дар малакат, бунёди шароити созгор барои пешрафту инкишофи соҳа, истифодаи мақсадноку оқилонаи сарватҳои сайёҳии мамлакат, таҳкими инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ чун ҳарвақта таваҷҷӯҳи хоса зохир карда шуд.

Сарвари давлат иброз доштанд, ки Тоҷикистони биҳиштосои мо бо захираҳои нодиру нотакрори сайёҳиаш дар радифи кишварҳои пешрафта бояд қарор дошта бошад. То ҳол ин захираҳо ба манфиати пешрафти иқтисодиёти миллӣ ба таври бояду шояд исттифода нагардидааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки: «...имкониятҳои барои рушди соҳа (сайёҳӣ) истифоданашуда ҳанӯз хеле зиёданд».

Дарвоқеъ, Тоҷикистони биҳиштосо аз ҷумлаи кишварҳое мебошад, ки табиат ба он тамоми неъматҳоро арзонӣ доштааст. Иқлими мусоиду форам, ҷойгиршавии мусоиди ҷуғрофӣ, захираҳои бойи обӣ, аз ҷумла шумораи зиёди объектҳои обҳои шифобахш, дарёву кӯлҳо, қуллаҳои сар ба фалак, олами нотакрори набототу ҳайвонот ва амсоли инҳо аз зуҳуроте мебошанд, ки таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб месозанд.

Дар баробари ин, объектҳои таърихию фарҳангии мамлакат, ки аз ҷумлаи инъикоскунандагони саромади таърихи башарият мебошанд ва солҳои охир бо ташаббусу ибтикороти Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон босуръат таҷдиду тармим шуда истодаанд, боиси таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷӣ гардидаанд.

Пешвои миллат татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузории соҳаро муҳим арзёбӣ намуда, таъкид доштанд, ки “Дар солҳои 2018 – 2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии кишвар зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда шудааст”.

Бояд тазаккур дод, ки ҷиҳати таъмини раванди истифода аз объектҳои табиат ва таърихиву фарҳангӣ бо мақсади рушди сайёҳӣ пеш аз ҳама зарурати коркарди лоиҳаҳои инноватсионии соддагардонии дастрасии сайёҳон ба ин объектҳо ба миён омадааст. Омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дар самти пешрафти сайёҳӣ муваффақ дар ин ҷода аз манфиат холӣ нест. Коркарди лоиҳахо ва ҷалби сармоя ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои муваффақ метавонад дар самти истифодаи объектҳои табиат ва таърихию фарҳангии мамлакат, ки шумораи онҳо дар мамлакат ниҳоят фаровон аст, ба манфиати пешрафти иктисодиёт, бунёди ҷойҳои нави корӣ ва болоравии сатҳу сифати зиндагонии сокинони мамлакат мусоидати бештаре намояд.

Ҳамзамон, Президенти мамлакат чун ҳамешагӣ ҷиҳати тавсеаи рушди соҳа дар минтақаҳо дастурҳои ҳадафмандона пешниҳод месозанд. Ҳамин аст, ки дар Паёми имсола низ ба масъалаи таҳкими корҳо дар самти таъмини рушди сайёҳӣ дар манотиқи кишвар таваҷҷӯҳи махсус зоҳир гардид: “Бо мақсади самаранок ба роҳ мондани корҳо дар самти сайёҳӣ ва назорати қатъии онҳо зарур аст, ки таҳти роҳбарии муовини дахлдори Сарвазири кишвар бо шомил намудани яке аз муовинони раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо гурӯҳи кории босалоҳияти доимӣ таъсис дода шавад”.

Соҳаи сайёҳӣ ба иқтисодиёти аксари минтақаҳо таъсири арзишманд боқӣ мегузорад. Бунёд ва фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо нақлиёт, хизматрасониҳои фарҳангӣ, маишӣ-коммуналӣ, тиббӣ ва амсоли инҳо иртиботи зич дорад. Аз ин нуктаи назар, соҳаи сайёҳӣ нисбат ба соҳаҳои дигари бахшҳои иқтисодӣ метавонад мутаҳаррики асосии пешрафт дар минтақаҳои кишвар бошад.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки барномаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати рушди соҳаи сайёҳӣ бо дарназардошти таъмини рушди инфрасохтори сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ, косибӣ, бунёди шароит ҷиҳати ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намудани шаҳрвандон, тавсеаи корҳои ободсозӣ, кабудизоркунӣ, ҳифзи олами нодири ҳайвоноту наботот ва амсоли инҳо дар манотиқи мамлакат коркард ва ботадриҷ амалӣ карда шавад.

Бо дарназардошти муҳимияти масъала, Пешвои миллат таъкид доштанд, ки “Амалисозии барномаву нақшаҳои бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, косибӣ, аз ҷумла қолинбофӣ, атласу адрасбофӣ ва заргарӣ, инчунин, касбу ҳунаромӯзии шаҳрвандони мамлакат, ташкилу назорати корҳои ободониву кабудизоркунӣ, тозаву озода нигоҳ доштани маҳалҳои аҳолинишин, ҳифзи табиат ва истифодаи самараноки заминҳои президентӣ ва наздиҳавлигӣ ба зиммаи ин гурӯҳи корӣ вогузор карда шавад”.

Таҷрибаи ҷаҳонии рушди сайёҳӣ собит месозад, ки мероси фарҳангӣ, аз ҷумла маснуоти ҳунарҳои мардумӣ аз василаҳои муҳими ҷалби сайёҳон буда, ба воридшавии ҳарҷӣ бештари сайёҳон ба мамлакат, ба шуғл фаро гирифтани аҳолӣ ва таъмини зиндагии шоиста таъсиргузор мебошад.

Сарвари давлат ҳангоми ироаи Паём дар такя ба ҳамин нукта дастур доданд, ки “...ташкили фаъолияти маҳаллу растаҳо ва гӯшаҳои ҳунармандӣ дар тамоми қаламрави мамлакат, аз ҷумла дар ҳамаи мағозаву бозорҳо ба роҳ мондани фурӯши маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, хусусан, маҳсулоту маснуоти ҳунарҳои мардумӣ масъалаҳое мебошанд, ки бояд зери назорати гурӯҳи корӣ қарор дода шаванд”.

Инфрасохтори сайёҳӣ дар Тоҷикистон дар ҳоли рушд қарор дорад. Бунёди иншооти мухталифи меҳмонхонавӣ, иншооти сайёҳӣ дар ҳудудҳои мавзеъҳои зебои табиат, бунёди шоҳроҳҳои нави ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва таҷдиди дубораи роҳҳои мавҷуда, осоишгоҳҳои наву замонавӣ бо истифода аз техникаву технологияҳои замонавӣ, муассисахои таъмин бо ғизо, нақлиёт ва амсоли инҳо дар кори пешрафти соҳаи сайёҳӣ таъсири амиқ боқӣ гузошта истодаанд.

Бо вуҷуди корҳои созандагӣ дар самти таҳкими инфрасохтори сайёҳӣ норасоиҳо дар ин самт ҷой доранд. Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо зарурати бунёди иншооти мехмонпазироии хурд (guest house), иншооти маишию истироҳатии сарироҳӣ (ошхонаву тарабхона, истироҳатгоҳ-фароғатгоҳо бо шароитҳои хуби санитарию гигиенӣ), таҷдиди роҳҳо то мавзеъҳои зебои табиат ва мавзеъҳои таъриxиву фарҳангӣ, таъмини нақлиёти дорои шароитҳои роҳат барои меҳмонону сайёҳон ва амсоли инҳо беҳбудӣ металабад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, дар баробари корҳои назаррас дар самти бунёди шароитҳои мусоид барои корҳои хоҷагии қишлоқ дар ин самт низ ҳамчун самти афзали пешрафти иқтисоди маҳал диққати бештар равона созанд.

Тавре Пешвои миллат дар Паёми солона иброз доштанд: “Дар ин давра (солҳои 2018-2023) 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, соли 2023 шумораи сайёҳон ба як миллиону дусад ҳазор нафар расидааст”. Саноати сайёҳии муосир яке аз бахшҳои бузурги сердаромад ва мунтазам рушдкунандаи табодули байналмилалии хизматрасониҳо мебошад.

Аз Паёми Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ки рушди бонизоми иқтисодии мамлакат ба беҳдошти инфрасохтори сайёҳӣ мусоидати судманд хоҳад кард. Дар баробари ин, инфрасохтори сайёҳӣ ба иқтисоди минтақа таъсири мустақим ва ғайримустақим дорад. Таъсири бевоситаи он ҷалби маблағҳо аз соҳаи хизматрасонӣ ба корхонаҳои сайёҳӣ, дастгирии моддии кормандони соҳаи сайёҳӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши даромадҳо аз андоз мебошад. Таъсири ғайримустақим тавассути ҳамкории байнисоҳавӣ амалӣ мегардад. Дар ҳолати зиёд гардидани ҳиссаи даромад дар буҷаи дохили минтақа самараи тасиргузории соҳаи сайёҳӣ ба дигар соҳаҳои иқтисодиёти минтақа бештар мегардад.

Бунёд ва фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо нақлиёт, хизматрасониҳои фарҳангӣ, маишӣ-коммуналӣ, тиббӣ ва амсоли инҳо робитаи зич дорад. Аз ин нуқтаи назар, соҳаи сайёҳӣ нисбат ба соҳаҳои дигари бахшҳои иқтисодӣ метавонад мутаҳаррики асосии пешрафт бошад.

Арзишҳои фарҳанги миллӣ ҷузъи ҷудонопазири захираҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, яке аз омилҳои ба рағбатҳои сайёҳон таъсиргузоранда мероси фарҳангии халқу миллатҳо мебошад. Фарҳанги рӯзгордорӣ, маишию манзилӣ, таомҳои миллӣ, сарулибос, фолклори мардумии тоҷикон сарчашмаи рушди сайёҳӣ маҳсуб меёбад.

Захираҳои табиӣ-фароғатӣ, шумораи зиёди ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ, анъанаву маросимҳои миллӣ, муомилоти шарқиёнаи меҳмондорӣ, табиати зебо пояи асосии ташкили маҳсулоти сайёҳии миллӣ буда, пешниҳоди он ба бозори хизматрасонии сайёҳии ҷаҳонӣ ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони хориҷиро таъмин хоҳад намуд.

Бо дарназардошти муҳимияти ҷойгоҳи мероси фарҳангии халқи тоҷик дар рушди сайёҳӣ Пешвои миллат иброз доштанд, ки "Соли 2023-юм 15 ёдгории таърихиву фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ гардид".

Дар баробари ин, Сарвари давлат дастур доданд, ки "Бо мақсади густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, инчунин, рушди сайёҳӣ дар ин самт пешниҳод менамоям, ки дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида – Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ таъсис дода шавад".

Масъалаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ ва корхонаҳои аз ин ё он ҷиҳат ба соҳаи сайёҳӣ алоқамандидошта саривақтӣ буда, Пешвои миллат дар Паёми имсолаи худ маҳз ҳамин нуқтаро махсус таъкид доштанд.

Дарвоқеъ, кулли соҳаҳое, ки ба рушди бахши сайёҳӣ вобаста ба манфиати иқтисодӣ доштанаш хавасманд ҳастанд, бояд барномаи муштараки ҳамкорӣ дар ин самтро дошта бошанд. Масалан: муассисаҳои нақлиётӣ-муассисаҳои фарҳангӣ, фароғатӣ ва дилхушӣ-корхонаҳои сохтмонӣ-соҳаи савдо ва таъмин бо ғизо-саноати армуғон ва амсоли инҳо.

Бояд зикр намуд, ки дар баробари рушди сайёҳӣ дар мамлакат кулли соҳаҳои болозикр манфиати иқтисодӣ ба даст хоҳанд овард. Зеро рушди сайёҳӣ водор месозад, ки шумори корхонаҳои нақлиётӣ, меҳмонхонаҳо, муассисахои хӯроки умум, муассисахои фароғатию дилхушӣ, корхонаҳои экскурсионӣ бамаротиб зиёд гардида, аз ин ҳисоб шумораи ҷойҳои корӣ ва даромади корхонаҳо низ афзоиш ёбад.

Дар маҷмӯъ, барои рушди ин соҳа дар кишвар ҳамаи заминаҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, илова бар ин, силсилаи чораҳои танзимкунанда, ҳавасмандкунӣ низ татбиқ гардида истодаанд. Зеро, бо таҳкими пояҳои рушди устувори соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат мо метавонем нуфузи Тоҷикистонро дар ҷаҳон ҳамчун кишвари дорои таъриху фарҳанги куҳан, табиати ҷолибу нотакрор, обҳои зулолу шифобахш, қуллаҳои баланди осмонбӯс, мардумони меҳмоннавоз боз ҳам баландтар намоем.

Мирзоев А.Р. – д.и.п., профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии ДБССТ

Гадоев А.Ф. – н.и.и., дотсент, декани факултети технологияҳои рақамӣ ва менеҷменти ДБССТ

# РАҚАМИКУНОНИИ СОҲАИ ИҚТИСОД ВА САНОАТ ЯКЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ МЕҲВАРИИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 28 декабри соли 2023 садо дод, рушди рақамикунонӣ дар кишвар буд.

Тавре дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" вобаста ба рушди босуботи иқтисоди миллӣ зикр гардид: "Вазорати молия вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор ҷиҳати таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, самаранокии хароҷоти он ва фарогирии пурраи сарчашмаҳои имконпазири даромади буҷет раванди рақамикунонии молияву андозро густариш бахшида, дар муҳлатҳои наздиктарин низоми мукаммали муносибатҳои молияи рақамиро роҳандозӣ намояд".

Лозим ба таъкид аст, ки тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат як қатор корҳои назаррас дар кишвар ҷиҳати рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, тиҷорати электронӣ ва содагардонии расмиёти тиҷорат анҷом дода шудаанд. Консепсия ва Барномаи рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021-2025, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» қабул гардида, аз соли 2019 бошад, расман Портали савдои Тоҷикистон фаъолият менамояд. Қабули ҳуҷҷатҳои болозикр ба рушди заминаҳои ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ дар кишвар мусоидат намуда, самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатиро дар ин самт муайян менамояд.

Боиси хушнудӣ аст, ки дар раванди татбиқи стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва бо иқдоми шоистаи Пешвои миллат эълон гардидани солҳои 2022 – 2026 – "Солҳои рушди саноат", саноати ватанӣ ҳамчун неруи азими пешбаранда ва иқтидори калидии тараққиёти иқтисодӣ дар мамлакат ба ҳисоб рафта, корхонаҳои саноатӣ дар роҳи рушди инноватсионӣ мунтазам талош варзида истодаанд. Истифодаи технологияи рақамӣ аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ метавонад ба баланд гардидани рақобатпазирии онҳо дар муносибатҳои тиҷорати байналмилалӣ нақши калидӣ гузорад. Аммо барои расидан ба ин ҳадаф онҳоро лозим аст, ки ба омӯзиш ва азхуд кардани донишҳои нав ва баланд бардоштани сатҳи бозомӯзии касбии кормандон мувофиқи талаботи бозори меҳнат таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки имрӯзҳо таваҷҷуҳ ба иқтисоди рақамӣ беш аз пеш зиёд гардида, дар давлатҳои тараққикарда тақрибан 92 дарсади хариду фурӯши молу маҳсулот бо истифода аз шабакаи глобалии интернет анҷом дода мешавад. Дар Тоҷикистон низ ин тамоюл рӯ ба афзоиш дошта, дар ин марҳала лозим аст,ки ба фарҳанги истифодаи технологияи рақамӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

Мусаллам аст, ки истифодаи технологияи рақамӣ даҳсолаи охир ҳамчун мояи асосии рушди иқтисодиёт дар пояи инқилоби чаҳоруми санотӣ ба вуҷуд омада, боиси ташаккул ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт гардидааст. Дар заминаи истифодаи босамари технологияи рақамии муосир рушди иқтисодиёт таъмин гардида, сатҳи рақобатпазирии он баланд мегардад.

Бинобар ин, роҳбарияти олии кишвар бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва фароҳам овардани шароити муносиб доир ба рушди соҳаҳои алоҳида иқтисодиёт кишвар ба ҷанбаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодии истифодаи зеҳни сунъӣ диққати махсус зоҳир менамоянд. Ҳалли ин масъалаҳо ба истифодаи васеи зеҳни сунъӣ

мусоидат намуда, дар маҷмуъ, баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат, коҳиш додани хароҷоти истеҳсолот, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва тақвияти рақобатпазирии ширкатҳои ватаниро такони ҷиддӣ мебахшад.

Дарвоқеъ, дар шароити имрӯза рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва дигаргуниҳои мураккаби иҷтимоӣ ба ҷамъият таъсири худро расонида, қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи ин тағйиротҳо рушди босуръати технологияҳои нав ва вусъати дастрасӣ ба имкониятҳои рақамикунонӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина мунтазам рушд ёфтани муносибаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла муносибатҳои андозӣ низ бояд ба талаботи замон мутобиқ карда шаванд.

Муҳимтарин омили мусоидаткунанда ба рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии давлат ташаккул додани муҳити инноватсионии созгор дар заминаи истифодаи босамари техналогияи рақамӣ ба ҳисоб меравад. Меҳвари асосии технологияи рақамиро зеҳни сунъӣ ташкил дода, сармояи инсонӣ сарчашмаи асосии ташаккул ва истифодаи он мебошад.

Тавре маълум аст, ҷомеаи ҷаҳониро рушди бо шароити зуд тағйирёбандаи муҳити инноватсионӣ фаро гирифта, бо суръати кайҳонӣ пеш рафта истодааст. Аз ин рӯ, ҳаёти имрӯзаи одамон бо истифодаи мақсадноку босамари технологияи рақамӣ ва рақамикунонӣ дар соҳаи истеҳсолот, тиҷорат ва хизматрасонӣ, муҳимтарин омили рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва инноватсионии мамлакат дониста мешаванд.

Дар ин росто Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи рушди иқтисодиёти рақамӣ қарор дошта, он барои рушди иқтисоди миллӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро дар ин марҳилаи тараққиёт иттилоот ба омили асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва технологии давлатҳо табдил ёфта, меҳвари асосии онро истифодаи зеҳни сунъӣ ташкил медиҳад.

Рушди бахшҳои иқтисоди кишвар дар замони рушди технологияҳои иттилоотӣ бе ташкили сохтори пурқуввати идоракунии рақамӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рақамикунонии тамоми бахшҳои он ғайриимкон мебошад.

Ҳамин тавр, ташаккули иқтисоди рақамӣ дастрасиро ба иттилоот беҳтар намуда, муҳаррики пешбарандаи фаъолияти инноватсионӣ дар рушди иқтисоди миллӣ дониста мешавад. Аз ин лиҳоз, таъмини бехатарии ҷамъиятӣ, беҳтар гардонидани сифати хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт, таҳсилот, молия ва тиб аз масъалаҳои муҳимми сиёсати иҷтимоӣ давлат ба ҳисоб рафта, нақши технологияи рақамӣ дар ин самт бузург мебошад. Дар ҳамин ҳол, соҳаи интернет-тиҷорат дар тамоми кишварҳо яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти рақамӣ шуда метавонад.

Мутаассифона, имрӯзҳо мушкилоти бо шиддат афзоиш ёфтани қаллобӣ дар фазои шабакаи глобалии интернетӣ яке аз мушкилоте мебошад, ки ба пайдо гардидани шаклҳои нави ҷиноятҝорӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, дар баробари доштани афзалиятҳои бештари истифода аз технологияи пешрафти рақамӣ низоми ягонаи миллӣ таъсис дода шуда, вобаста ба вазъи имрӯза дар доираи ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ танзиму идора ва назорати маҷмуи хизматрасонӣ ва амалҳо зарур шуморида мешаванд.

Ҳамин тавр, ҷорӣ намудани технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ дар низоми иқтисоди кишвар, яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳимтарини пешрафти кишвар ба ҳисоб рафта, барои ноил гардидан ба ҳадафи ташаккули Ҳукумати электронӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Каримов Баходур Хасанович - кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета и аудита Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана

Тохтаров Искандар Холахмадович - соискатель кафедры финансов и банковского дела Дангаринского государственного университета

# АГРАРНОМУ СЕКТОРУ НУЖНА СИСТЕМА ЛЬГОТНОГО КРЕДИТОВАНИЯ (В свете послания Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан)

Быстрое изменение состояния мирового продовольственного рынка и постоянный рост цен на продовольственную продукцию побуждают нас уделять первоочередное внимание улучшению состояния сельского хозяйства, увеличению производства продукции, развитию агропромышленных комплексов и таким образом обеспечению продовольственной безопасности страны.

(Из Послания Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 28 декабря 2023 года)

Одной из основных задач развития экономики Республики Таджикистан является рост национального продукта, в первую очередь за счет увеличения количества производимой продукции и товаров. Учитывая потенциал аграрного сектора национальной экономики, данная задача может быть решена при условии его эффективного использования. Для этого в стране имеются необходимые предпосылки и созданы благоприятные условия для мобилизации производственных мощностей сельскохозяйственных предприятий, налаживания производства импортозамещающей продукции и экспорта сельскохозяйственной продукции на внешний рынок.

На сегодняшний день аграрный сектор в Республике Таджикистан является важнейшей отраслью национальной экономики, обеспечивающей перерабатывающие отрасли промышленности первичным сырьем, а население продовольственными товарами. На предприятия аграрного сектора возложены задачи по обеспечению населения продуктами питания и продовольственной безопасности в стране.

Развитие аграрного сектора, дальнейшее увеличение его вклада в национальной экономике, улучшение обеспечения населения страны продовольствием и эффективная работа предприятий перерабатывающих отраслей промышленности зависят от финансового состояния и деятельности предприятий аграрного сектора, их обеспеченности основными средствами и производственным оборудованием. Банковская система играет важную роль в обеспечении предприятий аграрного сектора основными средствами и производственным оборудованием при использовании передовых и эффективных методов кредитования и поддержки сельскохозяйственных производителей.

Фактически в современных экономических условиях, когда большинство сельскохозяйственных предприятий страны находятся в тяжелом финансовом положении из-за отсутствия собственных средств для обеспечения развития своей деятельности, для них банковские кредиты являются основным источником обновления основных производственных средств и пополнения оборотных активов.

Такие специфические характеристики сельскохозяйственного производства, как сезонность и длительность производственного цикла, делают последствия этого явления еще более нежелательными, чем в других сферах производственной деятельности. Поэтому сегодня вопрос кредитования аграрного сектора экономики приобрел особую актуальность.

С одной стороны, перечисленные выше особенности сельскохозяйственного производства требуют необходимости привлечения дополнительных финансовых ресурсов. С другой стороны, финансово-кредитные организации, в том числе коммерческие банки, не очень заинтересованы в кредитовании сельскохозяйственных предприятий, так как помимо управления обычными для финансового сектора рисками им приходится учитывать еще и особые риски, присущие сфере сельскохозяйственного производства.

Тревожная ситуация, которую можно наблюдать при исследовании кредитной деятельности, заключается в том, что в стране до сих пор не сформирована эффективная система финансово-кредитной поддержки сельскохозяйственных предприятий, отвечающая современным требованиям рыночной экономики. При общем увеличении объемов кредитования отраслей национальной экономики, наименьшая доля выданных кредитов приходится именно на аграрный сектор.

Анализ кредитной деятельности предприятий аграрного сектора Республики Таджикистан показывает, что большинство сельскохозяйственные предприятия в основном используют краткосрочные банковские кредиты для покрытия своих сезонных расходов. Они, решая свои текущие проблемы, не решаются брать долгосрочный кредит, хотя их потребность в этом виде кредита велика. Ведь предприятия аграрного сектора сталкиваются с массой проблем в процессе кредитования, погашения суммы кредита и процентов по нему в связи с наличием кредитных рисков в отрасли.

В первую очередь возникают проблемы с предоставлением залога. Стоимость недвижимости, которую коммерческие банки требуют в качестве залога по кредиту, в сельской местности, где расположены сельскохозяйственные предприятия, обычно ниже стоимости недвижимости, расположенной в городах.

Поэтому большинство сельскохозяйственных предприятий не в состоянии предоставить банку залог, способный обеспечить требуемую сумму кредита.

Еще одной проблемой является высокий уровень процентных ставок по банковским кредитам. Коммерческие банки предлагают кредиты хозяйствующим субъектам, в том числе сельскохозяйственным предприятиям, только под высокие проценты. Банковская статистика показывает, что в январе-октябре 2023 года средняя годовая процентная ставка по банковским кредитам в национальной валюте составляла 23,1%, в иностранной валюте – 12,1%.

Сельскохозяйственные предприятия в зависимости от особенностей их производственной деятельности, особенно с учетом длительного производственного цикла, обычно получают банковские кредиты на минимальный срок более 6 месяцев (от 6 до 12 месяцев). Кредит они берут в основном в сезон весенних работ, в феврале-марте, а после сбора урожая и получения дохода от его продажи могут вернуть сумму кредита в банк. Однако сельскохозяйственные предприятия не имеют возможности выплачивать проценты по кредиту в период выращивания культур.

Поэтому коммерческие банки часто им предоставляют льготный перерыв по процентам в течение первых 6 месяцев кредитного периода, но следует учитывать, что проценты, начисленные за этот период, прибавляются к обязательствам заемщика и создают большую нагрузку при погашении кредита.

Наши исследования показывают, что коммерческие банки требуют самую высокую годовую процентную ставку по кредитам в национальной валюте со сроком от 6 месяцев до 1 года (в среднем 26,7% в 2023 г.); по кредитам в национальной валюте со сроком более 1 года годовая процентная ставка составляет в среднем 23,9%.

Столь высокие процентные ставки банки требуют потому, что, как мы упоминали ранее, это наиболее подходящий период для получения кредита предприятиями, работающих в сфере растениеводства. Проценты по кредитам сроком до 1 месяца предлагаются по средней ставке 19,0%, от 1 месяца до 3 месяцев - 17,9%, а от 3 месяцев до 6 месяцев - 22% годовых. Из данной ситуации можно сделать вывод, что коммерческие банки при кредитовании сельскохозяйственных предприятий учитывают только свои коммерческие интересы, а с увеличением сезонного спроса на кредиты они увеличивают процентную ставку.

Обеспечение аграрного сектора кредитными средствами должно стимулировать развитие отрасли, однако современная система кредитования в стране не дает никаких льгот для аграрных предприятий.

Следует отметить, что ряд коммерческих банков страны в настоящее время ввели специальные агрокредиты, которые относятся к «льготным» кредитам. В частности, ЗАО «Первый Микрофинансовый Банк» предлагает фермерским хозяйствам, сельскохозяйственным предприятиям и предпринимателям, работающим в сфере растениеводства и животноводства, специальный агрокредит на приобретение основных и оборотных средств, переработки урожая, развитие деятельности и повышение производственных мощностей, суммой до трех миллионов сомони, сроком до 48 месяцев и годовой процентной ставкой 21-27%. Несмотря на большую сумму процента по данному кредиту, банк требует от заемщика прохождения через сложные процедуры, связанные с обеспечением кредита (залогом) и наличием поручителя.

ЗАО Банк «Арванд» предлагает кредиты на приобретение агротехники на сумму до одного миллиона сомони, сроком до 60 месяцев, процентной ставки выше 25% годовых и с залоговым обеспечением (движимое и недвижимое имущество, оборудование и машины, подлежащие приобретению).

Государственный сберегательный банк Республики Таджикистан – ГУП СБ РТ «Амонатбонк» в рамках кредитного проекта «Кишоварз» в целях содействия развитию аграрного сектора и повышения уровня благосостояния сельского населения страны для фермерских хозяйств, аграрных предприятий и индивидуальных предпринимателей, работающих в сфере сельскохозяйственного производства, предоставляет льготные агрокредиты на определенных условиях. Однако сумма таких кредитов ограничена ста тысячами сомони, и они предоставляются на срок до 36 месяцев и годовой процентной ставкой 10%. Эти кредиты выдаются в национальной валюте, а их залогом является движимое и недвижимое имущество. При этом льготный период по выплате основного долга составляет до 6 месяцев.

Опыт кредитования предприятий аграрного сектора в стране показывает, что при таких высоких процентных ставках по кредитам коммерческих банков, когда рентабельность сельскохозяйственного производства низкая, погашение кредита аграрными предприятиями затруднительно. Также было выявлено, что коммерческие банки не заинтересованы в кредитовании сельскохозяйственных предприятий, так как аграрному сектору присущи много кредитных рисков. Наличие особых рисков в кредитовании сельского хозяйства является серьезным сдерживающим фактором в кредитовании предприятий аграрного сектора. Помимо рисков, связанных с особенностями аграрного производства (сезонность, зависимость от природно-климатических условий), к таким особым рискам, относятся:

- неблагополучное финансовое положение многих сельскохозяйственных предприятий из-за низкой рентабельности отрасли;
- несоответствие долгосрочных потребностей аграрного производства коротким срокам предоставления банковских кредитов;
- отсутствие ликвидной недвижимости для обеспечения кредита (залога);
- отсутствие льгот по кредитам, предоставляемым предприятиям аграрного сектора.

Рисковое сельскохозяйственное производство вынуждает коммерческие банки предлагать высокие проценты по своим кредитам, процесс кредитования предприятий аграрного сектора длительный и сложный, создает трудности для заемщиков. Низкий уровень доступа сельскохозяйственных предприятий к банковским кредитам является одной из основных проблем, создающих препятствия для развития аграрного сектора в Республике Таджикистан.

Опыт зарубежных стран в сфере аграрного кредитования показывает, что при недоступности кредитов коммерческих банков важными источниками финансирования развития предприятий аграрного сектора являются бюджетное финансирование и льготное кредитование.

Бюджетное финансирование может применяться за счет средств республиканского и местных бюджетов.

Бюджетные средства должны выделяться сельскохозяйственным предприятиям в рамках государственных программ, реализуемых в сфере сельскохозяйственного производства.

Для реализации системы льготного кредитования предприятий аграрного сектора необходимо усовершенствовать механизм такого кредитования. Должны быть реализованы определенные организационно-экономические меры по созданию системы льготного кредитования предприятий аграрного сектора.

Прежде всего, банковский кредит должен быть доступен всем сельскохозяйственным предприятиям. Для этого должны быть приняты соответствующие решения на государственном уровне по созданию и внедрению льготного кредитования в агропромышленном комплексе.

Государство должно взять на себя задачи по долгосрочному кредитованию предприятий аграрного сектора, предложив разумные процентные ставки, поскольку нынешнее положение коммерческих банков, находящихся в сложном финансовом положении, не позволяет им предоставлять льготные кредиты, в том числе кредиты сроком более 1 года, сельскохозяйственным предприятиям.

Для активизации аграрного кредитования и поощрения производителей сельскохозяйственной продукции брать кредиты необходимо, чтобы процентная ставка банковских кредитов, была ниже нормы прибыли в аграрном секторе.

Ҷурахонова С.Қ., Нуракова Н.Ч. - омӯзгорони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

# ДОНИСТАНИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА РУСӢ ОМИЛИ АСОСИИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ИМРӮЗА
## (Дар партави Паёми Пешвои муаззами миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Дониши забони англисӣ ва забони русӣ барои ҳалли масъалаҳои имрӯза ва пешрафти муносибатҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон муҳим аст

*Эмомалӣ Раҳмон*

Паёми ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ яке аз омилҳои асосии пешравии соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ мебошад.

Президенти кишвар соҳаи маорифро самти афзалиятноки ҷомеаи мо ҳисоб менамоянд ва ҳадаф аз ташаббусҳои нав ба нави Роҳбари давлат ин баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии мардуми Тоҷикистон мебошад.

Донистани забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ ва русӣ дар замони муосир шарту зарур мебошад, чунки забонҳои хориҷӣ махсусан забони англисӣ, забони расмии коргузории созмонҳои бонуфузи байналмиллалӣ, забони кории вохуриҳои сатҳи олӣ, ҷамъомадҳо, анҷуманҳо, ҳамоишҳо ва конференсияҳо ба ҳисоб меравад.

Чуноне ки мегуянд “Every educated man must know at least one foreign

language” (Ҳар як шахси маълумотнок акаллан бояд як забони хориҷиро донад). Дониши забони хориҷӣ, ин тақозои замони муосир ва талаботи бозори меҳнат, яъне ҷаҳони кор буда, яке аз омилҳои асосии пешравии кор низ мебошад.

Ба ҷомеаи имрӯзаи мо мутахассисони баландихтисосу донандаи хуби забонҳо даркоранд, чунки мутахассисони забондон метавонанд дар дилхоҳ сохторохо, ширкатҳо, корхонаҳое, ки кору фаъолияташон асосан равобити байналмилалӣ аст, кору фаъолият намоянд, чунки монеаҳои забонӣ садди роҳи онҳо шуда наметавонанд ва бо шарофати забондонӣ метавонанд дар дилхоҳ вақт бе тарҷумон дар гуфтушунидҳо иштирок намуда, мубодилаи афкор ва мубодилаи таҷрибаи пешқадам намоянд.

Тоҷикистони ҷавони соҳибистиқлол ҳамчун узви фаъоли ҷомеи имрӯза ба мутахассиони баландихтисоси забондон эҳтиёҷ дорад, яъне:

1. Дар шароити кунунӣ Тоҷикистон дар ҳалли мушкилотҳои глобалии экологӣ мавқеи аввалиндарҷа дорад. Ҳар сари вақт барои беҳтар намудани сифати оби ошомиданӣ, инчунин самаранок истифода бурдани захираҳои об, ҳифзи обшавии пиряххо, Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои созмонҳои байналмилалӣ баромад намуда, диққати ҷаҳониёнро ҷалб менамояд ва доир ба ин масъалаҳои ҳаётан муҳим иқдомҳову пешниҳодҳо мекунанд , ба монанди эълон гардидани Даҳсолаи байналмилалии “ Об барои рушди устувор,солҳои 2018- 2028” , барои ҳаллу фасли мушкилоти асосии экологӣ гармшавии иқлим, ки боиси об шудани пиряххо шуда истодааст, эълон намудани “Соли 2025- соли байналмилалии ҳифзи пиряххо”, инчунин гузаронидани форуми байламилалӣ доир ба ин масъала дар шаҳри Душанбе, моро ба он водор мекунад, ки дар соҳаҳои гуногуни илми табиатшиносӣ мутахассисони забондон дошта бошем,то ин ки дар ҳаллу фасли ин проблемаҳои ҳаётан муҳим ҳиссагузорӣ намоем.

2.Сиёсати сулҳдустона ва сиёсати “Дарҳои боз” - и Тоҷикистон имконияти хуб медиҳад, ки ҳар чи бештар Тоҷикистон бо ширкатҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ҳамкориро густариш диҳад, баробари ин шумораи лоиҳаҳои сармоягузорӣ меафзояд, аз ин рӯ ҷавонони соҳибихтисоси забондон метавонанд ба кор ҷалб карда шаванд, ки ин яке аз сабабҳои коҳиш ёфтани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон мегардад.

3. Имрӯзҳо кишвари мо, дар давраи амалишавии стратегияи чоруми давлат, рушди саноаткунонии босуръати кишвар қарор дорад, ки ин ҷараён ҷалби сармоя ва сохтани корхонаҳои нави саноатӣ, бозсозии корхонаҳои истеҳсолии аз фаъолиятмондаро талаб мекунад ва дилхоҳ корхонаҳои истеҳсолӣ ба мутахассисони баландихтисоси забондон эҳтиёҷ пайдо мекунад. Ба ҳадаф расидани стратегияи чорум соҳаи истеҳсолотро ба пеш мебарад, ки ин яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёт мегардад.

4. Барои сохтани неруӯгоҳҳои барқи обӣ, ки яке аз манбаҳои асосии истеҳсоли “Энергияи сабз” мебошанду дар тоза нигоҳ доштани муҳити зист нақши калидӣ мебозанд, имрӯзҳо технологияи муосир даркор аст ва ба ҳамагон маълум аст, ки забони технологияи муосир, ин забонҳои русӣ ва англисӣ мебошанд ва мутахассисони забондон метавонанд дар интиқол, ҳамлу нақл, васли дилхоҳ дастгоҳу таҷҳизот саҳмгузорӣ намоянд.

Омӯзиши забони англисӣ ба толибилмон дунёи наверо мекушояд, ба онҳо имконият медиҳад, ки бо урфу одат, анъанот, одоби муоширати соҳибони забон шинос шаванд, инчунин ҳангоми омӯзиш аз таърихи сохти давлатдорӣ, дар бораи соҳаҳои мухталифи хоҷагии халк, ба монанди соҳаи иқтисодиёт, истеҳсолот, сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ маълумоти кофӣ гиранд. Дар баробари омӯзгорон донишҷӯёни соҳаи ихтисоси иқтисодиёт бо мавзуъҳое шинос мешаванд, ки дар бораи соҳаҳои мухталиф мамлакатҳои мутараққӣ ба монанди соҳаи иқтисодиёт, ҳисоби муҳосибавӣ, молия, кори бонкӣ маълумот гирифта, донишҷӯёни соҳаи сайёҳӣ бошанд аз соҳаи сайёҳии мамлакатҳои аз ҷиҳати сайёҳӣ тараққикарда шинос мешаванд ва дар таҷрибаи минбаъдаи худ метавонанд, истифода баранд.

Дониши хуби забонҳои хориҷӣ ба мутахассиси замони муосир имконият медиҳад, ҳар сари вақт бе тарҷумон бо шарикон мубодилаи афкор ва мубодилаи таҷриба кунад ва ҳангоми кору фаъолият аз он истифода барад, яъне имконияти хуб медиҳад, ки аз таҷрибаи пешқадами мутахассисони мамолики мутараққӣ истифода барад.

Истифода аз маҳорату малака ва таҷрибаи пешқадами соҳаҳои пешрафтаи мамлакатҳои мутараққӣ, ин ба фоидаи кору пешравии он мегардад. Дониши забонҳои русӣ ва англисии ҳар як мутахассиси замони муосир омили хуб дар ҳали проблемаҳои рузмарра ва пешравии муносибатҳои байналмилалӣ хоҳад гардид.

Ҳамкориҳои ҳаматарафа Тоҷикистон бо Федератсияи Россия ва шарики асосии стратегии Тоҷикистон будани Россия, ҳар як мутахассисро ба он водор мекунад, ки донандаи хуби забони русӣ бошад, ки дар густариш ёфтани ин ҳамкориҳои судбахш дар соҳаи худ саҳмгузорӣ кунад. Мавқеъ ва байналмилалӣ будани забони англисӣ дар замони муосир муҳимият ва зарурияти омӯзиши онро пеш меорад.

Ҳамаи инро ба инобат гирифта Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2003 доир ба такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русиву англисӣ фармони махсус имзо намуда буданд. Дар заминаи ин фармон Барномаи давлатӣ дар бораи “Такмили таълим ва омӯзиши забонҳои англисӣ ва русӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004- 2014” ба тасвиб расид.

Бо гузашти давраи мазкур бо назардошти талаботи давру замон Қарори нави Ҳукумати Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи давлатии таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 - 2020” (аз Зиюли соли 2014) интишор гардид. Дар Паёми навбатӣ Президенти кишвар бо Академияи илмҳо супориш дод, ки дар нимсолаи аввали соли 2019 барномаи нави такмили таълими забонҳои русӣ ва англисиро барои давраи то соли 2030 таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Чуноне ки Президенти кишвар қайд менамоянд «Мо ин корро ба хотири баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва ҷаҳонбинии наврасону ҷавонони кишвар менамоем».

Бо назардошти ҳамаи ин талаботҳои ҷомеаи имрӯза ва бозори меҳнат, мо омӯзгоронро ба он водор мекунад, ки дар тайёр намудани мутахассисони забондон хело ҳам ҳушдор ва нуқтасанҷ бошем. Таълими забонҳои хориҷиро мувофиқи матлаб роҳандозӣ намоем, яъне дар асоси дониши базавии забонҳои русӣ ва англисӣ бо истифода аз роҳу усулҳои навину фаъоли таълим, дар ҳар як ихтисос истилоҳоти соҳавӣ ва забони муошират касбиро омӯзонем.

Таваҷҷӯҳи хосаи Сарвари давлат барои боз ҳам хубтар ба роҳ мондани таълими забони англисӣ устодонро ба он водор менамояд, ки аз усулҳо ва методҳои фаъоли таълим истифода баранд. Маҳз истифодаи усулҳои фаъоли таълим заминаи асосии муккамалгардонии забони англисӣ хоҳанд гашт.

Ташаббусҳо ва иқдомҳои пай дар пайи Пешвои муаззами миллат, мо омӯзгоронро ба он сафарбар менамоянд, ки роҳу воситаҳои гуногун ва шавқовари омӯзиши забони англисиро ҷустуҷӯ намоем, то ин ки раванди омӯзиш шавқовар гардад ва бо ин восита дар толибилмон шавқу завқи забономӯзиро эҳё намоем, чунки дарси шавқовар толибилмро ҳавасманд намуда, сатҳи азхудкунӣ, забондонии толибилмро хубтар мекунад.

Қурбонов Ё.С. - н.и.и., дотсент мудири кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондории ДБССТ

Нурматзода Ҳ. - н.и.т., дотсенти кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондории ДБССТ

# САЙЁҲӢ МУАРРИФГАРИ ФАРҲАНГИ МИЛЛИИ МОСТ
## (Дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ)

Сайёҳӣ яке аз омилҳои самарабахши рушди иқтисодии ҷомеаи муосир ба шумор рафта, ҳамзамон омили муҳим ва асосии муаррификунадаи симои кишварҳо ба вижа муаррифгари фарҳангҳост. Боиси ифтихор аст, ки Тоҷикистон кишварест дорои иқтидорҳои бузурги табиию фарҳангии сайёҳӣ ва ин соҳа маҳз дар даврони истиқлол таҳти сарпарастӣ ва ғамхории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст.

Читавре, ки маълум аст, ҳамасола масоили рушди сайёҳӣ ва самтҳои афзалиятноки он чун дигар соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеъа дар Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён мегардад. Ҳадафи рушди соҳаи сайёҳӣ пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва муаррифӣ намудани Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки сайёҳии фарҳангӣ яке аз самтҳои муҳими ба шумор рафта, ҷиҳати рушди ин навъи сайёҳӣ низ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешида шудааст. Ҷиҳати пешрафти ин навъи сайёҳӣ ҳамасола чорабиниҳои гуногуни сатҳи давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Шоистаи зикр аст, ки ин навъи сайёҳӣ низ дар паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдоварӣ мешавад.

Ҳунарҳои мардумӣ як бахши муҳими фарҳанги миллии мо ба шумор рафта, ҷиҳати рушди сайёҳии фарҳангӣ аҳамияти калонро молик мебошанд. Ин навъи арзишҳои фарҳангӣ дар паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат инъикоси комил доранд. Бояд ёдовар шуд, ки ҳанӯз 22 декабри соли 2017 Пешвои миллат муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон соли 2018 – ро “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон намуда буданд. Ҳамзамон дар Паёми навбатиашон Пешвои миллат солҳои 2019 – 2021 – ро ҳамчун “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон намуданд. Таваҷҷуҳи пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба рушди ҳунарҳои мардумӣ боис гардид, ки дар натиҷа ҳунарҳои миллӣ рушд кунанд ва ин омил ба зиндагии шоистаи ҳунармандон мусоидат намояд.

Бояд тазаккур дод, ки соли 2024 барои рушди фарҳанги миллӣ махсусан ҳунарҳои миллӣ, ҷиҳати ҳарчи бештари омӯзиш ва эҳёву барқарорсозии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ соли бофайз ва фаромушнашаванда хоҳад буд.

Читавре, ки аз натиҷаҳои Паём огаҳ ҳастем, Пешвои миллат дар Паёми имсола соҳаи сайёҳиро ҳамчун самти афзалиятноки иқтисодиёти кишвар зикр карда, ҷиҳати рушди он дастур доданд, ки дар тамоми гушаву канори кишвар аз деҳот сар карда то шаҳр дукону растаҳои ҳунармандӣ ташкил карда шавад, то ҳунармандон тавонанд маҳсули ҳунарии худро ҳарчи бештар ба фурӯш бароранд ва ин омил дар рушди сайёҳии фарҳангӣ нақши бориз хоҳад гузошт.

Боиси хушнудист, ки бо дастури сарвари давлат бо роҳбарии яке аз муовинони сарвазири мамлакат ва яке аз муовинони тахассусии раисони шаҳр ё вилоятҳои кишвар гурӯҳи кории доимоамалкунанда таъсис дода мешавад, ки ҷиҳати амалисозии барномаву нақшаҳои бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, косибӣ, аз ҷумла қолинбофӣ, атласу адрасбофӣ ва заргарӣ, инчунин, касбу ҳунаромӯзии шаҳрвандони мамлакат, ташкилу назорати корҳои ободониву кабудизоркунӣ, тозаву озода нигоҳ доштани маҳалҳои

аҳолинишин, ҳифзи табиат ва истифодаи самараноки заминҳои президентӣ ва наздиҳавлигӣ, ба зиммаи ин гурӯҳи корӣ вогузор карда мешавад.

Ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ҳунармандӣ дар кишвар аз ҷониби сарвари давлат ба масъулини Бонки миллӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии мамлакат супориш дода шуд, ки додани қарзҳои хурди имтиёзнокро барои рушди ҳунармандиву косибӣ васеъ ба роҳ монанд.

Бояд зикр кард, ки ёдгориҳои таърихӣ аз зумраи муҳимтарин захираҳои сайёҳии фарҳангӣ ба шумор рафта, дар даврони истиқлол ҷиҳати омӯзиш, ҳифзу барқарорсозӣ ва муаррифии шоистаи ёдгориҳо дар сатҳи байналмилалӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешида шудааст. Маҳз бо кушишу ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдгориҳои мо тармиму баркрорсозӣ шуда, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуданд. Хотирнишон бояд кард, ки ҳанӯз соли 2010 нахустин ёдгории аҳдибиринҷии Тоҷикистон Саразм (ҳазораҳои 4- 3 то мелод) ба феҳристи ёдгориҳои мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шомил шуда буд.

Боиси ифтихор аст, ки соли 2023 якчанд силсилаи ёдгориҳои Шоҳроҳи Бузурги Абрешим: Долони Зарафшон - Қароқум аз Тоҷикистон ёдгориҳои Панҷакенти қадим, шаҳраки Санҷаршоҳ, қалъаи Ҳисорак, Гардани Ҳисор, Қалъаи Муғ, Қалъаи Қум, Тали Хамтуда, низоми обёрикунии Тоқсанкорез ва Оромгоҳи Хоҷа Муҳаммад Башоро ба феҳристи ёдгориҳои мероси фарҳанги модии ЮНЕСКО ва ҳамчунин намунаҳои мероси фарҳанги ғайримодии Кулёти Мавдоно Ҷалолиддини Балхӣ, абрешимбофӣ ва кирмакпарварӣ, ҷашни Сада, ҳунари зарҳалкорӣ ва атласу адрасбофӣ ба феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО шомил гардиданд, ки дар Паём ба таври шоиста ҳамчун ҷозибаи сайёҳӣ зикр гардиданд.

Чи тавре, ки огаҳем доир ба масоили густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, инчунин, рушди сайёҳӣ дар ин самт бо дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ пешниҳод гардид, ки дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида – Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ таъсис дода шавад.

Дар воқеъ таъсиси чунин як ниҳоди алоҳида дар назди ҳукумати кишвар дар самти тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзу муаррифии шоистаи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ нақши бориз хоҳад гузошт ва ин иқдом ҷиҳати рушди сайёҳии фарҳангӣ басо муҳим ва саривақтӣ хоҳад буд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки Паём дастури зиндагии шоиста ва раҳнамои кору пайкори ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон буда, натиҷагирӣ, омӯзиш ва таблиғи ҳар як банди он мояи ифтихор, вазифаи шаҳрвандӣ ва асолати худшиносию худогоҳии мо ба шумор меравад.

Заргаров Ҷ.Ҷ. – дотсенти кафедраи риёзиёт дар иқтисодиёти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

## ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ ИФОДАГАРИ РУШДИ ТАМОМИ САМТҲОИ МАМЛАКАТ

Ҳамасола Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа мегардад, ки дар он тамоми самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвари азизамон муайян ва мушаххас мегарданд.

Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ барои пешрафти минбаъдаи кишвари азизамон мавқеи муҳим дошта, дар он корҳои анҷомёфтаи соли сипаришуда натиҷагирӣ карда мешавад ва барои фаъолияти кории соли оянда нақшагузорӣ менамояд.

Имсол низ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми корҳои анҷомдодашудаи соли гузашта дар Паём ҷамбаст гардида, барои соли оянда масъалагузориҳои нав ба миён оварда шуданд. Паёми Сарвари мамлакат ба Маҷлиси Олӣ барои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муҳим арзёбӣ шудааст ва он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст.

Яке аз соҳаҳое, ки пайваста дар Паёми Президенти мамлакат баррасӣ мегардад, ин соҳаи маориф ва илм мебошад.

Соҳаи маориф ва илм яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат ба ҳисоб рафта, он ҳамасола дар Паёми Президент нуқтаи меҳварӣ дорад. Дар Паёми имсола ба Маҷлиси Олӣ ироагардида низ соҳаи маориф ва илм ҷанбаи муҳимтарин маҳсуб меёбад. Зеро Пешвои Миллат аз ҷумла ишора намудаанд, ки рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад.

Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намуданиояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон қайд карда шуд, ки дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки аз рӯи ишораҳои Пешвои миллат ҳанӯз ҳам корҳои то ба имрӯз дар ин самт амалигардида басанда нестанд ва бояд шабонарӯзӣ кӯшиш намуд, то ба нуқтаҳои баландтарин ноил гардид.

Дар заминаи ин суханрониҳои Сарвари мамлакат гуфтан ба маврид аст, ки саҳми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар тайёр намудани кадрҳои соҳаҳои гуногуни хаёти хоҷагии қишлоқ назаррас буда, ҳар сол кадрҳои қобили меҳнатро омода менамоянд, ки ин нишонгари ҷонибдорӣ аз сиёсати пешгирифтаи Сарвари мамлакат гувоҳӣ медиҳад.

Маълум аст, ки имрӯзҳо ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат диққати ҳамаҷониба равона карда шуда, тамоми самтҳои идеологии мамлакат ба ин соҳа ҷалб карда шудаанд.

Илова бар ин, бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ Сарвари мамлакат дар Паёми имсола пешниҳод намуданд, ки:

– аз 1-уми июли соли 2024 маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 40 фоиз зиёд карда шаванд;

Ин аст, ки ҳамасола аз ҷониби Ҳукумати мамлакат музди маоши кормандони тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ баланд бардошта шуда, сатҳу сифати зиндагии мардум бо талаботи замон мувофиқат карда истодааст.

Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад.

Вобаста ба ин, рушди босуботи мамлакат имрӯз ба неруи зеҳнӣ такя карда, тараққиёти мамлакат низ аз он вобастагии зич дорад. Бесабаб нест, ки Ҳукумати мамлакат ҳамеша насли наврасу ҷавонро ба омӯхтани илму дониш, азхудкунии донишҳои замонавӣ ва технологияи иттилоотӣ пайваста даъват менамояд.

Дар солҳои соҳибистиқлолии кишварамон як қатор озмунҳои ҷумҳуриявӣ таҳти сарпарастии бевоситаи Президенти мамлакат ба монанди «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон Ватани азиз», «Илм-фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикон-дар оинаи таърихи миллат» ва ғ. роҳандозӣ шудаанд, ки барои рушди нерӯи зеҳнии наврасону хонандагон ва дигар қишрҳои ҷомеа нақши муҳим доранд. Натиҷаҳои пайваста гузаронидани ин озмунҳо шаҳодати он аст, ки ҳамасола тамоми қишрҳои ҷомеа ба ин гуна озмунҳо таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, фаъолона ширкат варзида, сазовори ҷойҳои намоён ва соҳиби мукофотҳои пулии калон низ гардидаанд.

Мақсади баргузори чунин озмунҳо пеш аз ҳама ҷалби ҷавонону наврасон ба омӯхтани илму инноватсия, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ буда, инчунин тайёр кардани мутахассиси ояндаи кишвар маҳсуб дониста мешавад. Ҳамзамон озмунҳои мазкур барои омода намудани шахсони маърифатнок ва мутахассисони касбӣ, ки дар оянда дар ободии Ватани азизамон саҳм мегузоранд, равона карда шудааст.

Ин гуфтаҳо исботи он мебошанд, ки таваҷҷӯҳи беандозаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба болоравии саводнокии аҳли ҷомеа айён буда, сиёсати Давлат ба рушди илму маориф равона карда шуда, он яке аз масъалаҳои меҳварӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ташкилу гузаронидани озмунҳо ва таваҷҷуҳи Роҳбарияти Олии кишвар боис гардид, ки теъдоди ҷавонони босалоҳияту босавод, соҳибкасбу донишманд, ихтироъкорону навоварон, донандагони технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, ғолибони озмунҳои байналмилалӣ дар соҳаи илмҳои дақиқ, дар муқоиса бо солҳои 90-уми асри гузашта ба маротиб афзун гашта, истифодаи технологиҳои муосир дар сатҳи баланд амалӣ шуда истодааст.

Гузаштагони мо дар рушду нумӯи давлат саҳми арзандаи хешро дар соҳаҳои гуногун гузоштаанд. Вазифаи аввалиндараҷаи мо низ ин тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳони муосир мебошад. Дар ин раванд мо низ ин иқдоми наҷибонаи Пешвои муаззами миллат дастгирӣ ва пуштибонӣ намуда, пайваста ба дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ арҷ мегузорем.

Ҳамин тариқ, Паёми ироагардидаи Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ барномаи мукаммал ва нақшаи тарҳрезишудаи ниҳоят муҳим ва саривақтӣ буда, ҳамаи самтҳои хоҷагии халқи мамлакатро фаро мегирад ва барои ба сомон расонидани нақшаҳои кории соҳаҳои гуногуни мамлакат роҳнамои асосӣ ба шумор меравад.

Нодиров Ф.М. – н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Султонзода Ҷ.У. – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

# БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН ДАР МЕҲВАРИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ

Мувофиқи банди якуми моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад».

Дар Паёми Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» омадааст, ки “Тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамаи захираву имкониятҳоро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зикршуда барои соли 2024, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд”.

Ба хотири гиромидошти ин санаи муҳимми таърихӣ соли 2024-ро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд.

Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад. Ҳамзамон, таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ва таъмин намудани волоияти қонун ҳамчун меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ баромад менамоянд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ чораҳои муайяни ташкилию сиёсӣ ва маърифатию ҳуқуқиро роҳандозӣ намуда, дар ин самт ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст.

Дар байни санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки тӯли солҳои Истиқлолияти давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва хусусан донишҷӯёну ҷавонон қабул карда шуданд пеш аз ҳама фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 таҳти рақами №691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро номбар намудан мумкин аст. Бо фармони мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карда шуд, ки дар бахши тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони мамлакат чораҳои заруриро роҳандозӣ намояд.

Баҳри иҷрои фармони мазкур қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» таҳия карда шуд. Санадҳои зикршуда, дар бахши тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва баланд гардидани шуур ва маданияти ҳуқуқии аҳли ҷомеа таъсири бевосита расонидаанд.

Ҳамзамон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012 таҳти рақами №382 «Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017» тасдиқ шуд. Барномаи мазкур бо мақсади такмили низоми тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирии соҳаи таълиму тарбияи насли наврас, муҳайё намудани шароит барои беҳтар намудани шаклу усул ва воситаҳои тарбия, таъмини робитаи доимӣ миёни падару модар, муассисаҳои таълимӣ ва аҳли ҷомеа ва дуруст ба роҳ мондани тарбияи насли наврас, таҳия гардид.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94 “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” тасдиқ шуда, масъалаи тарбияи маърифатӣ ва ҳуқуқӣ қисмати таркибии он мебошад.

Маърифати донишҷӯ аз дониш ба вуҷуд омада бошад ҳам, вале ба тарбияи маънавӣ робитаи зич дорад. Тарбияи ҳуқуқӣ ташаккули дарки ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои шаҳрвандон дар назди давлат ва ҷомеа мебошад. Мақсади ниҳоии тарбияи ҳуқуқӣ ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 таҳти рақами 6253 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» тасдиқ карда шуд, ки дар он масъалаҳои гуногуни марбут ба тарбия ва таълими аҳолӣ, ҷомеа ва бахусус ҷавонон матраҳ шудаанд.

Ба ҳайси яке аз вазифаҳои асосии дар ин бароному дарҷгардида ин ба роҳ мондани омӯзиши фанҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» мебошад, ки мақсад аз ҷорӣ намудани он, аз як тараф, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва аз тарафи дигар, паст намудани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ҷавонон мебошад.

Сипас, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 феврали соли 2016 таҳти рақами № 66 “Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020” қабул карда шуд, ки мувофиқи он ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ маданияти баланди ҳуқуқиро талаб менамояд, ки бе он чунин арзишҳои бунёдӣ ва принсипҳои ҷомеа, ба монанди волоияти қонун, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд наметавонанд пурра амалӣ шаванд.

«Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018 таҳти рақами №1005 тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шуд. Дар Консепсия қайд шудааст, ки “Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрванд, ки бевосита аз сифат ва дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ вобаста мебошад, метавонад ба боло рафтани эҳтиром нисбат ба қонун ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи асосӣ ва калидии батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ, паст шудани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ, инчунин дар ботини шахс ба вуҷуд овардани эътиқод ба рафтори ҳуқуқӣ, ташаккули масъулият оид ба итоат кардан ба муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намояд ва шаҳрванд худро дар ҷомеа комилан озод ва бехатар эҳсос намояд.

Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

- ҷоннок кардани корҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ дар асоси ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ;

- таъмини мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо нашрияи расмии иттилоотӣ-ҳуқуқӣ;

-ба таври васеъ ба аҳолӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба онҳо;

-таъсис додани сомонаи ягонаи миллӣ бо ҷойгир кардани тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-такмил додани механизми коркарди мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳими баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар асоси ворид кардани дастовардҳои нави илму технология, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ.

Бо мақсади иҷрои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 ноябри соли 2019, таҳти рақами №599 “Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030” ќабул шуд.

Мувофиқи банди 30-и Барнома дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсис додани клиникаҳои ҳуқуқӣ ҷиҳати пешниҳод намудани машварат ва ёрии ҳуқуқии ройгон махсус қайд карда шудааст.

Барои амалӣ намудани банди мазкур Роҳбарияти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тасмим гирифтаанд, ки факултети ҳуқуқшиносӣ ва клиникаи ҳуқуқӣ таъсис диҳад.

Бо мақсади тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ ва дар ин замина баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии донишҷӯёни мактабҳои олии кишвар дар ҳисоботи нимсолаи Роҳбарияти Донишгоҳ баргузор намудани озмуни дохилидонишгоҳии “Беҳтарин ҳуқуқдон” ва озмуни ҷумҳуриявии “Беҳтарин донандаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” эълон карда шуд, ки ин боиси дастгирии аҳли коллективи профессорию омӯзгории Донишгоҳ гардид.

Аҳли коллективи меҳнатии Донишгоҳ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо истифода аз имконниятҳои фароҳамовардашуда, дар ин самт гомҳои ҷиддӣ бардошта, супоришҳои Роҳбарияти Донишгоҳро ҳамчун татбиққунандагони содиқи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат иҷро намоянд.

Каримов Баҳодур Ҳасанович – дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

# САЙЁҲӢ – СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Дар солҳои 2018 – 2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии кишвар зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда шудааст. Дар ин давра 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, соли 2023 шумораи сайёҳон ба як миллиону дусад ҳазор нафар расидааст. Вале таъкид менамоям, ки имкониятҳои барои рушди соҳа истифоданашуда ҳанӯз хеле зиёданд.

(аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 декабри соли 2023)

Имрӯз сайёҳӣ яке аз соҳаҳои ботадриҷ рушдёбандаи иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки дар ояндаи наздик метавонад як воситаи баланд бардоштани некуаҳволии мардум ва фишанги асосии рушди устувори мамлакат гардад. Дар солҳои охир дар сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои муҳиме ба амал омадаанд, ки барои эътироф шудани сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат имкон медиҳанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти бузурги табиию иқлимии барои рушди сайёҳӣ дар мамлакат мавҷудбударо ба инобат гирифта, тадбирҳоро барои истифодаи онҳо тавсеа медиҳад.

Яке аз иқдомҳои асосии таконзидиҳандаи рушди сайёҳӣ дар мамлакат аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 эълон намудани соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» мебошад.

Дар ин маврид, Сарвари давлат қайд намуданд, ки сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад».

Ҳамчунин бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои рушди сайёҳӣ ва бо назардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 26 декабри соли 2018 ироа гардид, солҳои 2019-2021-ро ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуданд.

Ташаббусҳои бузурги Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири рушди соҳаи сайёҳӣ аллакай дар соли 2018 паёмадҳои умедбахши худро ба бор оварданд. Таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ ва бахши хусусии соҳибкорӣ ба фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ шиддат гирифт.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, № 372 Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул гардид, ки дар он ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди сайёҳии мамлакат муайян карда шудаанд.

Ҳамчунин дар санади мазкур қайд гардидааст, ки захираҳои имконпазири сайёҳии мамлакат ба таври зарурӣ истифода намешаванд, хизматрасониҳои ба сайёҳон пешкашшаванда ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ нестанд, барои будубоши сайёҳон дар қаламрави мамлакат шароити мусоид муҳайё нест. Вобаста ба ин, тадбирҳои минбаъдаи мақомоти давлатӣ бояд ба баланд бардоштани саҳми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат равона гардида шаванд.

Ҳоло барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он дар мамлакат шароити ҷолиб барои сармоягузорӣ фароҳам оварда шудааст, иншооти зиёди инфрасохтори сайёҳӣ мавҷуд аст, ки бо сабаби сатҳи баланди фарсудашавии ҷисмонӣ фаъолияти хуб намекунанд ва барои барқарор кардани иқтидори худ ба сармоягузорӣ ниёз доранд.

Ҳамчунин, бо шарофати шароити хуби иқлим ва табиат дар мамлакат мавзеъҳои зиёди табиие ҳастанд, ки барои ба роҳ мондани хизматрасониҳои сайёҳӣ созгор буда, таъсиси иншооти инфрасохтори сайёҳӣ дар онҳо метавонад ба рушди бобарори сайёҳӣ мусоидат кунад.

Метавон тахмин кард, ки иқтидори рушди сайёҳӣ, ки дар мамлакат мавҷуд аст, барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар ин соҳаи афзалиятнок шароити мусоид фароҳам меорад ва барои ташаккули фазои муайяни сармоягузорӣ имкон медиҳад.

Гузашта аз ин, дар мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Суботи сиёсӣ, ки дар мамлакат пойдор шудааст ва сиёсати оқилонаи макроиқтисодии пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таконбахши рушди сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он буда, худи сиёсати сармоягузорӣ ба ҳалли масъалаҳои стратегии рушди иқтисодиёти миллӣ равона гардидааст.

Дар баробари намояндагони ҳукумати мамлакат ба рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он ҳамчунин доираҳои соҳибкорон ва сармоягузорон, аҳли илми иқтисодии кишвар таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Зеро имрӯз хизматрасонии сайёҳӣ дар ҷаҳон яке аз соҳаҳои сердаромади соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, соҳибкории сайёҳӣ ба доираи фаъолияти худ субъектҳои соҳаҳои дигари иқтисодиёт – нақлиёт, алоқа, хӯроки омма, муассисаҳои табобатӣ, фарҳангию фароғатӣ, варзишию солимгардонӣ, осоишгоҳҳо, тарабхонаҳо, агентиҳои таблиғотӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳои инфрасохтори сайёҳиро ҷалб мекунад.

Аммо сарфи назар аз тадбирҳои назаррасе, ки дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор барои рушди сайёҳӣ роҳандозӣ мекунанд, сатҳи зарурии суръати рушди сайёҳӣ дар мамлакат мушоҳида намешавад. Маълумоти омори расмӣ гувоҳӣ медиҳад, ки шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар мамлакат тадриҷан афзоиш меёбад, вале нишондиҳандаи даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ назаррас нестанд.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2018 шумораи ширкатҳои сайёҳии дар мамлакат фаъолияткунанда 146 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба соли пешин 55 адад зиёд аст. Ҳамин тариқ, ҳамасола дар мамлакат тамоюли зиёдшавии шумораи ширкатҳои сайёҳӣ ба назар мерасад. Дар ин маврид аз соли 2017 (соли аввали иқдомҳо барои рушди соҳаи сайёҳӣ) то соли 2021 суръати афзоиши шумораи ширкатҳои сайёҳӣ 258%-ро ташкил додааст.

Дар баробари зиёд шудани ширкатҳои сайёҳӣ (туроператорҳо ва турагентҳо) ҳамчунин шумораи корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ низ дар мамлакат зиёд шудааст.

Мувофиқи маълумоти аз сомонаи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасшуда, ба ҳолати нимаи дуюми соли 2023 дар мамлакат 295 адад корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла 187 меҳмонхона, 52 осоишгоҳ, 29 ҳостел ва мотел, 8 хонаи истироҳатӣ, 7 маркази муолиҷавӣ ва дармонгоҳ, 6 осоишгоҳ ва лагери кӯдакона, 5 пойгоҳи сайёҳӣ ва 1 пансионат фаъолият мекунанд.

Вале, бояд тазаккур дод, ки рушди ҳар як соҳаи соҳибкорӣ ва саҳми он дар пешравии иқтисодиёти миллӣ на бо теъдоди субъектҳои иқтисодии дар соҳаи мазкур фаъолияткунанда, балки бо сатҳи даромаднокии онҳо арзёбӣ карда мешавад.

Вобаста ба ин, қайд мекунем, ки нишондиҳандаҳои воқеии даромаднокии ширкатҳои сайёҳӣ барои ҳамчун қаноатбахш арзёбӣ кардани рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат басанда нестанд. Барои афзун кардани даромаднокии фаъолияти сайёҳӣ ҷолибияти хизматрасониҳои сайёҳиро барои сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ тавассути бо сифати беҳтар пешниҳод кардани онҳо ва таъсис додани иншооти инфрасохтори сайёҳии аз ҷиҳати хизматрасонӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ баланд бардоштан лозим аст.

Албатта, барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ, ҷалби бештари сайёҳон барои ташриф овардан ба иншооти сайёҳӣ ва аз ин ҳисоб зиёд кардани натиҷаҳои молиявии субъектҳои соҳибкории сайёҳӣ роҳандозӣ намудани усулҳои пешрафтаи менеҷменти муосир, аз ҷумла идоракунии стратегӣ дар соҳаи сайёҳӣ муҳим аст.

Бояд қайд кард, ки дар раванди рушди стратегии ширкатҳои сайёҳӣ дигаргуниҳои дар доираи нерӯи инсонӣ рухдиҳанда аҳамияти муҳим пайдо мекунанд. Зеро имрӯз омили асосии ташаккулдиҳандаи рушди рақобат дар бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ табдили сатҳи имрӯзаи тафаккури идоракунӣ бо тамаркуз ба стратегияҳои навтарин ва методологияҳои ояндадори таҳқиқоти рушди соҳаи сайёҳӣ мебошад.

Бо таъсири фишангҳои идоракунӣ ва танзими равандҳои иқтисодӣ дар соҳаи сайёҳӣ, инчунин таъсири омилҳои гуногуни дар муҳити иқтисодӣ ҷойдошта шароите фароҳам оварда мешавад, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳои сайёҳӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон ин ба дигаршавии равишҳои идоракунӣ ва танзим, гузариш аз усулҳои маъмурии идоракунӣ ба усулҳои бозорӣ дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ меоварад.

Дар муҳити иқтисодии ноустувори имрӯза ширкатҳои сайёҳӣ бо душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ мешаванд, ки бо номуайянии вазъ дар бозор, ноустувории мавсимии талабот ба хизматрасониҳои сайёҳӣ, рақобати шадид ва норасоии захираҳои молиявӣ алоқаманд мебошанд. Дар ин маврид, барои бартараф кардани душвориҳои мазкур дар низоми идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ ба роҳ мондани идоракунии стратегӣ воситаи муҳим ва муассир мебошад.

Натиҷаи ниҳойии идоракунии стратегӣ дар соҳаи сайёҳӣ ташаккули иқтидори ҳамаҷониба барои ноил шудан ба ҳадафҳои фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва бунёди сохтори дохилии мутобиқшавандаи онҳо мебошад, ки сатҳи зарурии ҳассосиро ба тағйирёбии муҳити иқтисодӣ таъмин мекунад.

Аз сабаби он, ки тамоми ҷузъҳои низоми хоҷагидории дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунанда (равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунӣ) зери таъсири муҳити иқтисодии атроф қарор доранд, тағйироти он таҷдиди муҳими сохтори дохилии худи низоми хоҷагидориро низ тақозо мекунад.

Суръатҳои дигаргуниҳо дар муҳити иқтисодӣ, афзоиши рақобат барои дастрасӣ ба захираҳои сайёҳӣ, пайдо шудани таҳдидҳо ва имкониятҳои нав дар доираи технологияҳои навин, ки ба марҳилаи имрӯзаи рушди иқтисодӣ хос мебошанд, боиси ба таври назаррас пурзӯр шудани нақши идоракунии стратегӣ ҳамчун кафили фаъолияти босамари ширкатҳои сайёҳӣ мегарданд.

Тавре дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, рушди устувори соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат бо ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ таъмин мегардад, ки аз ҷумлаи асоситарини онҳо ташаккули инфрасохтори муосири соҳаи сайёҳӣ ва тақвияти иқтидорҳои сайёҳӣ, таъмини рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳӣ дар асоси баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ, таъсис ва рушди кластерҳои сайёҳӣ ва таъмини инноватсионию сармоягузории рушди соҳаи сайёҳӣ мебошанд.

Соҳаи сайёҳӣ дар қиёс бо дигар соҳаҳои соҳибкорӣ дорои хусусиятҳои фарқкунанда мебошад. Аз як ҷониб, барои сармоягузор амсилаи тиҷоратии он метавонад ба амсилаи тиҷоратии соҳаҳои дигар монанд бошад, яъне ба даст овардани даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ бо истифода аз иншооти тиҷоратӣ, масалан, аз муассисаҳои савдо, фароғат, солимгардонӣ.

Аз ҷониби дигар, дар фаъолияти сайёҳӣ омилҳои соҳавӣ хеле муҳим мебошанд, сар карда аз ҷолибияти умумии маконе, ки иншооти хизматрасонӣ ба сайёҳон дар он ҷойгир аст, то сатҳи касбии дастаи кормандон ва стандартҳои хизматрасониҳо ба сайёҳон.

Дар соҳаи сайёҳӣ афзалиятҳои мизоҷон низ хусусияти фарқкунандаи худро доранд. Ин хусусият ба устувории бозори сайёҳӣ ва майли мизоҷони доимӣ ба ҳамон як иншооти сайёҳӣ ё ширкати сайёҳӣ таъсир мерасонад. Агар мизоҷ (сайёҳ) ба ягон макони сайёҳӣ (масалан, осоишгоҳ, маҷмааи варзишию солимгардонӣ ё иншооти дигар), маҳсулот ё хизматрасонии муайян одат карда бошад, пас ӯ метавонад борҳо ва солҳо ба ҳамон макон ташриф оварад, хусусан агар дар он ҷо аз ҷониби кормандон ҳар дафъа имкониятҳои нави фароғатӣ ва солимгардонӣ пешниҳод карда шаванд.

Аз ин рӯ, ширкатҳои сайёҳӣ ва муассисаҳои ифрасохтори сайёҳӣ, ки маҳз имрӯз метавонанд дар бозор маҳсулот ва хизматрасониҳои баландсифат ва ҷолибро пешниҳод кунанд, барои худ дар муддати оянда тӯлонӣ низ дастаи мизоҷони содиқро бунёд мекунанд.

Ҳоло дар маҳаллаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон маконҳои зиёде мавҷуданд, ки дар онҳо чунин пешниҳод имконпазир аст: аз осоишгоҳҳои калон то меҳмонхонаҳо, истироҳатгоҳҳои хурд ва муассисаҳо доир ба ташкили хизматрасониҳои фароғатӣ ва солимгардонӣ ба сайёҳон.

Ҳамин тариқ, иқтидори сармоягузории соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат баланд аст, зеро дар бозори сайёҳӣ барои мизоҷони хориҷӣ ва дохилӣ талаботи қонеънашуда хеле зиёд аст. Махсусан шаҳрвандони хориҷӣ сарфи назар аз хатарҳо ва омилҳои бесуботӣ дар қаламравҳои муайян ҳоло ҳам ба сайругашти сайёҳӣ ва сафарҳои фароғатию солимгардонӣ ба кишварҳои нисбатан амн, чун Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ва рағбати зиёд доранд.

Ҳоло талабот ба муассисаҳои фароғатию солимгардонӣ, ки сифати баланди хизматрасониро пешниҳод мекунанд, бештар аст. Дар ин гуна муассисаҳо агар шароит барои гузаронидани ҳар гуна ҳамоиш ва вохӯриҳо муҳайё бошад, фароғатгоҳҳо ва майдончаҳои варзишӣ барои гурӯҳҳои гуногуни мизоҷон (кӯдакон, калонсолон, маъюбон), толорҳои SPA (табобати обӣ) мавҷуд бошанд, ҷолибияти сайёҳии онҳо боз ҳам бештар мешавад.

Барои ҷалби бештари сайёҳон, мавзеъҳои сайёҳӣ бояд ба афзалиятҳои мизоҷон ҷиҳати нархи хизматрасониҳо, шароити мусоид ва имконияти истироҳатию фароғатӣ, машғул шудан ба тиҷорат ва гузаронидани вохӯриҳою ҳамоишҳои тиҷоратӣ, имконияти тамошои диданиҳои маҳал, иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ мувофиқат кунанд.

Сайёҳон низ ба мисли мизоҷони дигар пешниҳодкунандагони хизматрасониҳо нархҳо, хусусиятҳо ва афзалияти мавзеъҳои сайёҳӣ, инчунин масрафҳои вақт ва сарфаи маблағро ба инобат мегиранд. Онҳо инчунин ба давомнокӣ ва шароити мусоиди роҳ аз фурудгоҳ то ба мавзеи сайёҳӣ, набудани монеаҳои лафзӣ ва муошират, тозагӣ ва шароити беҳдоштӣ, дастрасӣ ба маконҳои ҷолиби диданӣ, имконияти якҷоя кардани барномаҳои фарҳангӣ бо тиҷорат, бехатарӣ (набудани бетартибиҳо, носуботии сиёсӣ), инчунин имконияти қонеъ гардонидани талаботи махсуси гурӯҳҳои муайяни мизоҷон (кӯдакон, калонсолон, маъюбон, зарурати истеъмоли хӯроки махсус, хизматрасониҳои тиббӣ), мавҷудияти воситаҳои иртиботӣ ва интернет, кирояи автомобилҳо ва дигар воситаҳои нақлиёт, лавозимоти варзишӣ ва кӯҳнавардӣ, толорҳои маҷлисӣ ва дигар шароити барои худ зарурӣ диққат медиҳанд.

Намунаи чунин муассисаҳо осоишгоҳи «Шоҳамбарӣ» мебошад, ки дар масофаи 25 километр дар самти шимолу ғарбии пойтахти ҶумҳурииТоҷикистон шаҳри Душанбе дар баландии 1150 метр аз сатҳи баҳр дар мавзеи хушманзар ва дилкаш ҷойгир аст. Дар осоишгоҳ мизоҷон дар баробари табобат ва фароғат, ки самти асосии фаъолияти муассисаи мазкур мебошад, метавонанд дар варзишгоҳ бо намудҳои гуногуни варзиш машғул шаванд ва дар мусобиқаҳои варзишӣ иштирок кунанд. Бинои амфитеатр ба онҳо имкон медиҳад, ки ҳар гуна чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ, шабҳои эҷодӣ, барномаҳои консертӣ ва тамошои филмҳоро ташкил намоянд.

Ҳамчунин дар толорҳои маҷлисии осоишгоҳ барои ташкил ва гузаронидани ҳар гуна чорабиниҳои илмию фарҳангии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ шароит муҳайё мебошад. Мавҷуд будани чунин иншоот рағбати гурӯҳҳои алоҳидаи мизоҷонро аз доираҳои олимон, соҳибкорон, аҳли фарҳанг ва ҳунар ташаккул медиҳад.

Барои рушди босуръати соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат барномаҳои махсуси давлатии сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорону сармоягузорони хусусӣ зарур аст. Бо фаъолияти муътадили иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, махсусан осоишгоҳҳо, маҷмааҳои варзишию солимгардонӣ, меҳмонхонаҳо ва фазои мусоиди сармоягузорӣ дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ метавонад як нерӯи пешбарандаи афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодии мамлакат гардад.

Барои ба даст овардани мавқеи намоёни худ дар бозорҳои дохилӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонии хизматрасониҳои сайёҳӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар навбати аввал шароити мусоидро барои пешниҳоди хизматрасониҳои муосири рақобатпазир ба сайёҳони хориҷӣ ва

дохилӣ дар самтҳои солимгардонӣ, фароғатӣ, варзишӣ, кӯҳнавардӣ ва сайругашт фароҳам оварад.

Яке аз хусусиятҳои хоси маҳсулоти сайёҳӣ ташрифи бевоситаи мизоҷ (сайёҳ) ба мавзеи сайёҳӣ ва иштироки он дар раванди хизматрасонии сайёҳӣ мебошад. Бинобар ин, стратегияи маркетинг ва нархгузории ширкатҳои сайёҳӣ бояд бештар ба ҷалби диққати сайёҳон ба иттилоот дар бораи хосият ва тавсифи хизматрасониҳои ташаккулдиҳандаи маҳсулоти сайёҳӣ, мусоидат ба харидории он нигаронида шавад.

Тамоми субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор дар мамлакат бояд саҳм гузоранд. Аммо, дар ин маврид сатҳи омодагии касбӣ ва салоҳияти захираҳои инсониро ба инобат гирифтан лозим аст. Омили инсонӣ дар соҳаи сайёҳӣ аввалиндараҷа буда, сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳиро таъмин мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои рушди устувори намудҳои гуногуни сайёҳӣ иқтидори бузург дорад, маҳз омили инсонӣ асоси муваффақият дар соҳаи сайёҳӣ ва корхонаҳои инфрасохтори он мебошад. Қобили зикр аст, ки фарҳанги хизматрасонӣ дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти сайёҳии босифат афзалияти асосӣ ба ҳисоб меравад. Фарҳанги баланди хизматрасонӣ, ки аз дониш, малака ва рафтори касбии ҳайати кормандони субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ вобаста аст, ба баланд бардоштани рақобатпазирии фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ мусоидат мекунад.

Қобили зикр аст, ки дар самти баланд бардоштани фарҳанги сайёҳӣ, омода намудани кормандон ва мутахассисони соҳаи сайёҳӣ саҳми Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон назаррас аст. Донишгоҳи мазкур яке аз муассисаҳои пешрафтаи таҳсилоти олии касбӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад, ки мутахассисони хуби соҳаи сайёҳӣ омода карда мешаванд.

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар доираи иҷрои ҳадафҳои Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2022, № 17 дар заминаи Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (собиқ Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат) таъсис дода шудааст.

Дар Донишгоҳ омодасозии мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои муосири соҳаи сайёҳӣ – саёҳат ва меҳмондорӣ, кишваршиносӣ ва сайёҳӣ, иқтисодиёт ва идораи сайёҳӣ, менеҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ, географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат, иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои хоҷагии меҳмондорӣ ва тарабхона, кори осорхона ва ҳифзи ёдгории таърихию фарҳангӣ (мероси фарҳангӣ ва сайёҳӣ), таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ, забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ, хитоӣ), полиси сайёҳӣ, сайёҳии осоишгоҳии табобатӣ, тибби сайёҳӣ ба роҳ монда шудааст. Ғайр аз ин, дар факултети муштараки байни Донишгоҳи давлатии сайёҳӣ ва хизмати Россия (РГУТИС, вилояти Москва, шаҳри Пушкин) ва Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мутахасссисон бо ихтисосҳои туризм, фаъолияти меҳмонхона, сервис омода карда мешаванд.

Исмоилов А.А. – н.и.и., мудири кафедраи
фаъолияти бонкии ДБССТ

# СИЁСАТИ ФАРҲАНГИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ЭҲЁГАРИ ТАЪРИХУ ФАРҲАНГ ВА ТАЪМИНИ ОЯНДАИ ДУРАХШОНИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Халқи тоҷик аз даврони куҳан бо тамаддуну фарҳанги худ аз дигар миллату халқиятҳо фарқ мекард, аз ин рӯ ба Феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ворид шудани ёдгориҳои гуногуни таърихию фарҳангии кишвар, ки ҳамчун навиди нек дар фазои фарҳангии ҷаҳон паҳн гардид, мояи ифтихори тамоми тоҷикони ҷаҳон аст.

Падидаи мазкур пеш аз ҳама натиҷаи заҳматҳои бесобиқаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, аз сиёсати фарҳангпарваронаи ӯ сарчашма мегирад.

Пешвои миллат ҳанӯз аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон барои муаррифии фарҳанги ғании миллати тоҷик қадамҳои устувор гузоштанд.

Даврони начандон тӯлонии истиқлолияти миллии Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки мо ба таърихи илму фарҳанги хеш, ки собиқаи чандинҳазорсола дорад, аз мавқеи тоза назар андозем – омадааст дар китоби “Чеҳраҳои мондагор”-и Пешвои миллат (Эмомалӣ Раҳмон. Эр-граф, 2016. 364 саҳ.).

Натиҷаи чунин сиёсати фарҳангсолориву созанда буд, ки намунаҳои барҷастаи мероси ғании фарҳангӣ-таърихии халқи тоҷик, аз қабили мусиқии миллии “Шашмақом”, ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ, таоми миллии “Оши палов”, “Чакан”, “Фалак”,“Латифаҳои Насриддин Афандӣ”, “Куллиёти Мавлоно” ба рӯйхати мероси фарҳанги ғайримоддӣ, шаҳри бостонии Саразм, ёдгории табиии “Боғи миллии Тоҷикистон” ва ғ. ба рӯйхати мероси фарҳанги моддии ЮНЕСКО ворид гардидаанд.

Дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат бо иқдоми наҷибонаи Пешвои муаззами миллат санаҳои зиёди таърихӣ марбут ба симоҳои шинохтаи адабу фарҳанги тоҷик дар миқёси ҷаҳонӣ бо шукуҳи хосса таҷлил гардиданд.

Дар баробари ба ҷаҳониён муаррифисозии фарҳанги волои халқи куҳанбунёди тоҷик Пешвои миллат пайваста кӯшиш менамоянд, ки сатҳи маърифатнокӣ, майли китобхонӣ ва донишҳои техникии аҳолии кишвар, алалхусус насли ҷавону ояндасоз, давра ба давра боло бурда шавад.

Аз ин нуқтаи назар, иқдоми Ҳукумати мамлакат таҳти раҳнамоии Пешвои миллат дар самти бедор сохтани таваҷҷӯҳи аҳолии кишвар, алалхусус ҷавонон, ба мероси гаронмояи адабию фарҳангии халқи тоҷик дар миқёси кишвар тавассути баргузории озмунҳои гуногуни фарҳангию адабӣ ва таърихӣ хеле саривақтӣ мебошад, ки заминаи меъёрию ҳуқуқии онҳо аз Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Илм – фурӯғи маърифат” ва “Тоҷикистон – Ватани азизи ман” (аз 01.01.2024) манша мегирад.

Халқи тоҷик аз аввал ба китоб майлу рағбати беандоза дорад, бинобар ин дар замони соҳибистиқлолӣ бо ташаббусу дастгириҳои бевоситаи Сарвари давлат аз тарафи Ҳукумати кишвар дар қатори самтҳои гуногун ба соҳаи илму маориф ва китобу китобдорӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида истодааст.

Озмунҳои ҷумҳуриявӣ метавонанд заминаи хеле хубе фароҳам оваранд, то ки насли ҷавон аз гузаштаи хеш огаҳӣ пайдо намояд, донишҳои фарҳангиву техникии худро сайқал дода, соҳиби ояндаи дурахшон гардад, бинобар ин озмунҳои мазкур яке аз дастовардҳои беҳтарин ва муҳимтарини замони соҳибистиқлолии кишвар ҳисобида мешаванд.

Баргузории озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади талқин намудани китобхонӣ миёни ҳамаи қишрҳои ҷомеа роҳандозӣ гардидааст. Тавре ба ҳамагон маълум аст, дар натиҷаи баргузории ҳарсолаи озмунҳои номбурда майлу рағбати тамоми қишрҳои ҷомеа, новобаста аз синну сол, ба

китобхонӣ бештар гашта, ҷавонон ва калонсолон ҳарчи бештар рӯ ба китобхонӣ оварда истодаанд.

Мавриди зикр аст, ки озмунҳои ҷумҳуриявӣ дар зеҳни мардуми кишвар ҳиссиёти нави хештаншиносиро ба вуҷуд оварда, халқро аз хоб бедор кард ва шуълаи меҳру муҳаббат нисбат ба ватану миллатро дар дили онҳо бештар барафрохт.

Мусаллам аст, ки чӣ қадаре ки аҳли ҷомеа донишманд ва аз гузаштаи худ бохабар бошад, ҳамон қадар сулҳу субот дар кишвар устувор монда, рушди минбаъдаи он таъмин хоҳад гардид. Аз ин нуқтаи назар бояд мутолиаи китобҳои таърихӣ ва бадеиро бештар намуд.

Дар замони муосир танҳо миллате дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеи устуворро касб карда метавонад, ки агар аз ихтироот ва рушди техникаву технология ва татбиқи он бархурдор бошад, зеро асри 21 ва даврони минбаъда худ даврони техникаву технология аст.

Аз ин нуқтаи назар, баргузории озмуни "Илм - фурӯғи маърифат" иқдоми хеле саривақтӣ буда, барои дарёфти истеъдодҳои нодир ва муаррифии онҳо нақши сазовор хоҳад гузошт. Дар рафти ин озмун ба шарофати соҳибистиқлол будани кишвари маҳбубамон барои ҷавонон ҳамаи имконот фароҳам оварда шудааст.

Дар умум, ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ баргузории озмунҳои ҷумҳуриявӣ барои рушди зеҳниву боло бурдани маърифати шаҳрвандон нақши хеле муассир бозида истодаанд.

Озмунҳои "Тоҷикистон - Ватани азизи ман", "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ҳисси ватандӯстиро дар дили инсон бедор сохта, таркиби китобхонӣ ва тафаккури ҷомеаро рушд дода истодаанд, озмуни "Илм - фурӯғи маърифат" бошад метавонад тафаккури техникии ҷомеаро боло барад.

Дар якҷоягӣ ин озмунҳо метавонанд аҳолии кишвари моро боз ҳам равшанфикртар гардонад, то барои расидан ба ҳадафи 4-уми стратегии кишвар, яъне саноатикунонии босуръат, заминаи босазо гузошта шавад.

Ба андешаи мо баргузории озмунҳои мазкур яке аз чораҳои муҳиму тақдирсоз барои ояндаи дурахшон ва ба як давлати аз ҷиҳати илму фарҳанг, техника ва технология рушдкарда табдил ёфтани Тоҷикистони азизамон бисёр ҳам иқдоми саривақтӣ мебошад.

Ҳабибуллозода М.Ҳ.-декани факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии ДБССТ

Нодиров Ф.М. – н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ДБССТ

## СОЛИ 2024 - СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

28 декабри соли 2023 Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» ироа гардид.

Пешвои муаззами миллат аз нақши Конститутсия дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар ҳамчун қонуни асосӣ, таъкид намуданд, ки он асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, тартиби ташкил ва тақсимоти ҳокимияти давлатиро муайян мекунад.

Меъёрҳои конститутсионӣ эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, мустақиман амал мекунанд.

Соли 1994 дар таърихи давлатдории тоҷикон бори аввал Конститутсия бо роҳи раъйпурсиии умумихалқӣ қабул гардид ва барои сохтмони давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона заминаи муҳими ҳуқуқиро гузошт.

Татбиқи амалии меъёрҳои Конститутсияи боиси устувор гардидани тартиботу қонуният дар ҷомеа, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, амнияти саросарӣ, ваҳдати миллӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва дар ин замина муҳайё сохтани шароити зиндагии арзандаи ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад.

Бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон соли 2024-ро “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон намуданд. «Зеро аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми мамлакатро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад», таъкид намуданд Сарвари давлат.

Дар фаҳмиши муқаррарӣ, маърифати ҳуқуқӣ - ин, қабл аз ҳама, тасаввуроти дурусти тартиботи ҳуқуқист, ки бо шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва анъанаҳои фарҳангиву ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа муқаррар карда мешавад.

Тартиботи ҳуқуқӣ бошад, низоми муносибатҳои иҷтимоист, ки дар натиҷаи риояи аниқу пурраи муқаррароти меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби ҳама субъектони ҳуқуқ ба вуҷуд меояд.

Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии кишвар махсуб ёфта, тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҷалби воситаҳои ахбори омма амалӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, дар кишвари мо асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои љамъиятӣ бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳони муосир гузошта шуда, татбиқи амалии онҳо аз донишҳои ҳуқуқии аҳли ҷомеа ва бахусус мутахассисони соҳаҳои гуногун вобаста мебошад.

Аз ин лиҳоз, зарурати бо донишу малакаи ҳуқуқӣ ҷиҳозонидани аҳли ҷомеа ва бахусус донишҷӯён ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии онҳо ниҳоят зарур мебошад.

Пешрафти давлат ва рушди ҳама соҳаҳои он иҷтимоӣ, иқтисоду фарҳанг қабл аз ҳама ба он вобаста аст, ки ислоҳоти қонунгузорӣ чӣ гуна сифату самара дорад ва бо кадом роҳу усулҳо дар ҳаёти муқаррарии ҳар шаҳрванд татбиқ мешавад. Бинобар ин, омӯхтани фанҳои ҳуқуқӣ ва қобилияти истифодаи донишҳои ҳуқуқӣ дар зиндагӣ барои ҳама зарурат дорад.

Аз ин нуқтаи назар, нашри маводи ҳуқуқӣ, дар кадом шакле набошад, ба пешрафти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, албатта, мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тавр, дар маҷмуъ, тартиботи ҳуқуқӣ ҷузъи таркибии тартиботи ҷамъиятист ва вазъияту ҳолат ва сифати тартиботи ҷамъиятӣ аз рафтору кирдор ва андешаву амали бошууронаи ҳар шаҳрванд вобастагии амиқ дорад.

Масъалаи беҳтар намудани сатҳу савияи маърифати ҳуқуқии аъзои ҷомеа ва ба одати ҳамешагии шаҳрвандон табдил додани итоат ба қонун аз масъалаҳои асоситарини сиёсати ҳуқуқиву иҷтимоии давлат мебошад. Баланд намудани савияи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва ба одати ҳамешагӣ табдил додани итоат ба қонун аз масъалаҳои асоситарини сиёсати ҳуқуқии кишвар мебошад.

Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ шароит фароҳам меорад, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд, масъулият дошта бошанд ва ба имкониятҳои баробар, аз ҷумла имкониятҳои ҳуқуқӣ тавассути волоияти қонун дастрасӣ дошта бошанд, ки ҷиҳати расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳои ворид шудан ба қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

Қаландаров А.А. – н.и.г., дотсент, мудири кафедраи географияи иқтисодӣ ва экологияи ДБССТ

# ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ИЛМ-ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ" ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАҲКИМИ МАСЪАЛАҲОИ ТАҲҚИҚ, КАШФИЁТИ ИЛМӢ ВА ИХТИРООТҲОИ НАВ

Дар ҷаҳони имрӯза рӯ овардан ба масъалаҳои таҳқиқ, кашфиёти илмӣ, ихтирооти нав дар илм ва рушду инкишофи он тақозои замон аст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин самт барои ташаккули заминаҳои нави кашфиёти илмӣ талош меварзанд, зеро илмҳои дақиқ таҳқиқ, кашфиётҳои илмӣ ва ихтироотро талаб менамояд. Дар натиҷаи навовариву бозёфт метавонад, башариятро аз мушкилотҳои гуногун раҳоӣ бахшида, тарзи ҳаётгузарониро осон гардонад.

Бузургтарин сармояи инсонӣ хираду ҳуш, тамкину маданият, илму дониш маҳсуб ёфта, барои пешрафту тараққиёти ҳар як давлат заминаи мусоид фароҳам меоварад. Ҷомеаи кунунии Тоҷикистони биҳиштосо аз насли ҷавону болаёқат ва нерӯи созанда афкори тозаро тақозо дорад, зеро ҷавонони болаёқату соҳибистеъдод, навовару ихтирокор ва соҳибандеша метавонанд, бо ақлу хираду ҳуш бо нерӯи зеҳнии хеш ба рушди ҷомеаи навини тоҷик такони ҷиддӣ бахшанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ ба рушду инкишофи тамоми илмҳо таваҷҷуҳи махсус дорад ва барои машғул шудан ба фаъолияти илмӣ ва комёб шудан ба дастовардҳои илмӣ шароити мувофиқ фароҳам меорад. Ба хотири ҳарчи беҳтару хубтар ба роҳ мондани амалияҳои илмӣ ҳамасола аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барномаву чорабиниҳои судманд роҳандозӣ мегардад.

Бо мақсади амалисозии барномаи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" солҳои 2020-2040 ва тавсеаи ҷаҳонбинии илмию техникии ҷавонону наврасон, дастрасӣ ба техникаву технологияи муосир ва пайвасти илм бо истеҳсолот тӯли чанд сол аст, ки Озмуни ҷумҳурявии "Илм-фурӯғи маърифат" баргузор мегардаад.

Эълон гардидани солҳои 2020-2040 ҳамчун "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" ва дар доираи он эълоншудани Озмуни ҷумҳуриявии "Илм-фурӯғи маърифат" тавонист, ба самтҳои гуногуни илм такони ҷиддӣ бахшад. Имрӯзҳо тамоми омӯзгорони муассисаҳои таълимии миёна ва макотибҳои олии кишвар талош меварзанд, то шогирдони хешро дар озмуни мазкур роҳнамоӣ намуда, бо ин васила шавқу завқи онҳоро дар омӯзиши илму дониш афзун гардонанд. Ин Озмун дар муддати кӯтоҳ тавонист, ҳамкории омӯзгорону донишҷӯёнро ҷиҳати дар амал татбиқ намудани амалияҳои илмии назарияҳои омӯхташуда боз ҳам тавсеа бахшад. Насли имрӯзи миллат насли муваффақу саодатманд аст.

Дастони пурэъҷози инсоният ва кашфиёту эъҷоз аст, ки ҳаёту рӯзгори инсоният рангу тароватӣ тоза мегирад. Пешрафту рушди техникаву технологияи муосир фаъолияти инсонро осон ва ободии ҷаҳонро таъмин месозад. Озмуни ҷумҳуриявии "Илм-фурӯғи маърифат" ба руҳияи тамоми қишрҳои ҷомеа таъсири амиқ гузошт. Донишҳои назариявии омӯхтаву андӯхташуда, дар амал рӯйи кор омаданд. Ақлҳо созанда гардиданд.

Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардида, мақсади он рушди тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайванди илм бо истеҳсолот, дастрасӣ пайдо кардан ба техникаву технологияҳо, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, ҳамчунин дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав дар ин самтҳо мебошад.

Тазаккур бояд дод, ки мутобиқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд баргузор намудани Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» дар соли

2024 аз ҷониби сарпарасти он – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 4 085 000 (чор миллиону ҳаштоду панҷ ҳазор сомонӣ) ҷудо гардидааст.

Ҷиҳати ҳавасмандсозӣ ва бештар омода намудани наврасону ҷавонон барои омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ва иштирок дар Озмуни мазкур дар баробари довталабон, инчунин омӯзгорон ва падару модарони хонандагоне, ки дар он ғолиб меоянд аз лиҳози моддӣ ва маънавӣ қадршиносӣ карда мешаванд.

Бо дастури бевоситаи Пешвои миллат соли ҷорӣ низ барои иштирокчиёни Озмун имтиёзи махсус пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он довталабони даври чоруми Озмун (хонандагони синфи 11) ба ихтисосҳои фанҳои риёзӣ, дақиқу табиатшиносӣ ва техникии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар бе супоридани имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд.

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз ҷумлаи муассисаҳои олии таълимие дар кишвар мебошад, ки дар омода намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои гуногун аз қабили соҳаи сайёҳиву меҳмондорӣ, технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, саноатикунонӣ ва дигар соҳаҳо саҳм дорад.

Боиси қайд аст, ки ҷиҳати амалигардонии Нақшаи чорабиниҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040» бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ваколатдори соҳа ҳамасола дар Донишгоҳ олимпиада барои дарёфти «Ҷоми раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» баргузор карда мешавад.

Машокиров Ҷаҳонгир Неъматуллоевич
н.и.и., дотсент, мудири бахши таҳияи
барномаҳои сармоягузорӣ ва дарёфти грантҳо

# СОҲАИ САЙЁҲӢ ҲАМЧУН САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ
**(дар партави Паёми Пешвои муаззами миллат ба Маҷлиси Олии мамлакат)**

Ҳамасола дар доираи салоҳиятҳои худ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар Паём ироа менамоянд, ки дар он самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ барои давраҳои оянда бо ҳадафу афзалиятҳо ва дурнамои нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ муайян карда мешавад.

Паёмҳои Сарвари давлат санади муҳим оид ба роҳнамои мушаххаси созандагиҳои Ватан ва қадамҳои устувор барои иҷрои нақшаҳои бузурги сиёсиву давлатдорӣ буда, мардуми шарифи тоҷикро ба шукуфоӣ ва ободонии бештар роҳнамоӣ менамоянд.

Тавре ки дар Паёми навбатӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд «…дар ҷумҳурӣ 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, шумораи сайёҳон соли 2023 ба 1 миллиону 200 ҳазор нафар расидааст, вале ин нишондод ҳанӯз ҳам ба ҳадафҳои нишондода ноил набуда, дар Тоҷикистон зарфият ва имкониятҳои рушди соҳаи сайёҳии истифоданашуда хело зиёд мебошад».

Бо мақсади вусъат бахшидани соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат ва рушди инфросохтори он дар Паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат ин масъала дар мадди аввал буда, яке аз ҳадафҳои таъмини босуботи стратегияи рушди иқтисодиёт маҳсуб меёбад.

Боиси тазаккур аст, дар Паёмҳои солҳои қаблӣ имтиёзҳое, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистони ба рушди соҳаи сайёҳӣ пешниҳод гардида буд, инҳоянд:

Қабул гардидани «Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019»;

-Таъсиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Эълон гардидани соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»;

-Солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»;

-Қабули Стратегияи рушди сайёҳӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ду давра яъне солҳои 2023-2026 ва 2030";

-Омода намудан ва таъмини иқтидори кадрии соҳаи сайёҳӣ аз масъалаҳои меҳварии паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳияву қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иқтисоди миллӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар заминаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Тибқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати нимсолаи якуми соли 2023 шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 627 ҳазору 931 нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта 181 ҳазор 876 нафар ё 40,7 % зиёд гардида, аз ин шумора 487 ҳазор 403 нафарашон ба ҳайси сайёҳӣ (тибқи методологияи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ) арзёбӣ гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 124 ҳазору 314 сайёҳ ё 34,2 % зиёд мебошад.

Зикр намудан бамаврид аст, ҳоло дар ҷумҳурӣ 235 ширкатҳои сайёҳӣ ва 183 меҳмонхона фаъолият намуда, ба сайёҳон хизмат мерасонад.

Дар ин давра шумораи миёнаи кормандони субъектҳои хизматрасонӣ 4129 нафар ва даромад аз пешниҳоди хизматрасонӣ дар ин давра 238841,4 ҳҳазор сомониро ташкил додааст.

Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бойи сайёҳӣ дар арсаи байналмилалӣ мавқеи худро устувор намуда, баҳри татбиқи ҳадафҳои рушди устувор заминаҳои назаррас гузошта истодааст.

Қобили зикр аст, ки бинобар муҳимияти соҳаи сайёҳӣ чунин имтиёзҳо ва иқдомот маҳз аз Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ мегирад ва натиҷаҳои иқдомоти зикршуда дар рушди соҳаи сайёҳии мамлакат ва табдил ёфтани он ба яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат такони ҷиддӣ медиҳад, ки алакай ин имкониятҳо барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва нишондиҳандаҳои омори сайёҳӣ дар феҳраси Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ натиҷаи босуръати назаррасро дар рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода истодааст.

Ҷурахонова С.Қ. - омӯзгори калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

## ПАЁМИ МУЖДАРАСОНУ ИЛҲОМБАХШ

Ҳамасола баъди ироа гардидани Паёми Пешвои муаззами миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ тағйиротҳо, дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамзамон, дар дилхоҳ соҳа навоварӣ, навигарӣ ва пешравиҳо дида мешаванд, ки бевосита ин тағйироту дигаргуниҳо ва пешравиҳо дар баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи маърифатнокиву маданиятнокии шаҳрвандони кишвар нақши калидӣ мебозанд.

Пайи ҳам иҷро шудан, яъне ба ҳадаф расидани стратегияҳои ҳаётан муҳим: таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳои аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва кунун саноаткунонии босуръати мамлакат далел аз он аст, ки Тоҷикистони ҷавон узви фаъоли ҷомеи ҷаҳонӣ мебошад ва исбот менамояд, ки дар сохти давлатдорӣ бо таҷриба аст, чунки ворисони Куруши Кабиру Исмоили Сомонӣ ва идомадиҳандагони кору пайкори Садриддин Айни ва Бобоҷон Гафуров мебошаду таҳти роҳбарии оқилона, орифона ва сиесати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муваффақиятҳои нав ба нав ноил шуда истодааст.

Кушодашавии боғчаҳои кудакона, марказҳои фарҳангӣ- фарогатӣ барои кудакону калонсолон, майдонҳои варзишӣ, курсҳои касбомузӣ, курсҳои забономузӣ, марказҳои таълими калонсолон, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, коллеҷу мактабҳои олӣ ва мавриди истифода қарор додани онҳо дар тамоми гушаву канори мамлакат,ин бо мақсади роҳандозӣ намудани тарзи ҳаёти солим, ки асоси тандурустист мебошад ва инчунин ба тарзи умумӣ маърифатнок, соҳибмаълумоту соҳибҳунар намудани ҳам калонсолон ва ҳам наврасону ҷавонони ҷомеаи имрузаи мо мебошад.

Диққати хосаи Роҳбари давлат барои таълиму тарбияи кудакон, наврасону ҷавонони кишвар дилхоҳ шахсро ба он водор мекунад, ки дар таълиму тарбияи фарзандон, махсусан духтарон беэътиноӣ зоҳир нанамоянд. Чи хеле, ки Президенти муҳтарам қайд менамоянд, ҷавонони мо умедбахшанд ва мо бо эътимоди комил гуфта метавонем, ки онҳоояндаи дурахшони халқу миллат мебошанд.

Пешвои муаззами миллат барҳақ қайд намуданд, ки ҳар яки мо бояд дар тозаву озода нигоҳ доштани хона, ҳавлӣ, куча,

маҳалла, роҳҳои мошингард, ҷуйҳо масъулиятшинос бошем барои сабзу хуррам нигоҳ доштани куча, хиебонҳову боғҳо гулу ниҳолҳои дарахтони сояафкану мевадиҳанда шинонем, то ин ки ба насли наврас, ҳам дарси ибрат шаваду ҳам мерос монад.

Рушди соҳаи сайёҳӣ низ солҳои охир Тоҷикистонро овозадор намудааст, ки рушду нумуи ин соҳа низ бо шарофати хизматҳои шоёни Пешвои муаззами миллат мебошад. Ташрифи сайёҳон, буду боши онҳо дар кишварамон, барои муаррифии Тоҷикистон ба ҷаҳониён мусоидати хубест ва боиси пешравии Тоҷикистон мегардад ва моро мебояд сайёҳонро хуб пазироӣ кунем ва расми хуби меҳмоннавозиамонро фаромуш накунем.

Имрузҳо Тоҷикистон дар тамоми самтҳо бо тамоми кишварҳои ҷаҳон равобит дорад ва ҷаҳониен моро бо таъриху фарҳанги ҳазорсолаамон мешиносанд, ҳангоми сафар ба ҳайси сайёҳ ба мулки тоҷикон, шаҳру ноҳияҳои ободи ба тариқи замонавӣ сохташударо мебинанд, ин пешравиҳоро албатта таблиғ мекунанд. Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандона, қарорҳои дуранадешона, иқдомҳои накуву ташаббусҳои нав ба нави Роҳбари давлат ба пеш қадам гузошта истодааст.

Эълон намудани соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ" низ ҳам бо мақсади таъмини ҳифзу амнияти қонун бо мақсади поянда нигоҳ доштани сулҳу суботи сиёсӣ, Ваҳдат миллӣ, рушди иқтисодиёти кишвар, барои боз ҳам баланд бардоштану беҳтар намудани сатҳи зиндагии тоҷикону тоҷикистониён мебошад.

Паёми имсолаи Пешвои муаззами миллат, паёми муждарасон, паёми илҳомбахшу ҳавасмандкунанда ва пур аз суханоне буданд, ки касро ба суи некпиндорӣ, некрафторӣ, некгуфторӣ сафарбар менамоянд ва роҳнамоӣ мекунанд ва моро мебояд таҳти чунин суханони насиҳатомезу маслиҳатомези Пешвои муаззами миллат бо дилу нияти пок ба суиояндаи нек, чун ватандусти ҳақиқӣ назар афканему ва дар пешравии соҳаи худ ба ҳайси мутахассис саҳми хуб гузорем.

Қурбонов Ё.С. - н.и.и., дотсент, мудири
кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва
меҳмондории ДБССТ

# ИНЪИКОСИ ДАСТОВАРДҲОИ САЙЁҲИИ КИШВАР ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Чи тавре, ки маълум аст, ҳамасола дастовардҳои назарраси соҳаҳои гуногуни кишвар ва дурнамои он, ба саодати комил мубаддал гардидани зиндагии шоистаи сокинони мамлакат, раванди муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва аз ҳама муҳим марҳила ба марҳила рушду нумуи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муждаи дастовард ё тантанаи истиқлол ироа мегарданд.

Дарвоқеъ Паём ҳама паҳлуҳои ҳаёти ҷомеъаро дарбар мегирад. Ҳар кас аз мазмуну муҳтавои ин дастури муҳим вобаста ба самти кору пайкораш натиҷае пайдо мекунад ва дар зиндагиаш ҳамчун роҳнамо истифода мебарад.

Бинобар ин, мо ҳам бо ифтихор дар сатрҳои зерин аз дастовардҳои соҳаи сайёҳии кишвар, ки самарабахшии он аз шарофату нусрати Паём сарчашма мегиранд, ёдовар мешавем.

Маврид ба зикри аст, ки солҳои охир таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати кишвар ба соҳаи сайёҳӣ зиёд гардида, ҳамчун як соҳаи мустақили иқтисодӣ ва манбаи даромад эътироф гардидааст. Ин соҳа маҳз зери ғамхорӣ ва пуштибонии доимии Пешвои миллат муҳатарм Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст.

Боиси ифтихор аст, ки ҳамасола Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз дастоварду мушкилот ва дурнамои ин соҳаи муҳим дар паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар мешаванд.

Дар Паёми соли 2023 ироанамудаи Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз соҳаи сайёҳӣ ҳамчун бахши пешбарандаи соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ва муаррифгари симои Тоҷикистон дар арсаи байналмиллалӣ ёдоварӣ карда шуд.

Нигоҳи ғамхорона ва таваҷҷуши беандозаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи мазкур боис гардидааст, ки шумораи воруди сайёҳон сол то сол ба кишвар афзудааст. Чуноне, ки дар паём зикр гардид, соли 2023 шумораи воруди сайёҳон ба кишвар 1 милиону 200 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармоягузории соҳа аз буҷети давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда истодааст, ки натиҷаҳои самарабахши он ҷиҳати рушди соҳа дар паём ироа гардиданд. Чуноне, ки зикр гардид, “Дар солҳои 2018 – 2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии кишвар зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда шудааст.”

Имрӯзҳо яке аз талаботҳои соҳаи сайёҳӣ дар давраи муосир ташаккули инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ ба вижа бунёди иншоотҳои замонавии муосир ва бобаста ба талаботи замон мебошад. Чи тавре, ки дар Паёми имсола зикр гардид аз соли 2018 то соли 2023 дар кишвар 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардидааст, ин нишондод яке аз дастовардҳои бузурги соҳа дар солҳои охири давррони истиқлол мебошад.

Вале бо вуҷуди чунин дастовардҳои назаррас Пешвои миллат дар Паём зикр карданд, ки имкониятҳои барои рушди соҳа истифоданашуда ҳанӯз хеле зиёданд мебошанд.

Ҳамзамон, дар Паём Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки “Бо мақсади самаранок ба роҳ мондани корҳо дар самти сайёҳӣ ва назорати қатъии онҳо, зарур аст, ки таҳти роҳбарии муовини дахлдори Сарвазири кишвар бо шомил намудани яке аз

муовинони раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо гурӯҳи кории босалоҳияти доимӣ таъсис дода шавад”.

Аз муҷдаҳои Паём дар самти сайёҳӣ бар меояд, ки солҳои охир ин соҳа рушд гардида, шумораи сайёҳон ба кишвар афзун шуда, ҷиҳати зиндагии шоистаи мардум мусоидат намуда истодааст ва ҳар яки мо шаҳрвандони кишварро зарур аст, ки ҳар банди Паёмро дастури касбию роҳнамои зиндагии хеш қарор диҳем ва кишварамонро дар сатҳи байналмилалӣ ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ намоем.

Имомов Муродалӣ Қурбонмаҳмадович номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шуъбаи идоракунии сифати таҳсилоти ДБССТ

Дайхудоев Ваҳдат Умедҷонович сармутахассиси шуъбаи идоракунии сифати таҳсилоти ДБССТ

## МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сифати таҳсилот яке аз самтҳои хеле муҳими фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олиии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, омили асосии муайянкунандаи сатҳи дониши таълимгирандагон ва мутахассиси оянда мебошад. Аз ин лиҳоз, бо мақсади дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ намудани иҷрои нақшаи чорабиниҳо дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилот ҳар як муассисаи таълимиро мебояд аз имкониятҳои худ самаранок истифода намоянд.

Зимни ироаи Паём Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазорату идораҳои дахлдори соҳаи маориф дастур дода, қайд намуданд, ки *"...барои ба сатҳи сифатан нав бардоштани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд*".

Имрӯз, вақти он расидааст, ки низоми таълим пурра ба низоми таълими босифат ва самаранок гузарад. Барои расида ба чунин натиҷаҳо бояд фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба сатҳи сифатан нав ва ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шавад. Ҳамаи ин, бевосита ба рушди сифати таҳсилот алоқаманд мебошад.

Сифати таҳсилот қобилияти амалӣ намудани хизматрасониҳои таълимӣ ва бадастории чунин сатҳи маърифатнокии таълимгирандагон маҳсуб меёбад, ки дар асоси ин хизматрасониҳо ба даст омадааст ва ба талаботи истифодабарандагони натиҷаи таълим ҷавобгӯ мебошад. Нисбат ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сифат ҳамчун дараҷаи мувофиқати сатҳи маърифатнокӣ ва тайёрии мутахассис ба сатҳи талаботи мувофиқатшуда оид ба азхудкунии барнома ё стандарти муайяни таълимӣ ё худ ҳамчун мувофиқати мутавозини маърифатнокӣ ва тайёрии мутахассис ба талаботи мухталифи шахсият, ҷомеа ва давлат муайян карда мешавад.[1]

Сифати таҳсилот тавассути маҷмӯи чораҳои идоракунӣ таъмин карда мешавад. Идоракунии сифати таҳсилот ин таҳия ва татбиқи маҷмӯи чорабиниҳое мебошад, ки имконият фароҳам меоварад, то ба таври самаранок хизматрасониҳои таълимӣ ба сатҳи сифатнокии баланд расонида шавад ва мувофиқати натиҷаҳои таҳсилотро бо талаботи истифодабарандагони он таъмин созад.

Таъмини сифат ин раванди ташаккули шароитҳои муайян ва ҷудо намудани захираҳои зарурие мебошад, ки мутобиқати мазмуну мундариҷаи барномаи таҳсилотӣ, имкониятҳои таҳсилот ва воситаҳое, ки мақсади барнома нисбат ба дараҷаи сифат муайян кардааст, маҳсуб меёбад.

[1] Намунаи «Барномаи идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурии тоҷикистон». Бо фармоиши вазири маорифии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2010, №2955 тасдиқ шудааст.

Дар муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати таъмини сифати таҳсилот низоми дохилии таъмини сифат истифода мегардад. Низоми дохилии таъмини сифат маҷмӯи сохторҳои ташкилии муассиса, ҳуҷҷатгузории дохилӣ, нишондодҳо, равандҳо ва захираҳо ба ҳисоб меравад, ки бо мақсади баланд бардоштани сифати барномаҳои таҳсилотӣ роҳандозӣ мегардад.

Идоракунии сифати таҳсилот маҷмӯи чораҳоро ҷиҳати ташкил ва баҳодиҳии сифати таълим, ташкили худбаҳодиҳии дохилӣ дар сохтори муассиса, таъминоти дастурию иттилоотии технологияи амалӣ намудани тартиби назорат ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот, ташкил ва гузаронидани аттестатсияии қаблии хатмкунандагони муассиса, муайян намудани самтҳои асосии такмили самаранокии таълим, санҷиши донишандӯзӣ (мониторинг), назорати ҷамъбасти ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои сессияҳои санҷишию имтиҳони даврӣ ва аттестатсияҳои ҷамъбастии давлатии хатмкунандагон (натиҷаи санҷишҳои фосилавӣ, дифои рисолаҳои тахассусӣ, дипломӣ ва магистрӣ, имтиҳони давлатӣ), коркарди тавсияҳо ҷиҳати ҷустуҷӯи усулҳои нави таълим, татбиқи тадриҷии низоми таҳсилоти кредитӣ бо ташкили силсилаи чорабиниҳои илмию методӣ ва машваратҳои методӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим, такмили нақшаву барномаҳои таълимӣ, санҷиш ва назорат дар самти дуруст ба роҳ мондани банақшагирӣ, санҷиши мутобиқати саволнома ва мисолу масъалаҳои тестӣ бо барномаи таълимӣ, омӯзиши усулҳои қабули санҷишҳои ҷорӣ, фосилавӣ ва имтиҳони ҷамъбастӣ, таҳлили сифатии тестҳои имтиҳонӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иқтисодиёт дар асри XXI бо як суръати хеле баланд рушд карда истодааст, ки дар тули 20 асри сипаригашта чунин пешравӣ дида намешавад. Ҳамаи ин пешравӣ пеш аз ҳама ба рушди сармояи инсонӣ вобаста мебошад. Дар асри XXI нисбат ба 20 асри сипаригардида таваҷҷӯи хоса ба рушди сармояи инсонӣ дода шудааст. Дар натиҷаи рушди сармояи инсонӣ, рушди илму техника ва рушди иқтисодиёт таъмин карда мешавад, ки дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, махсусан қайд карда шуд, ки *“Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад.”*

Ба ҳамагон маълум аст, ки барои рушди сармояи инсонӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои зиёд нишон дода, пайваста ғамхорӣ ва дастгириҳо намуда истодааст. Ҳамин аст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Паёми навбатӣ қайд намуданд, ки *“...рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад”*. Дар ҳақиқат, иншкишофи соҳаи маориф ва пеш аз ҳама баланд бардории сифати таҳсилот имкон медиҳад, ки таълиму тарбияи кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯи талаботи бозорҳои ҷаҳонӣ ба роҳ монда шавад. Дар ин сурат имконияти таъмини истеҳсолот ва кору хизматрасониҳо бо мутахассисони лаёқатманд муҳаё гардида, метавон молҳое истеҳсол кард, ки дар ҷаҳон рақобатпазир бошанд.

Барои омода намудани кадрҳои баландихтисос муассисаҳои таълимии ҷумҳуриро мебояд, ҳар чӣ бештар таваҷҷӯҳ хоса ба низомҳои самараноки таълим, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва имкониятҳои таъмини идоракунии он зоҳир намоянд. Зеро, дар ҷаҳон имрӯзҳо шаклҳои гуногуни таълим мувофиқ ба талаботи шароити муосир ва истеҳсолот ба миён омада истидааст, ки метавонанд, бозорҳои ҷаҳониро ишғол намоянд. Яке аз чунин шаклҳои таълим ин низоми таълими дуалӣ мебошад, ки аллакай самараи худро дар давлатҳои тараққикарда дода истодааст. Вобаста ба ин, дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки *“Дастгирии таҳқиқоти илмӣ тавассути боло бурдани меъёри маблаггузории он, таъсиси марказҳои муосири илмӣ, озмоишгоҳҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо истеҳсолот дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ мегардад”*.

Ҳамзамон, бо мақсади рушди соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таҳсилот Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба вазорату идораҳои дахлдор супориш доданд, ки *“....тавассути роҳандозии барномаҳои таълимии муосир, омода кардани кадрҳои лаёқатманд ва баландихтисосро таъмин намоянд”.* Дар баробари ин, дастур дода шуд, ки *“....бо мақсади татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатии «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намоянд”.* Боиси тазаккур аст, ки бо таҳияи чунин лоиҳаҳои сармоягузорӣ шароитҳои хуби хизматрасониҳои таълимӣ фароҳам гардида, омода намудани кадрҳои лаёқатманд ва баландихтисос имконпазир хоҳад шуд.

Марипова Ф.А.- ассистенти кафедраи
менеҷменти Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

# РУШДИ САНОАТ ДАР ТАЪМИНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ
## (дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ)

28 декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Паёми навбатии хешро ба Маҷлиси Олии кишвар ироа намуда, самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро барои соли 2024 муайян сохта, оид ба пешбурди манфиатбори сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзу ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд.

Зимни ироаи Паёми худ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи кунунии ҷомеаи Тоҷикистонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар маҷмӯъ соли 2023-ро соли дастовардҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти халқ ном бурданд. Ба таъкиди Сарвари давлат новобаста аз паёмадҳои баъдипандемия, вазъияти мураккабу пуртазоди ҷаҳони муосир, хушксолӣ ва ғайраҳо таъсири манфии он дар Тоҷикистони биҳиштосо дида намешавад. Дар тамоми самтҳо сиёсати оқилонаву дурандешонаи Роҳбарияти олии давлату Ҳукумати кишвар татбиқ гардида истодааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ба як кишвари индустриалӣ мубаддал кардани Тоҷикистон ва бо дарназардошти афзоиши ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод гардид, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ шуморида таъкид намуданд, ки соҳаи саноат ва инноватсия яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар ба ҳисоб рафта, пешрафти он имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардида, барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шаванд.

Дар зарфи солҳои истиқлоли давлатӣ амалисозии нақшаву барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон дод, ки дар кишвар беш аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шавад.

Танҳо аз ҳисоби зиёд шудани иқтидорҳои саноатӣ дар замони истиқлол талабот ба неруи барқ беш аз 800 мегаватт зиёд гардид.

Дар 75 соли замони гузашта (то соли 1991) дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошт.

Танҳо пас аз барқарорсозии сулҳу субот ва роҳандозии фаъолияти бонизоми соҳаҳои фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ мо имконият пайдо кардем, ки ба масъалаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат машғул шавем. Яъне мо ба рушди иқтисодии мамлакат аз соли 2000-ум – ҳамагӣ 23 сол пеш шурӯъ кардем.

Бо дарназардошти аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, мо солҳои 2022 – 2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон намудем.

Ҷиҳати амалисозии ин иқдом тайи ду соли охир дар кишвар беш аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст.

Соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 1992-юм 4,6 баробар афзоиш ёфта, ба зиёда аз 46 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Танҳо дар ҳафт соли охир ин нишондиҳанда 2,4 баробар зиёд гардидааст.

Бо вуҷуди ин, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз қабили фарсудашавии таҷҳизот, сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳои гардони корхонаҳо ва кадрҳои баландихтисос вуҷуд доранд.

Ҳамчунин, таъкид менамоям, ки соли ҷорӣ содироти маҳсулоти саноатӣ тамоюли коҳишёбӣ пайдо кардааст.

Соли 2022 содироти маҳсулоти соҳа ба 22,8 миллиард сомонӣ расида буд, вале дар соли 2023-юм ин нишондиҳанда ҳамагӣ 18,5 миллиард сомониро ташкил карда, 19 фоиз кам гардид.

Аз ин рӯ, Пешвои муаззами миллат дастур доданд, ки Ҳукумати мамлакат, Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки афзоиши назарраси ҳаҷми коркард ва маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, баланд бардоштани рақобатнокӣ ва гуногунсамтии истеҳсолот, ҷойгиркунонии самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ ва таъсиси маҷмааҳои саноатиро таъмин намоянд.

Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба рушди саноати сабук, хӯрокворӣ, ҳунарҳои мардумӣ, ба ин васила ба роҳ мондани коркарди пурраи ашёи хоми ватанӣ ва бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолии кишвар, хусусан, ҷавонону бонувон эътибори махсус диҳанд.

Зикри нуқтаи мазкур ба маврид аст, ки дар пешрафт ва тараққиёти давлат соҳаи саноат нақши калидӣ дорад. Бо дарки муҳимияти соҳа дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷти0моӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ ҳануз 26 декабри соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии мамлакат саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда буданд.

Дар ҳамин раванд Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025 таҳияи ва ҳамакнун қобили амал қарор дорад, ки мақсади он таъмини рушди устувор ва босуръати кишвар мебошад. Тоҷикистон миёни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мавриди рушди соҳаи саноат дар зинаи баландтарин дошта, пешсаф аст.

Ҳамин тавр, яке аз ҷанбаҳои Паёми имсолаи президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин нишондиҳандаҳои рушди саноат ба ҳисоб меравад. Факту далелҳои дар боло зикр гардида бозгӯи онанд, ки тоҷикистон дар роҳи саноатикунонии босуръати мамлакат қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Давлатов Раҳматулло Ҷурабекович – н.и.п.,
дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотии
ДБССТ

## РАҚАМИКУНОНӢ, МУВАФФАҚИЯТУ ҲАДАФҲО

*Дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ба Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Рушди ҳар як давлату миллат аз омилҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ сахт вобастагӣ дошта, он танҳо дар асосӣ дуруст роҳандозӣ намуданӣ низоми идоракунӣ, таъмини боварии шаҳрвандон, ва эътимодӣ ҷомеа ба роҳбари давлат амалӣ мегардад.

Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Миллии маҷлисӣ, Маҷлиси намяондагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар санаи 28 декабри соли 2023 баргузор гардид, фарогирӣ тамоми паҳлуҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакат буда, дар он тамоми дастовардҳо, камбудиҳо ва вазифагузориҳо оварда шуд.

Дар тӯли 32 соли Истиқлолият дар кишвар тамоми бахшҳои ҷомеа маҳз бо ташаббуси сарвари давлат рушд намуда, комилан дар тамоми бахшҳо дигаргуниҳои куллӣ ба назар расидаанд.

Чи тавре аз Паёми роҳбари кишвар бармеояд, тамоми бахшҳои кишвар марҳила ба марҳила дар асоси дурбинона роҳандозӣ намудан, қабули қонунҳо, стратегияҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ беҳтар гардида, ба хубтар гардидани вазъи зиндагии мардуми кишвар мусоидат намудааст.

Чи тавре аз суханони сарвари давлат бармеояд, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд. Ҳамзамон, дар натиҷаи амалисозии барномаҳои созандаи Ҳукумати мамлакат қисми даромади буҷети давлатӣ ҳар сол зиёд гардида, соли 2023 ҳаҷми он нисбат ба соли 2017-ум 1,6 баробар афзоиш ёфтааст.

Тамоми чорабиниҳои Пешвои муаззами миллат пеш аз ҳама барои фароҳам овардани шароити зиндагии арзандаи шаҳрвандон ва таъмини амнияти мамлакат равона карда шудаанд. Аз ин ҷост, ки музди миёнаи меҳнат беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардид.

Маҳз таъмини истиқлолияти комил ба шаҳвандони кишвар шароит фароҳам овард, ки дар ҳошияи сулҳу субот ба соҳибкорӣ ва дигар фаъолият машғул шуда, дар ин замина саҳми худро дар рушди давлату миллат гузоранд. Чи тавре аз суханони Пешвои муаззами миллат бармеояд «Дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншооти соҳаи маориф, 1213 муассисаи тандурустӣ, 11,5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду азнавсозӣ карда шуданд.».

Рақамикунони тамоми соҳаҳо дар дунё даҳсолаҳост, ки таъсири мусбии худро гузошта истодааст. Аз ин ҷост, ки Тоҷикистон низ дар қатори дигар давлатҳои дунё пайваста ҷиҳати татбиқи самараноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, бо ташаббусҳою роҳнамоиҳои сарвари давлат дар самтҳои мухталифи ҷомеа амалӣ гашта истодаанд. Аз он ҷумла, рақамикунонии иқтисодиёт, рақамикунонии молияву андоз, таъмини низоми мукаммали муносибатҳои моливии рақамӣ, пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии

хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар, рақамикунонии ҳифзи муҳити зист, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф ва чанде дигар нуктаҳо, ки аллакай дар чанде аз Паёмҳои гузаштаи Президенти мамлакат садо дода буд, ин дафъа низ садо дода, оид ба масъалаи мазкур супоришҳои қатъӣ дода шуданд.

Дар остонаи амалӣ намудани гуфтаҳои боло чанде аз фикру андешаи худро ҷиҳати татбиқи ин гуфтаҳо иброз хоҳем кард. Мардуми шарифи ин сарзамин ҳазорсолаҳо боз бо фарҳангу тамадуни худ, тавонист ин миллату ин сарзаминро ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд. Аммо, ҷомеаи муосир вобаста ба таҳдиду хатарҳои беруна, алалхусус, ҷиҳати татбиқи самараноки супориши Пешвои миллат дар доираи рақамикунонии иқтисодиёт бояд амал намояд: сараввал бояд ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги иқтисодии мардум фаҳмондадиҳиҳо гузаронида шавад; дар корхонаю ташкилотҳои ҷиҳати баланд бардоштани малакаю маҳорати техникии кормандон, ҷиҳати кӯмак намудан ба ҷомеа мунтазам омӯзишӣ курсҳои такмили маҳорати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ  ташкил карда шавад; дар баробари маркази шаҳру ноҳияҳо дар шаҳраку, деҳот барои шаҳрвандон курсҳои такмили дониши технологияҳои иттилоотӣ баргузор карда шавад.

Таъмини низоми худкори электронии таълимӣ дар муассиса, баргузории курсҳои такмили дониши компютерии омӯзгорону кормандон, таъмини иртиботи шабакавии иттилоотӣ дар донишгоҳ ва чанде дигар, аз амалӣ ва татбиқ намудани Ҳукумати электронӣ ва Иқтисодиёти рақамӣ дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ дарак медиҳад, ки он маҳз дар асоси пайгириҳои робарияти муассиса, ҷиҳати амалӣ намудани супоришу ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат ба даст омадааст.

Бо боварии комил гуфта метавонем, ки маҳз дар сурати амалӣ ва роҳандозӣ намудани ҳадафу пайгириҳои Пешвои муаззами миллат мо ба тамоми муваффақияту музаффарият ноил гардида, танҳо дар ин маврид метавонем дар рушду нумуи кишвар саҳмгузор бошем.

Манижа Маллаева, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқшиносии Филиали МД ДБССТС

## ПАЁМ – РАҲНАМОИ РУШДУ САОДАТИ МИЛЛАТ

Мусаллам аст, ки Ҳукумати мамлакат солҳои охир ба масъалаҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳи бевосита зоҳир намуда, давра ба давра ҷиҳати беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум, тақвият бахшидани самаранокии хизматрасониҳо ва шарту талаботи ҳифзи фаъолият тадбирҳои амиқ ва саривақтӣ меандешад. Воқеан ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсия давлати иҷтимоӣ маҳсуб шуда, ҷиҳати таъмини сатҳи зиндагии арзандаи шаҳрвандон ва инкишофи озодонаи онҳо эътибори бештар ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ равона мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар суханрониву баромадҳо ва мулоқоту суҳбатҳо бо аҳолӣ, инчунин, дар ҳар Паёми солона ба Маҷлиси Олӣ доир ба беҳдошту ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла соҳаҳои маорифу тандурустӣ, фарҳангу сайёҳӣ ибрози назар менамоянд.

Аз ҷумла, дар Паёми имсолаи Пешвои муаззами миллат яке аз бахшҳои муҳиму афзалиятнокро низ масъалаҳои марбут ба соҳаи маориф ташкил медоданд.

Воқеан ҳам рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа маҳсуб меёбад.

Дар Паёми навбатӣ масъалаҳои дастгирии корҳои илмӣ, таъсиси марказҳои муосири тадқиқотӣ, озмоишгоҳҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо истеҳсолот дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ гардид. Пешвои миллат ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки ҷиҳати маблағгузорӣ, тақвият ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ тадбирҳои муассирро роҳандозӣ намояд.

Қобили тазаккур аст, ки ба рушди бемайлони муассисаҳои таълимӣ, таъминоти омӯзгорон, дастрасӣ ба адабиёти таълимӣ, дар маҷмуъ рушди соҳаи маориф дар ҳама шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла дар вилояти Суғд таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад.

Президенти мамлакат дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии мамлакат ишора намуданд, ки «Соли 2017 низоми маорифи мамлакат 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар расидааст. Тибқи дурнамо ин шумора то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад. Ин раванд зарурати бунёди муассисаҳои таълимии нав ва баланд бардоштани имкониятҳои низоми маорифро тақозо мекунад.

Агар дар соли 2023 шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 103 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас қабул ба синфи 1-ум ба 261 ҳазор нафар расидааст. Дар ин давра 200 муассисаи таълимии нав ва биноҳои иловагӣ барои беш аз 85 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст, вале ин ҳоло ҳам кам аст».

Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки ҷаҳонӣ ба гурӯҳи давлатҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин раддабандӣ мамлакати мо аз 183 давлати таҳти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд.

Ба таъкиди Пешвои миллат дар чунин шароит омода намудани кадрҳои баландихтисос, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба

омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли илму маорифи кишвар мебошад.

Дигар аз масъалаҳое, ки имрӯз таҳти таваҷҷӯҳи бевоситаи Пешвои муаззами миллат қарор дорад, ин таъмини рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар мебошад. Мавриди зикр аст, ки *солҳои 2018 - 2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии мамлакат зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо шудааст. Дар ин давра 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, соли 2023 шумораи сайёҳон ба як миллиону дусад ҳазор нафар расидааст. Вале имконоти барои рушди соҳа истифоданашуда ҳанӯз хеле зиёд мебошанд. Ин масъалаҳо дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба хубӣ ва возеҳ матраҳ гардидааст.*

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки бо мақсади самаранок ба роҳ мондани корҳо дар самти сайёҳӣ зарур аст, ки таҳти роҳбарии муовини дахлдори Сарвазири Тоҷикистон бо шомил намудани яке аз муовинони раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо гурӯҳи кории босалоҳияти доимӣ таъсис дода шавад.

«Амалисозии барномаву нақшаҳои бунёди инфрасохтори сайёҳӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, косибӣ, аз ҷумла қолинбофӣ, атласу адрасбофӣ ва заргарӣ, инчунин касбу ҳунаромӯзии шаҳрвандони мамлакат, ташкилу назорати корҳои ободониву сабзазоркунӣ, тозаву озода нигоҳ доштани маҳалҳои аҳолинишин, ҳифзи табиат ва истифодаи самараноки заминҳои президентӣ ва наздиҳавлигӣ ба зиммаи ин гурӯҳи корӣ вогузор шавад», - таъкид намуданд Пешвои миллат.

Дар Паём, ҳамзамон таъкид гардид, ки бо ҷалби бештари сайёҳон дар солҳои минбаъда метавон ба муаррифии ҳарчӣ бештари фарҳанги бостонии халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ сазовор гардид. Дар соли 2023, дар маҷмӯъ 15 ёдгории таърихиву фарҳангии миллии мо ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ мебошад.

Тибқи маълумотҳо кишвари мо дар соли равон боз *12 ёдгории таърихӣ-фарҳангии Хатлони қадимро ба феҳристи умумибашарӣ пешниҳод менамояд.* Аз ҷумлаи ин ёдгориҳо «Қалъаи Ҳулбук», «Шаҳристони Ҳулбук», «Манзартеппа», «Қасри шоҳони Хутал» дар ноҳияи Восеъ, ёдгории «Золи Зар», мақбараи «Мавлоно Тоҷиддин» дар ноҳияи Данғара, Шаҳраки Золи Зар, Шаҳртеппа, Корвон-саройи Тоҳир (ноҳияи Фархор), «Хишттеппа» дар ноҳияи Ховалинг, ёдгории «Шоҳи Хомӯш» дар ноҳияи Муъминобод, Дайри буддоии «Аҷинатеппа» дар ноҳияи Вахш ва шаҳраки Ҳалевард - Кофирқалъа дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ мебошанд.

Таҳлилҳо бозгӯи онанд, ки дар натиҷаи эътибор ба рушди сайёҳӣ сол то сол сафи сайёҳон ба кишвари мо зиёд мегардад. Чунончӣ, тибқи маълумоти оморӣ дар ёздаҳ моҳи соли 2023 аз мавзеъҳои таърихиву фарҳангӣ ва боғу гулгаштҳои вилояти Суғд зиёда аз 133,8 ҳазор нафар, аз ҷумла 8 ҳазор нафар сайёҳони хориҷӣ боздид намудаанд. Ҳамзамон, дар меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳо зиёда аз 92,6 ҳазор нафар табобату истироҳат карданд, ки аз онҳо наздик 11,2 ҳазор нафар шаҳрвандони хориҷӣ мебошанд. Бояд таъкид кард, ки ҳоло дар вилояти Суғд 41 ширкати сайёҳӣ ва 2 ташкилоти ҷамъиятӣ - Шӯрои рушди сайёҳӣ ва Ассотсиатсияи рушди сайёҳии Зарафшон фаъолият мебаранд. Дар вилоят 205 хатсайри ширкатҳои сайёҳӣ ташкил карда шудааст, ки тамоми мавзеъҳои таърихию

фарҳангиро фаро мегирад. Дар маҷмӯъ, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 91 субъекти хизматрасонии сайёҳӣ, аз ҷумла 61 меҳмонхона, 16 осоишгоҳ, 2 маркази муоличавӣ, 4 дармонгоҳи табобатӣ-истироҳатӣ, 2 хонаи истироҳатӣ, 4 лагер, 1 базаи истироҳатӣ ва 1 базаи сайёҳӣ бо ғунҷоиши умумии зиёда аз 7000 ҷой ба шаҳрвандон ва сайёҳони дохилию хориҷӣ хизмат мерасонанд.

Ҳамзамон, 40 осорхона ва 1190 ёдгории таърихию фарҳангӣ, аз он ҷумла 97 зиёратгоҳ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Панҷакент, Истаравшан, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов, Ашт, Деваштич, Спитамен, Шаҳристон, Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ фаъолият мебаранд.

Дар маҷмуъ, масъалаҳои муҳиме, ки дар Паёми Пешвои миллат баён гардиданд, метавонанд дар оянда ҷиҳати рушди низоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷомеаи муосирамон, аз ҷумла, маорифу сайёҳӣ заминаи мусоидро муҳайё намоянд.

Имомов Муродалӣ Қурбонмаҳмадович
номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шуъбаи идоракунии сифати таҳсилоти ДБССТ

Дайхудоев Ваҳдат Умедҷонович
сармутахассиси шуъбаи идоракунии сифати таҳсилоти ДБССТ

# РУШДИ МАОРИФ ВА ИЛМ ДАР ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ман дар сиёсати худ маорифро дар ҷойи аввал мегузорам*

*Эмомалӣ Раҳмон*

Бояд гуфт, ки маориф ва илм яке аз соҳаҳои калидӣ дар низоми давлатдорӣ буда, заминаи асосии даст ёфтан ба ҳамаи муваффақиятҳо ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба масъалаҳои рушди маориф ва илм таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Далели ин гуфтаҳо иқтибоси дар боло овардаи мо аз гуфтори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст.

Ҳамасола дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ масъалаи рушди маорифи миллӣ таъкид мегардад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, ки санаи 28.12.2023 доир гардид, ба масъалаҳои гуногуни соҳаи маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди маорифро заминаи асосии пойдории сулҳу субот ва саодати аҳли ҷомеа баён намуданд: Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Ҷавҳари асосии маорифро илм ташкил медиҳад. Дастгирии олимон ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо вазифаи аввалиндараҷаи муассисаҳои илмӣ аст. Доир ба ин масъала дар Паём чунин ишора шуд: Дастгирии таҳқиқоти илмӣ тавассути боло бурдани меъёри маблағгузории он, таъсиси марказҳои муосири илмӣ, озмоишгоҳҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо истеҳсолот дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббусҳои бевоситаи раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамвора барои дастгирии ҳамаҷонибаи самти илм ва муассисаҳои илмӣ чораҳои зарурӣ ва саривақтӣ меандешанд, то нуфузи Тоҷикистон дар ин самт дар миқёси байналмилалӣ афзоиш ёбад: ба Ба Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия ва Академияи миллии илмҳо, супориш дода мешавад, ки ҷиҳати маблағгузорӣ, тақвият ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ тадбирҳои муассирро роҳандозӣ намоянд.

Теъдоди толибилмон вобаста ба афзоиши аҳолӣ зиёд мешавад. Аз ин рӯ, бунёди муассисаҳои таълимӣ аз иқдомҳои саривақӣ аст: Соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар расидааст. Тибқи дурнамо, ин шумора то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад. Ин раванд зарурати бунёди муассисаҳои таълимии нав ва баланд бардоштани имкониятҳои низоми маорифро тақозо мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси кишварҳои ҷаҳон аз зумраи давлатҳоест, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф ва илм маблағҳои зиёдеро равона мекунад. Ин амал аз таваҷҷуҳи хосса ва ғамхорӣ ба соҳаи илму маориф дарак медиҳад: Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин радабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари тахти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд .

Дар соҳаи илму маориф омӯзиш ва рушд додани илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ масъалаи меҳварӣ ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ” эълон гардид. Илова бар ин, таҳаввулоти рӯзафзуни вазъи сайёра ва рушди босуръати илму техника тақозо мекунад, ки мо тоҷикон низ дар ин самт бояд пешдаст бошем: Хотирнишон менамоям, ки авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд.

Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад. Дар ин раванд, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷиҳати таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ҳамкории фаъол бо Вазорати маориф ва илм, Комиссияи олии аттестатсионӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ, ҳамчунин, вазифадор карда мешаванд, ки барои ба сатҳи сифатан нав бардоштани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар ин замина, бояд рушди иқтидори илмии муассисаҳои зикршуда, дар доираи лоиҳаҳои давлатӣ ва байналмилалӣ анҷом додани таҳқиқоти арзишманди илмӣ ва дар радабандии ҷаҳониву минтақавӣ мавқеи шоиста ишғол намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар таъмин карда шавад.

Дар ин ҷода бе омода кардани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат наметавон ба муваффақиятҳои дилхоҳ даст ёфт. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таҷдиди барномаҳои таълимӣ ҷиҳати омода кардани кадрҳои лаёқатманд ба сохторҳои дахлдор супоришҳои мушаххас доданд: Вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо, дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд, уҳдадоранд, ки тавассути роҳандозии барномаҳои таълимии муосир омода кардани кадрҳои лаёқатманд ва баландихтисосро таъмин намоянд.

Заминаи дигари рушди соҳаи маориф ва илм ин таъмину барқарорсозӣ ва бунёди иншооти соҳаи маориф аст. Вобаста ба ин раванд ҳукумати мамлакат барои аз таъмир баровардани муассисаҳои таълимии дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ бунёдёфта ва бунёди муассисаҳои таълимии типпи нав, ки ба замони муосир мутобиқанд, пайваста чораҳои зарурӣ меандешад: Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатии «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намояд.

Зарур аст, ки дар раванди амалисозии лоиҳа муҳити мусоид барои дастрасӣ ба таҳсилот, таълиму тарбияи самарабахш, таълифи китобҳои дарсии насли нав,

баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳлил ва арзёбии раванди таълиму тарбия ва беҳтар кардани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ таъмин карда шавад.

Хушбахтона, ҳамасола дар паёмҳои хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаи илму маориф дастур медиҳанд. Боиси ифтихору сарфарозӣ ва масъулиятшиносии кормандони соҳаи маориф ва илм аст, ки дар соли 2024 музди меҳнати онҳо 40 фоиз баланд карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳамаи моро зарур аст, ки дар иҷрои рисолати касбии хеш ҳарчи бештар садоқатпеша бошем: аз 1-уми июли соли 2024 маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 40 фоиз зиёд карда шаванд.

Дотсенти кафедраи забон ва фарҳанги
ДБССТ Наҷмиддинова У.С.

**НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ИСТИҚЛОЛИ КИШВАР ВА ВАЗИФАҲОИ АҲЛИ ЗИЁ ДАР ТАҲКИМИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ**

Шукргузорем, аз Истиқлолияти кишвар, ки беш аз сӣ сол аст дар фазои оромиву осудагӣ ва хуррамиву сериву пурӣ умр ба сар мебарем. Нишони имрӯзи истиқлол аст, ки мо мардуми сарбаланди дир, айни замон ба озодии эҷоду иршоду пажӯҳандагӣ ва таълиму тарбияи ҷавонони сарзамини хеш қарор дорем. Мо, дигар аз ҷиҳати таъриху фарҳангу забон дар бандагии маркази рус, хушбахтона, пойбанду бундбаст нестем. Забону фарҳанг, таъриху адаби мо мустақилу озод дар ихтиёри ҷамъияти сохибистиқлол аст. Ба қонуну ҳуқуқҳои умумибашарӣ анқариб ҳамрадифем. Дар тӯли 30 сол тамоми анъана ва ҷашнҳои ниёгон ва санадвораҳои мутафаккирони барҷастаамон аз нав эҳё мегардад. Мавзеъҳои таърихӣ – кишваршиносӣ аз нав мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор гирифта , осорхонаҳо рӯз то рӯз бунёд ёфта истодаанд. Роҳу шоҳроҳу нақбҳо имрӯз манотиқи кишварро бо дигар ақсои олам мепайвандад, неругоҳҳои хурду калон сохта шуда, дар хизмати ҷомеа қарор гирифта истодааст ва ҳар манзили сокини Тоҷикистониро мунаввар мегардонад. Ва ҳамин тавр агар дар боби рӯз то рӯз рушду шукуфоии кишвари тоҷикон ҳарф занем, саҳифаҳои зиеде метавон навишт.

Ҳамаи ин бурдбориҳо ва комёбиҳо табиист ва ин бемуболиға натиҷа ва самараи роҳбарӣ ва ғамхориҳои беназири Президенти кишвар, Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати тоҷикон муҳтарам Эмомалии Раҳмон аст. Ҳамаи ин дастовардҳо на қиссаву афсона, балки воқеият аст, ки аз он чашм пӯшидану нодида гирифтану аз паси панҷа назар кардан кӯрнамакист.

Ба ҳамаи ин дастовардҳо, бунёдкориҳо ва комёбиҳои беназир чашм пӯшида баъзе афроди зишттинат ва бадхоҳу бадкирдор, амсоли мору каждум шабу рӯз ва пайваста дар фикри зарар ва хатар расонидани ин мамлакати ба ҷон парвардаи мо ҳастанд. Наход ин бадхисолон надонанд, ки бе ин ҳам мо дар байни обу оташем ва мадорову муросо карда, бо ҷаҳони саъбу парешон гаваккашон пеш меравем. Дар урфият мегӯянд, ки “ Бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасад.” Ин зумраи бадкирдорон бар ивази он ки, дар ободии кишвару меҳани хеш саҳми муносибе гузоранд, ба рафтору кирдору аъмоли зишт табъи аҳли ҷомеи мо, бахусус сарвари мунису ғамхори моро тира ва авзои сиесии кишварро ноором менамоянд Ин тоифаи бесубот, ки аз бурдбориҳои кишвар ҳасад мебаранд ва хашму хушунат дар замиру сиришт мепаваранду сангу кулух дар бағал дар паси сангарҳову пасманзари кишвари бегона пинҳон мешаванду ниқорталабона эътироз баён менамоянд, онон чӣ мақсад дошта бошанд ва аҳдофи онҳо чист?

Шоири ширинбаён Сайидо мегӯяд:

Ҳар кӣ бо душмании халқ равон аст чу баҳр,
Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад.

Иғво андохтан ва ҷомеаро безобита кардан пешаи ҷавонмардӣ нест. Пӯшида намонад, ки ҳар як ҷомеа имрӯз бе камбудӣ нест ва чуноне ки мегӯянд: “ Зар бенуқсону моҳ беайб нест.” Тадриҷан ноқисиҳо ва камбудиҳо ислоҳ мешаванд ва ин иллатҳо кирои дар хориҷи кишвар воҳима барангехтану аз магасаке фил сохтан нест. Саволе ба миён меояд, ки худи ҳамон нокасон ба Меҳани хеш чӣ хидмате кардаанд? Ҷавоб яктост: Ғайр аз сӣ соли иғвою шӯрангезӣ ва шайтонӣ дигар ҳеҷ. Боз мехоҳанд, ҷомеаро безобита намоянд, шӯру қиёме барангезанд, маҳалгароиро аз нав эҳё намоянд, маърифат ва фарҳанги мардумро, ки анқариб ислоҳ карда истодаем, боз ба пастӣ нишонанд.

Яке аз омилҳои асосие, ки ҷомеаро аз афзоиши таназзули маънавӣ ва радикалӣ боздошт менамояд, маориф аст, ки дар эҷодкорона ифода кардани ақидаҳои ватандӯстона ҳифзи арзишҳои миллӣ дӯст доштани Ватан мусоидат менамояд ва дар ин замина принсипҳои башардӯстӣ ва таҳаммулпазириро талқин месозад.

Вале бояд таъкид кард, ки мубориза бар ақидаҳои низоъёна ва сӯиқасдҳои ҷоҳпарастона кори гурӯҳҳои муайян набуда, балки вазифаи тамоми ҷамъият мебошад. Зӯран ғасб намудани ҳокимият, халалдор кардани истиқлолияти миллӣ ва якпорчагии давлат ва бо ин мақсад барангехтани ҳисси душманӣ нисбат ба таъриху ҳифзи сулху салоҳ қонунҳое ҳастанд, ки ҷомеаи солимро аз байн бурда, мақоми як миллатро дар арсаи байналмилалӣ паст менамояд. Дар ин раванд низоми ҷаъмияти маънавиро вайрон ва хатти сиеҳеро бар китоби сарнавишти миллат дарҷ месозад. Таърих гувоҳ аст, ки мутафаккирони асрҳои гузаштаи мо дар ҳар давру замон барои ободию сарҷамъии кишварашон кушиш намуда дар лаҳазоти мушкили сарнавиштсоз, бахусус замони Ҷингизу Темури хунхор бо баёни афкори созандаи хеш ватанашонро ҳифз намуданд ва тарк накардаанд, аз сарзамини бегона истода ба дигарон бунёди ҷомеаро сабақ надодаанд, (Ба ёд оред таъриху тамаддуни форсу тоҷикро: Суқрот маргро аз гурехтан аз ватан афзалтар дониста буд. Аттори Нишопурӣ, Наҷмиддини Кубравӣ ва гайраву гайра.) Дар марҳилаи ҳозира маводи паҳнкардаи душманони миллат дар шабакаҳои иҷтимоӣ баъзан нишон медиҳад, ки ҳадафи онҳо ба ҷуз барангехтани ҳисси нобоварӣ нисбат ба давлату ҳукумат ва тафриқаандозӣ миёни ифроди миллат нест.

Ба қадри неъмате чун истиқлолияту давлатдории миллӣ расидан арзишҳои муқаддастарини давлату давлатдориро дарк намудан ва пос доштани онҳо ин ҳам қарз, ҳам масъулият ва ҳам шарафу номуси ватандорӣ, ҳам ифтихор аз давлату миллати хеш ва ҳам талошу заҳмати ҳар фарди бедордили ҷомеа баҳри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волои миллӣ аст. Бо такя аз суханҳои Роҳбари давлат аҳли маърифат, бахусус мо омӯзгорон, ки дорои иқтидори бузургем, бояд барои беҳтар намудани сатҳи ҳаёти моддию маънавии аҳолӣ, мубориза бар зидди камбизоатӣ ва дигар шаклҳои бетаҳаммулӣ, васоити танзими муколамаи ҷамъиятӣ, муносибатҳои созанда дар байни унсурҳои сохтори иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа, таъмини сулҳу амният ҳамеша тавассути омӯзишҳои мунтазам кӯшиш ба харҷ диҳем. Хулосатан, рушди минбаъдаи иқтидори эҷодӣ, таҳкими ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, роҳнамоии онҳо барои таъмини сулҳи пойдор ва амният дар ҷомеа вазифаи фаврӣ ва дастаҷаъмии системаи маърифатии Тоҷикистони азиз аст.

Ғуломова Мавзуна Сироҷовна,
н.и.ф., дотсенти кафедраи
ҷомеашиносии ДБССТ

**АЗ ПАЁМ ТО ПАЁМ**

Дар Паёми имсолаи хеш Пешвои миллат аз бурду бохти 32 соли давраи соҳибистиқлолӣ андешаронӣ намуданд. Аз ҷумла, яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ин масъалаи глобализатсия мебошад, ки дар ин хусус Пешвои миллат чунин ибрози андеша намуданд: "Чуноне, ки ба ҳамагон маълум аст, солҳои охир вази сиёсии ҷаҳон хело душвор гардидааст, ки новобаста аз ин душвориҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонистааст, дар ин раванди ҷаҳонӣ саҳми басо созовори худро гузорад ва инчунин ҷой ва нақши худро дар раванди глобализатсионӣ муайян созад".

Бояд зикр намуд, ки саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ хело муассир ва саривақтист. Аз он ҷумла, аз ҷониби Пешвои миллат эълон гардидани солҳои 2018-2028 ҳамчун соли Қатъномаи даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" ва "Ҳифзи пиряххо" аҳамияти баланди иҷтимоию иқсодӣ ва сиёсӣ барои аҳолии кураи замин дорад. 14 декабри соли 2022 дар ҷаласаи навбатии СММ, Пешвои муаззами миллат панҷумин ташаббуси байналмилалиро дар бораи ҳифзи пиряххҳои сайёра пешниҳод намуд, ки аз ҷониби 155 давлат дастгирии худро ёфт. Масъалаи дигаре, ки диққати ҷаҳониҳонро ба худ ҷалб карда истодааст ин масъалаи Энергияи сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бояд зикр кард, ки нерӯи барқе, ки дар Тоҷикистон истеҳсол карда мешавад 98 %- и онро энергияи сабз ташкил медиҳад. Ҳамаи ин боиси муарифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ташаббускор дар арсаи байналмилалӣ гардидааст.

Масъалаҳои мубрами дигари байналмилалӣ ва геополитикӣ, ки дар он Тоҷикистон саҳми босазо дорад, ин масъалаи пешгирии шомилшавии ҷавонон ва дигар ашхосҳо ба гуруҳҳои экстремистӣ ва террeристӣ мебошад. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатии худ бо Маҷлиси Олии кишвар аз гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористи нигаронии худро баён карда, таъкид намуданд, ки "400 нафар ҷавонони кишвар аз давлатҳои ҷангзада баргардонида шуданд, аммо боз 400 нафарони дигар дар он давлатҳо мебошанд, ки онҳо низ бояд ба Ватани хеш баргардонида шаванд. Мо дар куҷое набошем, бояд манфиятҳои ҳар як тоҷикро ҳимоя намоем.

Ҳар як давлату миллат ва алалхусус ҷавононро мебояд сарҷамъӣ, якдилӣ ва ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, то ин ки тавонанд сарзамини хеш, миллат ва Ватани худро аз таъсири экстремизм ва терроризми байналмиллалӣ ва дигар хатарҳои геополитикӣ ҳимоя намуда ба арзишҳои миллӣ ва идеологияи он арҷгузорӣ намоянд. "Мо яроқу аслиҳа надорем, мо ҳиссӣ баланди миллӣ, сарҷамъи ва якдилӣ дорем".

Масъалаи дигаре, ки дар Паём баррасӣ гардид, ин масъалаи илм сифати таҳсилот дар соҳаи маориф мебошад. "Бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз мегардад", қайд намудаанд Пешвои муаззами миллат.

Омӯзгорон баробари падару модар бояд дар таълиму тарбияи насли наврас нақши босазо дошта бошанд, онҳоро зарур аст, ки ҷавононро дар руҳияи ҳисси баланди Ватандӯстӣ, садоқат ба халқу Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ тарбия намоянд, зеро, ки "Пешрафти Ватан ва ояндаи миллат аз сатҳу сифати дониш вобастагӣ дорад".

Мусаллам аст, ки сифати таҳсилот аз сатҳу сифати китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, барномаҳо ва машғулиятҳои назариявию амалие, ки мо баргузор менамоем, вобастагӣ дорад. Ин дастури Пешвои муаззами миллати мо, омӯзгоронро, вазифадор менамояд, ки тамоми имконият ва дониши худро барои ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим равона намоем.

Чунки “Омӯзгор шахси мафкурасозу тарбиятгар аст”. Чуноне ки дар боло зикр гардид, ниҳоди оила ва маориф пояи ҳастии ҳар як миллату давлат ба ҳисоб меравад ва вазифаҳое, ки дар назди ин ду ниҳоди муҳимтарини ҷомеа меистад, ин дуруст ба роҳмондани таълиму тарбияи ояндасозони халқу миллат ва Ватани хеш мебошад.

Ҳамчунин баъзе аз дастовардҳоеро низ қайд кардан лозим аст, ки аз Паём то Паём Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро ба даст овардааст:

– шурӯъ аз 1 марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шуданд.

– аз 1 июли соли 2023 музди меҳнати кормандони муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шуданд.

– аз 1 июли соли 2023 андозаи нафақаи заминавӣ 20 фоиз зиёд карда шуданд.

– нафақаҳои суғуртавие, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъйин ва пардохт мегарданд, ба андозаи сатҳи таварруми ду соли охир, вале на кам аз 16 фоиз индексатсия, яъне зиёд карда шуданд. Дигар нафақаҳои амалкунанда ба андозаи 20 фоиз аз меъёри нафақаи заминавӣ зиёд карда шуданд.

– аз 1 июли соли 2023 то соли 2025 ҳар сол зиёд кардани андозаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат, яъне аз 512 сомонии амалкунанда то 836 сомонӣ ва иловатан барои ҳар як кӯдаки оилаҳои мазкур мутобиқан ба ин давра аз 34 сомонӣ то 152 сомонӣ ҷудо кардани маблағҳо амалӣ мегардад.

– аз 1 январи соли 2023 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷиҳати ҳисобкунии андоз, боҷ, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, муҷозоти ҷаримавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин барои ҳисобкунии ин ё он бузургиҳои арзишии ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд, ба андозаи 68 сомонӣ муқаррар карда шуданд.

– 22-24 марти соли 2023 дар шаҳри Ню-Йорк таҳти ҳамраисии Тоҷикистон ва Нидерланд Конфронси оби СММ-2023 доир гашт. Нишасти мазкур баъд аз Конфронси оби сатҳи баланди соли 1977 дар Мар-дел-Плата нахустин Конфронси оби СММ дар чунин сатҳ ба ҳисоб меравад.

– 14-15 сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал баргузор гардид.

– 14 декабри соли 2023 форуми навбатии Тоҷикистону Олмон дар нимаи аввали соли 2023 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Ҳайати Тоҷикистон дар намоишгоҳи байналмилалии «Ҳафтаи Сабзи Берлин 2023» ширкат кард.

– соли 2023 Барномаи ҳамкорӣ миёни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷопон барои солҳои 2023-2025 мавриди амал қарор мегирад.

– охири соли 2023 ба истифода додани агрегати якуми НБО-и «Себзор», ки бо иқтидори 11 мВт бунёд мегардад, ба нақша гирифта шудааст.

Соли 2023 Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ (ITB Berlin) дар Олмон доир шуд, ки Тоҷикистон низ дар он иштирок намуд.

Ҳамзамон дар соҳаи сайёҳии кишвар дастовардҳои дигари назаррас низ ба амал омадаанд, ки ифтитоҳи бинои нави таълимии филиали ДБССТ дар вилояти хатлон (шаҳри Левакант) яке аз онҳо ба шумор меравад ва барои аҳли заҳмати коллективи меҳнатии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон беҳтарин ва арзишмандтарин дастовард аз Паём то паём мебошад.

14 декабр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба вилояти Хатлон бинои нави таълимии филиали Муассисаи давлатии “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон” дар вилояти Хатлон (шаҳри Левакант)-ро мавриди истифода

қарор дода, бо имконоти муосири донишомӯзӣ дар он шинос шуданд. Бунёди иншооти нави соҳаи маориф дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, аз таҳхона ва 7 ошёна иборат буда, тамоми шароитщои нави таълимиро доро мебошад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз имконоти муассиса ва фаъолияти марказу озмоишгоҳҳои илмӣ – тадқиқотӣ таъкид намуданд, ки бо истифода аз чунин шароит ба тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз имконоти муосир дар бинои нави филиали Муассисаи давлатии "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" дар вилояти Хатлон бо таъсиси марказу озмоишгоҳҳои замонавӣ ва марказҳои инноватсионии аз худ кардани малакаҳои касбӣ барои донишҷӯён, ки дар самти амалишавии нақшаву барномаҳои таълимӣ, хусусан ҳадафҳои "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф", солҳои 2020 - 2040 мусоидат мекунанд, изҳори қаноатмандӣ карда, барои истифодаи васеи имконоти омӯзишӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва омода намудани мутахассиони касбӣ дастуру маслиҳатҳои судманд доданд.

Дастовардҳои дар боло зикр шуда гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Паёми соли 2023 то Паёми соли 2024 бо дастовардҳои хело ҳам назаррас ноил гардида аст. Масъалаҳои дар боло зикршуда як қисмати хурде аз онҳоро ташкил медиҳад. Бо боварии комил гуфта метавонем, ки бо сурати чунин пешравӣ ва дастоварҳо Ҷумҳурии мо дар ба қатори давлатҳои мутараққь ҳамроҳ хоҳад шуд.

Қобили зикр аст, ки ҳар як шаҳрванд ва фарзанди миллати тоҷикро зарур аст, ки ба қадри ин ҳама арзишҳо ва дастовардҳо расида, кӯшиш ба харҷ диҳанд то ин, ки онҳоро ба мисли гавҳараки чашм нигоҳ ва эмин доранд.

Абдиев Ҷамшед Хуршедович- ассистенти
кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва
меҳмондории ДБССТ

**ҶАВОНОН МОЯИ ИФТИХОР ВА САРБАЛАНДИИ ТОҶИКИСТОНИ АЗИЗ**
**(дар партави Паёми Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ)**

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷи ҷумҳурӣ" муҳимтарин ҳуҷҷати фарогирандаи тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷома ба ҳисоб рафта, роҳнамои мо ҷавонон ва омӯзгорон мебошад.

Дарвоқеъ Паёми Пешво тақдирсоз буда, муайянкунандаи кулли самтҳои фарогирандаи ҷомеа ба шумор рафата, дар он мо аз таҳлили воқеъии солҳои сипаригардида ва вазифагузории солҳои дарпешистодаро баръало мушоҳида мекунем.

Қабули санаду барномаҳо дар самти ҷавонон, алалхусус мавҷуд будани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", боиси ифтихор ва сарбаландии мо ҷавонон аст, ки масъалаи ҷавонон дар меҳвари асосии сиёсати пешгирифтаи Президенти маҳбубамон Эмомалӣ Раҳмон қарор дошда, дар ҳар як баромаду суханрониҳояшон доир ба ҷавонон ибрози назар менамоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои қаблии худ вобаста ба ҷавонон иброз доштанд, ки "...Ҷавонон мояи ифтихор ва сарбаландии Тоҷикистони азиз мебошанд. Мо ба ҷавонон эътимоди комил дорем, дастгирии самимонаи онҳоро аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат қадрдонӣ мекунем ва нақши арзишмандашонро дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти кишвар эҳсос менамоем. Ман ба ҷавонони кишвар барои дастгириашон аз сиёсати давлату Ҳукумат ва хизмати содиқонаашон миннатдории самимӣ баён мекунам."

Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 28 декабри соли 2023 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардид, исботи гуфтаҳои боло мебошад, ки дар он омадааст "...Ғамхории давлату Ҳукумат нисбат ба ҷавонон, ҳалли мушкилоти онҳо ва истифодаи дурусти ин захираи стратегии миллӣ барои пешрафту ободии Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа яке аз афзалиятҳои асосии Ҳукумати мамлакат мебошад...", инчунин "...Ҷавонони мо, ки насли замони истиқлол мебошанд, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла ҳимояи марзу буми Ватан, амнияти мардум ва давлати Тоҷикистон, сохтмонҳои бузурги аср, аз ҷумла НБО "Роғун" ва пешрафти илму фарҳанг саҳми бисёр назаррас гузошта истодаанд."

Ҳамчун як ҷавони даврони истиқлол иброз менамоям, ки иҷро ва дар амал тадбиқ намудани ҳар дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси рушду пешрафт ва тараққии ҳама самтҳо гардида, ба беҳтар шудани кору фаъолият ва сатҳи зиндагии ҳар фарди соҳибхирад кумак мерасонад.

Мо ҷавонон ва омӯзгорон ҷавобан ба ин ҳама ғамхориҳо пайи амалӣ шудани ҳадафҳои стратегии кишвар, дар доираи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон камари ҳиммат мебандем.

Ҷӯрахонова С.Қ. - омӯзгори калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

# ПАЁМИ МУЖДАРАСОНУ ИЛҲОМБАХШ

Ҳар сол баъди ироа гардидани Паёми Пешвои муаззами миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ тагйиротҳо, дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар дилхоҳ соҳа навоварӣ, навигарӣ ва пешравиҳо дида мешаванд, ки бевосита ин тагйироту дигаргуниҳо, пешравиҳо, дар баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокиву маданиятнокии шаҳрвандон накши калидӣ мебозанд.

Пайи ҳам иҷро шудан, яъне ба ҳадаф расидани стратегияҳои ҳаётан муҳим: таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳои аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва кунун саноаткунонии босуръати мамлакат далел аз он аст, ки Тоҷикистони ҷавон узви фаъоли ҷомеи ҷаҳонӣ мебошад ва исбот менамояд, ки дар сохти давлатдорӣ бо таҷриба аст, чунки ворисони Куруши Кабиру Исмоили Сомонӣ ва идомадиҳандагони кору пайкори Садриддин Айни ва Бобоҷон Гафуров мебошаду таҳти роҳбарии оқилона, орифона ва сиесати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муваффақиятҳои нав ба нав ноил шуда истодааст.

Боиси рӯхбаландист, ки Раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тибқи дастуру ҳидоятҳои Президенти кишвар тайи солҳои охир корҳои назаррасеро ба сомон расонид, яъне:

- мавриди баҳрабардорӣ қарор додани биноҳои ҳозиразамони таълимӣ бо синфхонаҳои барҳаво;
- ҷиҳозонидани ҳамаи синфхонаҳо бо ҷиҳози ҳозиразамони таълимӣ ва технологияи муосир;
- мавриди истифода қарор додани лабороторияҳои компютерӣ дар тобеи ҳар як кафедра барои ихтисосҳои мухталиф;
- мавриди истифода қарор додани китобхонаҳо бо толорҳои барҳаво ва қулай барои хониш ва гузаронидани озмунҳо, маҳфилҳо, семинарҳо ва конфронсҳои илмӣ- назариявӣ;
- китобохонаи электронӣ;
- толорҳои маҷлисии замонавӣ;
- майдонҳои варзиши ҷавобгуиӣ ҳамаи меъёрҳо ва ҳоказо.

Барои боз ҳам беҳтар намудани сатҳу сифати таълим ва саҳмгузорӣ намудан дар пешравии ҳамаи соҳаҳои хоҷаги халқи кишвар, бахусус соҳаи сайёҳӣ ва иқтисодиёт бо мақсади омода намудани мутахассисони баландихтисоси ҷавобгуйи бозори меҳнат, раёсати Донишгоҳ бо саъю кушиши зиёд, иқдому ташаббусҳои нав ба нав, чунин корҳоро дар амал татбиқ намуданд ва менамоянд ба монанди, кушодани ихтисосҳои нав, роҳандозӣ намудани барномаҳои табодули академӣ, кушодани паркҳои технологӣ, курсҳои касбомузӣ, кушодани курсҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати забономузӣ, курсҳои баланд бардоштани маҳорату малакаи педагогӣ, компютерӣ, сафарбар намудани омӯзгорони донишгоҳ барои бозомузӣ ба курсҳои такмили ихтисос ва мубодилаи афкору таҷриба ба дохил ва берун аз ҷумҳурӣ, гузаронидани семинараҳо, мизҳои мудаввар, конференсияҳои илмӣ- назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, гузаронидани озмунҳои фаннии сатҳи ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва инчунин омода намудани донишҷуён барои иштирок дар озмунҳои "Фуруги субҳи доноӣ китоб аст" , "Тоҷикистон - Ватани азизи ман", "Тоҷикон"- оинаи таърихи миллат" "Илм фурӯғи маърифат".

Донишгоҳ имрузҳо кору фаъолиятро дар самти таълиму тарбия ҷоннок намудааст, ки ҳамаи ин корҳо бахри иҷроиши дастуру супоришҳои Роҳбари давлат ҳастанд ва бечунучаро дар рушду нумуи маорифи кишвар саҳми хоссае мегузоранд.

Иқдомҳои наку ва ташаббусҳои беназири Роҳбари давлат, Тоҷикистонро дар роҳ ба суи тараққиёт роҳнамоӣ менамоянд. Кушодашавии богчаҳои кудакона, марказҳои фарҳангӣ-фарогатӣ барои кудакону калонсолон, майдонҳои варзишӣ, курсҳои касбомузӣ, курсҳои забономузӣ, марказҳои таълими калонсолон, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, коллеҷу мактабҳои олӣ ва мавриди истифода қарор додани онҳо дар тамоми гушаву канори мамлакат, ин бо мақсади роҳандозӣ намудани тарзи ҳаёти солим, ки асоси тандурустӣ мебошад ва инчунин ба тарзи умумӣ маърифатнок, соҳибмаълумоту соҳибҳунар намудани ҳам калонсолон ва ҳам наврасону ҷавонони ҷомеаи имрӯзаи мо мебошад.

Диққати хосаи Роҳбари давлат барои таълиму тарбияи кудакон, наврасону ҷавонони кишвар дилхоҳ шахсро ба он водор мекунад, ки дар таълиму тарбияи фарзандон, махсусан духтарон беэътиноӣ зоҳир нанамоянд. Чи хеле, ки Президенти муҳтарам қайд менамоянд, ҷавонони мо умедбахшанд ва мо бо эътимоди комил гуфта метавонем, ки онҳо ояндаи дурахшони халқу миллат мебошанд.

Пешвои муаззами миллат барҳақ қайд намуданд, ки ҳар яки мо бояд дар тозаву озода нигоҳ доштани хона, ҳавлӣ, куча,

маҳалла, роҳҳои мошингард, ҷуйҳо масъулиятшинос бошем, барои сабзу хуррам нигоҳ доштани куча, хиебонҳову богҳо, гулу ниҳолҳои дарахтони сояафкану мевадиҳанда шинонем, то ин ки ба насли наврас, ҳам дарси ибрат шаваду ҳам мерос монад.

Рушди соҳаи сайёҳӣ низ солҳои охир Тоҷикистонро овозадор намудааст, ки рушду нумуи ин соҳа низ бо шарофати хизматҳои шоёни Пешвои муаззами миллат мебошад. Ташрифи сайёҳон, буду боши онҳо дар кишварамон, барои муаррифии Тоҷикистон ба ҷаҳониён мусоидати хубест ва боиси пешравии Тоҷикистон мегардад ва моро мебояд сайёҳонро хуб пазироӣ кунем ва расми хуби меҳмоннавозиамонро фаромӯш накунем.

Имрӯзҳо Тоҷикистон дар тамоми самтҳо бо тамоми кишварҳои ҷаҳон равобит дорад ва ҷаҳониён моро бо таъриху фарҳанги ҳазорсолаамон мешиносанд, ҳангоми сафар ба ҳайси сайёҳ ба мулки тоҷикон, шаҳру ноҳияҳои ободи ба тариқи замонавӣ сохташударо мебинанд, ин пешравиҳоро албатта таблиғ мекунанд.

Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандона, қарорҳои дуранадешона, иқдомҳои накуву ташаббусҳои нав ба нави Роҳбари давлат ба пеш қадам гузошта истодааст.

Маҳз, эълон намудани соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ" бо мақсади таъмини ҳифзу амнияти қонун, поянда нигоҳ доштани сулҳу суботи сиёсӣ, Ваҳдат миллӣ, рушди иқтисодиёти кишвар, баланд бардоштану беҳтар намудани сатҳи зиндагии тоҷикону тоҷикистониён мебошад.

Паёми имсолаи Пешвои муаззами миллат, паёми муждарасон, паёми илҳомбахшу ҳавасмандкунанда ва пур аз суханоне буданд, ки касро ба суи некпиндорӣ, некрафторӣ, некгуфторӣ сафарбар менамоянд ва роҳнамоӣ мекунанд ва моро мебояд таҳти чунин суханони насиҳатомезу маслиҳатомези Пешвои муаззами миллат бо дилу нияти пок ба суи ояндаи нек, чун ватандусти ҳақиқӣ назар афканему ва дар пешравии соҳаи худ ба ҳайси мутахассис саҳми хуб гузорем.

Набиҷонова Маҳфуза Раҳматҷоновна
Директори «Коллеҷи сайёҳӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоии шаҳри Хуҷанд»-и ДБССТ

# ПАЁМ ДАСТУРИ АСОСИИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сиёсати маорифпарваронаи худ дар соҳаи маориф ислоҳоти куллӣ ба амал овsecurities. Ин иқдоми дурбинона аз аввалин рӯзҳои давлатдории сарвари воломақоми мо роҳандозӣ гардида, то ба имрӯз бомаром ва пурсамар идома дорад.

Ҳамасола дар Паёми анъанавӣ ва созандаи хеш Пешвои муаззами миллат баҳри рушди соҳаи маориф дастуру супоришҳои муҳиму саривақтӣ пешниҳод менамоянд, ки боиси пешрафт ва тараққиёти рӯзафзуни ин соҳа мегардад. Паёми навбатӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки 28-уми декабри соли 2023 ироа гардид, истисно нест. Дар он Пешвои миллат илму маорифро пойдевори низоми давлатдории дунявӣ хонда, ба ин далел, тазаккур доданд, ки давлат ва миллат бидуни илму маориф ҳеҷ аст ва ҳузури фаъоли маорифчиёну зиёиён, ки муаррифгари давлат ва миллатанд, дар умури сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ амри бебаҳс аст. Бахусус авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд. Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.

Боиси сарфарозист, ки маҳз баҳри амалӣ гардидани дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббуси ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муҳтарам Асрорзода Убайдулло Саттор Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 26 июни соли 2023, таҳти № 290 барои таъсиси “Коллеҷи сайёҳӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоии шаҳри Хуҷанд”-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба тавсиб расид. Коллеҷи мазкур аз он ифтихорманд аст, ки яке аз самараҳои шаҳдбори истиқлол маҳсуб ёфта, баҳри шукуфоии ватани маҳбуби худ камари ҳиммат бастааст ва ҳамеша мекӯшад, тарғибгари ҳама дастуру ташаббусҳои Пешвои муаззами худ бошад.

Пӯшида нест, ки тибқи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сайёҳии экологӣ, табобатӣ, таърихию фарҳангӣ, кӯҳнавардӣ ва шикор аз самтҳои афзалиятноки соҳаи сайёҳии кишвар муайян шудаанд. Ин аст, ки Тоҷикистон, қабл аз ҳама, бо табиати зебову иқлими хосу мусоид, манзараҳои ҷолиби водиҳо, қуллаҳои барфпӯш ва мавзеъҳои ҳифзшудаи табиӣ урфу одатҳои нотакрори миллӣ ва мардуми меҳмоннавозу меҳнатқаринаш ҷаҳониёнро ҷалб месозад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ иброз доштанд, ки солҳои 2018-2023 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, соли 2023 шумораи сайёҳон ба як миллиону дусад ҳазор нафар расид. Вале, бино ба таъкиди Сарвари давлат, барои рушди соҳа имкониятҳои истифоданашуда ҳанӯз хеле зиёданд. Воқеан ҳам, ҳоло захираҳои сайёҳии ҷумҳурӣ ба таври зарурӣ ва мувофиқ ба меъёрҳои муосиру байналмилалии сайёҳӣ истифода нагардидаанд. Гарчанд пешравиҳо бесобиқаанд, норасоии кадрҳои ҳирфаӣ, пешниҳоди хизматрасонии босифат ва инфрасохтори мутараққӣ дар минтақаҳои дурдаст аз масъалаҳои ҳалношуда боқӣ мемонанд. Ин аст, ислоҳот дар соҳа идома ёфта, саҳми сайёҳӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар солҳои минбаъда ба таври назаррас баланд бардошта мешавад.

Мо низ дар ин кор худро масъул дониста, талош меварзем, ки кадрҳои ҷавобгӯ ба меъёрҳои ҷаҳониро тарбия намоем, то онҳо кишвари моро чун беҳтарин кишвари сайёҳӣ дар миқёси ҷаҳон муаррифӣ карда тавонанд. Дар ин раванд, бояд навовариҳои ин соҳа аз ҷониби устодон омӯхта ва бо истифода аз шароиту технологияҳои муосир ба донишҷӯён омӯзонида шаванд. Мо дар раванди таълиму тарбияи шогирдон бояд ҳамқадами ҷаҳону замон бошем.

Ҳамқадами замон буданро ихтисосҳои мо яъне омода кардани кадрҳои соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ талаб мекунад. Мо кӯшиш менамем, ки ҳама нуктаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар амал татбиқ намоем. Дар ин кор моро зарур аст, ки  фарҳангу маданият, меҳмондорӣ, расму оини миллӣ, таърихи миллат ва забони худро ба мутахассисони оянда хуб омӯзонем. Ҳар як кадре, ки мо омода мекунем, дар симо ахлоқу одоб фарҳангу дониш, забондонӣ ва таҷрибаи худ миллати сарбаланди моро  намояндагӣ мекунад.

Чун дар паёми мазкур борҳову махсус қайд гардид, барои донишҷӯёни мо низ аз худ кардани забонҳои хориҷӣ дар сатҳи забони модариашон шарти зарурӣ аст. Зеро онҳо бо намояндагони миллатҳои гуногун сарукор хоҳанд дошт. Ва донистани забон дари тамоми имкониятҳоро ба рӯяшон мекушояд.

Мо - омӯзгорон, аҳли зиё бояд ин нуктаҳои Паёмро роҳнамои фаъолияти илмию омӯзгории хеш қарор дода, баҳри дар амал татбиқ намудан ва ба зинаи имрӯзаи илми муосир расонидани донишҷӯёни тоҷик набояд малакаю таҷрибаю заҳмати хешро дареғ дорем. Дар доираи суханони пурмуҳтаво ва дастури оқилонаю олии Пешвои миллат ва барои ба сатҳи баланди илмӣ ва забондонӣ расидан, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати таълими донишҷӯёнро шарти зарурӣ шуморем.

Аз ин лиҳоз моро мебояд фаъолияти худро баҳри боз ҳам шукуфову гулафшон гардидани Тоҷикистони соҳибистиқлол равона намуда, бо иродаи қавӣ ва сидқидилона хизмат намоем.

Абдиев Ҷамшед Хуршедович- ассистенти кафедраи
бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондории ДБССТ

# ҶАВОНОН— ТАТБИҚКУНАНДАИ ҲАДАФҲОИ МУҲИМУ АФЗАЛИЯТНОКИ КИШВАР

## (Дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷи ҷумҳурӣ" муҳимтарин ҳуҷҷати фарогирандаи тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа ба ҳисоб рафта, роҳнамои мо ҷавонон ва омӯзгорон мебошад.

Дар воқеъ Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тақдирсоз буда, муайянкунандаи кулли самтҳои фарогирандаи ҷомеа ба шумор рафта, дар он мо аз таҳлили воқеъии солҳои сипаригардида ва вазифагузории солҳои дар пешистодаро баръало мушоҳида карда метавонем.

Қабули санаду барномаҳо дар самти ҷавонон, алалхусус мавҷуд будани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", боиси ифтихор ва сарбаландии мо ҷавонон аст, инчунин боиси сарфарозии мо аст, ки масъалаи ҷавонон дар меҳвари асосии сиёсати пешгирифтаи Президенти маҳбубамон Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта дар ҳар як баромаду суханрониҳояшон доир ба ҷавонон ибрози назар менамоянд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз паёмҳои қаблии худ ба мо ҷавонон иброз доштанд, ки "...Ҷавонон мояи ифтихор ва сарбаландии Тоҷикистони азиз мебошанд.

Мо ба ҷавонон эътимоди комил дорем, дастгирии самимонаи онҳоро аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат қадрдонӣ мекунем ва нақши арзишмандашонро дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти кишвар эҳсос менамоем.

Ман ба ҷавонони кишвар барои дастгириашон аз сиёсати давлату Ҳукумат ва хизмати содиқонаашон миннатдории самимӣ баён мекунам."

Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 28.12.2023 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён доштанд, исботи гуфтаҳои боло мебошад, ки дар он омадааст. "... Ғамхории давлату Ҳукумат нисбат ба ҷавонон, ҳалли мушкилоти онҳо ва истифодаи дурусти ин захираи стратегии миллӣ барои пешрафту ободии Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеаро яке аз афзалиятҳои асосии Ҳукумати мамлакат шумориданд...", инчунин қайд намуданд, "...Ҷавонони мо, ки насли замони истиқлол мебошанд, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ҳимояи марзу буми Ватан, амнияти мардум ва давлати Тоҷикистон, сохтмонҳои бузурги аср, аз ҷумла НБО "Роғун" ва пешрафти илму фарҳанг саҳми бисёр назаррас гузошта истодаанд."

Ҳамчун як ҷавони даврони истиқлол иброз менамоям, ки иҷро ва дар амал тадбиқ намудани ҳар дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси рушду пешрафт ва тараққии ҳамаи самтҳо гардида, ба беҳтар шудани кору фаъолият ва сатҳи зиндагии ҳар фарди соҳибхирад кумак менамояд.

Мо, ҷавонон ва омӯзгорон ҷавобан ба ин ҳама ғамхориҳо ваъда медиҳем, ки дар баробари пайи ҳам амалӣ шудани ҳадафҳои стратегии кишвар, аз ҷумла: раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, расидан ба истиқлолити энергетикӣ ва инчунин саноаткунонии босуръати мамлакат, тадбиққунандаи масъалаҳои муҳиму афзалиятноки кишвар, аз қабили "иқтисоди сабз", суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ саҳми босазои худро хоҳем гузошт.

Асадулоева Замира - ассистенти кафедраи забонхои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

# ЗАБОНОМӮЗӢ - АМРИ ЗАМОН

Аз замонҳои пеш забондонӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар ҳаёти инсонҳо аҳамияти хосаро касб намуда буд. Забондониро яке аз роҳҳои пешрафти ҷамъият медонистанд. Ҳамин аст, ки дар асрҳои гузашта донишмандони мо дар баробари хуб донистани забони хеш забонҳои халқҳои дигарро низ меомӯхтанд.

Аксари бузургони миллати мо чандин забон ва хатти миллатҳои дигарро аз худ карда, бо он забонҳо асарҳои оламшумулу соҳибнуфузи илмӣ, адабӣ ва бадеӣ эҷод кардаанд. Ин раванд то ҳол аҳамияти худро аз даст надода, балки муҳимияти забономӯзиву забондонӣ рӯз аз рӯз вусъат ёфта истодааст.

Умуман донистани забон бо ҳаёти одамизод сахт алоқаманд аст, инсон дар зиндагӣ ҳар чӣ қадар пеш равад, забон ҳамон қадар лозим мешавад. Ба қавли шоир:

Агар сесад забон донӣ, фузун нест,
Ҳама рӯзе ба кор ояд, забун нест.

Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои зиёда аз 51 созмонҳои байналмилалӣ мебошад. Дар ин баробар ҷомеаи ҷаҳонӣ дар бархӯрди тамаддунҳо ва ҷаҳонишавӣ қарор дорад. Ягона воситае, ки давлатро дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ менамояду фарҳанг, забон, маданият ва расму русуми тоҷикро ҳифз мекунад, ин донистани забонҳои хориҷӣ мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз ҳаминро ба инобат гирифта таъкид намуда буданд, ки «Дар айни замон ҳамеша дар ёд бояд дошт, ки дар замони рушди пуравҷи илму техника, технологияҳои нав, алалхусус технологияҳои иттилоотӣ ва қувват гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ бе омӯзиши забонҳои хориҷӣ, алалхусус забонҳои русӣ ва англисӣ тайёр кардани мутахассисон ва коршиносони ҷавобгӯи талаботи имрӯзаи ҷаҳонӣ, афзудани сарватҳои моддию маънавӣ ва ишғол намудани мавқеи сазовор дар миёни кишварҳои пешрафтаи дунё хеле мушкил аст».

Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лабрез аз ҳидоятҳои дурандешона ва факту далелҳои ифтихорангез аст. Яке аз таъкидҳои Сарвари давлат ин омӯзиши забонҳои хориҷӣ буд. Дар Паём омадааст, ки “Омода кардани кадрҳои омӯзгории ихтисосманд, боз ҳам беҳтар кардани сифати таҳсилот ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ вазифаи ҷонии роҳбарони муассисаҳои таълимӣ аст”.

Бояд зикр намуд, ки ҳанӯз соли 2003 фармони Президенти кишвар дар бораи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ ирсол гардид. Баъдан се маротиба барномаҳои давлатӣ қабул шуданд. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурӣ аз 30 августи соли 2019 таҳти рақами 438 «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар рушди таълим ва омӯзиши ин забонҳо ҷараёни нав пайдо кард.

Сарвари давлат дар Паёми хеш (28.12.2023) Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Академияи илмҳо ва ниҳодҳои дигари дахлдорро вазифадор намуд, то дар самти омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ таҳияи барномаи нав, нашри китобҳои дарсӣ аз сатҳи боғча то донишгоҳҳо, пиёда кардани босамарии онро тақозо намуданд, ки ин дар шароити кунунӣ амри воқеӣ мебошад.

Ҳамчунин бояд зикр намуд, ки дар заминаи дастури Сарвари давлат ба ниҳодҳои дахлдори давлатӣ, ашхоси масъул, омӯзгорони забонҳои русию англисӣ, падару модарон ва аҳли ҷомеаи кишвар вазифадор ҳастанд, ки дар амалӣ сохтани барномаи нави омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ саҳми худро гузоранд.

Хоҷаева З.С. - устоди калони кафедраи молия ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

## ПАЁМИ НАВБАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БОЗ ЯК НАСИМИ ТОЗАЕ ДАР ФАЗОИ СИЁСИИ КИШВАР

Ҳамасола дар доираи салоҳиятҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат Паём ироа менамояд, ки дар он самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар барои давраҳои оянда ба ҳадафу афзалиятҳо ва дурнамои нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ муқаррар карда мешавад.

Дар шароити мураккаби ҷаҳонии муосир ва тақсимоти ҷаҳон байни абаркудратҳо рушди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар кори саҳлу осон набуда, барои мардуми шарифи Тоҷикистон хурду бузурги мамлакат боиси ифтихор ва сарбаландист.

Паёмҳои Роҳбари давлат ҳуҷҷати муҳими тақдирсоз оид ба дурнамо ва раҳнамои мушаххаси созандагиҳои Ватан ва қадамҳои устувор барои иҷрои нақшаҳои бузурги давлатдорӣ буда, мардуми шарифи тоҷикро ба шукуфоӣ ва ободонии бештару бештари Ватан раҳнамоӣ месозад.

Пешвои муаззами миллат зимини ироаи Паём ба масъалаи таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат таваҷҷуҳ намуда, онро ба унвони воқеияти умдаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ матраҳ кардаанд. Сарвари давлат дар Паём аз нигоҳи илмӣ ба таври дақиқ ва асоснок, мақсаду маром ва тарзи амалгардонии нақшаҳои корӣ ниҳодҳои давлатиро ба миён гузоштаанд.

Лозим ба таъкид аст, ки Паём роҳҳои таъмини рушди устувори иқтисодии мамлакатро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намуда, шароити амалӣ кардани онҳоро аз лиҳози мантиқӣ ба истинод ба усул ва роҳу корҳои таҷрибии иқтисодиёти ҷаҳонӣ, бо назардошти хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуд.

Боиси сарфарозист ва қаноатмандӣ, ки роҳ ва василаҳои таъмини рушди рӯзафзуни кишвар баъди ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ аз ҷиҳати назариявӣ, бидуни шакҳу шубҳа маҳсули хирадиояндабинии Пешвои муаззами миллат мебошад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки истиқлоли давлатӣ танҳо ба қабул эъломҳои соҳибихтиёрӣ ва ё дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ расмӣ баанҷом намерасад. Барои пойдории истиқлолият ва ташкилии давлатӣ мустақил, ки тавонадба ҷомеаи ҷаҳонӣ халқро ҳамчун иттиҳодияи устувори сиёсӣ бофарҳангу унсурҳои миллат муаррифӣ кунед, ҳаққи таърихи ва замонавии ӯро ҷиҳати мавҷудияти сиёсӣ ва ҳуқуқии эътироф намоед, қабл аз ҳама халқ орзуву амалеро бояд барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун ҳадаф ва дастурамалии зиндагии дуруст муаррифӣ намояд ва барои расидан ба ин ҳадафҳо пайваста мубориз ва омода бошад.

Ҳамчунин, зарур аст барои шаклгирии истиқлоли давлатӣ корҳои муҳими ташкилӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқию фарҳангиеро бояд баанҷом расонид, ки онҳо таҳкимбахши иттиҳоди устувори сиёсӣ ва истиқлолияти он бошанд. Истиқлолияти давлатӣ зинаи охирини соҳибихтиёрӣ, ки мустақилияти давлатро дар дохил ва хориҷ муаррифӣ менамояд. Танҳо давлати соҳибихтиёр ҳуқуқи дар муносибатҳои байналмиллалӣ ҳамчун субъекти мустақил баромад карданро дорад. Аз ин лиҳоз метавон хулоса намуд, ки яке аз рукнҳои амалии давлат Паёми Президент ба Маҷлиси Олии кишвар мебошад.

Ба боварии том метавон гуфт, ки хулосаи мазкур ҳоҷат ба шарҳу тавзеҳ надорад. Нуқтаи назари дигаре, ки мехоҳем ба он таваҷҷуҳ бештар ҷалб шавад, ин фикрронӣ дар бобати Паёми Президент ба парлумони ҷумҳурӣ мебошад. Зарур ва ногузир аст, ки гуфтугузориҳои илмӣ нисбати ин ҳуҷҷатӣ сарнавиштсоз бояд ҳамаҷониба омода гардида онҳое назарашонро баён намоянд, ки ба дарки масъала сарфаҳм рафтанду шахсияташон дар ташаккули афгори ҷомеа амиқ аст.

Воқифияти Паём ва мазмуну муҳтавои бениҳоят баланди он дар навбати аввал аз дарки амиқи набзи ҷомеа, самимияти беандоза ба мардум, азми қавӣ, нияти нек, масъалагузории саривақтӣ, таҳлил, ояндабинӣ, роҳнамоӣ, ошкори камбудиҳо муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ маншаъ гирифтааст.

Минбаъд ин ҳуҷҷати муҳим барои тамоми мардуми кишвар сарфи назар аз мансубияташон ба ин ё он қишри ҷомеа, сармашқи кор ва дастури роҳнамоикунанда ба шумор меравад.

Инчунин, Паём шабеҳи оинаест, ки мо метавонем пешравиву дастовардҳои кишварамро дар он мушоҳида ва онҳоро ба нишондиҳандаҳои пешин муқоиса намоем, зеро танҳо дар заминаи муқоиса мо боварӣ ҳосил менамоем, ки ин ҳуҷҷати муҳим то чӣ андоза дорои маънавиёти баланд аст.

Шаҳнозаи Турсунзода - ассистенти кафедраи фарҳанг ва забони ДБССТ

## ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ-РОҲНАМОИ ОЯНДАИ ДУРАХШОНИ ТОҶИКИСТОН

Дар Паёми имсолаи худ, ки 28.12.2023 ироа гардид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро барои давраҳои оянда муайян намуда, оид ба пешбурди сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд.

Махсусан ба соҳаи саноат таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуданд. Зеро, саноат дар шароити имрӯза соҳаи таъминкунандаи рушди устувор ба ҳисоб меравад ва аз ин лиҳоз мамлакатҳои пешрафта маҳз бо истифодаи технологияи нави пурмаҳсул, сарфакор ва замонавӣ тавонистанд иқтисодиётро дар сатҳи баланд ташкил намоянд ва сатҳи зиндагии шаҳрвандонашонро баланд бардоранд.

Пешвои миллат таъкид намуданд, ки Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли "Энергияи сабз" ва содироти он, дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Яъне, Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи "иқтисоди сабз" соли 2037 воқеан ба "кишвари сабз" табдил меёбад.

Ҳамзамон таъкид карда шуд, ки дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад.

Стратегияи рушди маориф салоҳияти муассисаҳои таҳсилоти олиро дар фаъолияти ояндаи касбӣ пешбинӣ мекунад. Дар натиҷаи омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ бояд мутахассисоне омода шаванд, ки донишҳои амиқи фундаменталӣ ва таълими босифати амалиро ба ҳам пайваста, ба як соҳаи мушаххас нигаронида шуда бошанд.

Муносибати босалоҳият ба таълим сатҳи рақобатпазирии хатмкунандагони муасиссаҳои олиро дар бозори меҳнат баланд мебардорад. Тибқи ин муносибат мундариҷа, ҳаҷми соатҳо ва дигар омилҳо дар раванди таълим масъалаи калидӣ набуда, натиҷаҳои ниҳоии таълим (дониш ва маҳорату малака) муҳим арзёбӣ мегарданд. Моҳияти муносибати босалоҳият ба таълим афзун намудан ва инкишоф додани маҷмуи салоҳиятҳои калидии донишҷӯён маҳсуб ёфта, мутобиқшавии бомуваффақонаи онҳоро дар ҷамъият муайян месозад.

Пешвои миллат таъкид намуданд, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад. Дар ин замина қайд намуданд, ки ҳоло дар кишвар барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020 – 2030 амалӣ шуда истодааст. Масъалаи дигари муҳим, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши калидӣ дорад, таъмини волоияти қонун буда, он меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Зеро Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад.

Дар идома гуфта шуд, ки амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон карда шавад.

Хулоса, мардуми шарафманди тоҷик танҳо бо саъю талоши софдилона, ҳиси баланди масъулият дар назди халқу Ватан ва иқдому ташаббусҳои созанда метавонанд ба ин ҳадафҳо бирасанд. Бояд мо нуктаҳои Паёми Пешвои миллатро амиқ дарк намоем ва сармашқи кору фаъолияти худ қарор дода, ҷиҳати амалишавии ҳадафҳои созандаи он саҳмгузор бошем. Мардуми шарифи тоҷик барои расидан ба ҳадафҳои дурнамою созандаи дар Паём ироашуда, ки барои зиндагии шоистаи мардум замина мегузоранд, умеду интизориҳои нек доранд ва мо тадриҷан ба онҳо хоҳем расид.

Нурматзода Ҳ. -
дотсенти кафедраи бизнеси сайёҳӣ,
рекреатсия ва меҳмондории ДБСС Тоҷикистон

# ФАРҲАНГИ ТОҶИКИСТОН НИГИНЕСТ ДАР МИЁНИ ДУРДОНАҲОИ ФАРҲАНГИИ ҶАҲОНИИ ЮНЕСКО

(ба ифтихори таъсис гаридани Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди СММ оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО)

Боиси ифтихор аст, ки баъд аз ба даст омадани истиқлоли комил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991, муносибатҳои дипломатӣ ва дӯстонаи Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва кишварҳои ҷаҳон оғоз гардида, дар ин муддат бо роҳбарии Пешвои миллат сарвари фарҳангпарвару сулҳпарвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ба таври шоиста эътироф гардида, кишвари Тоҷикистон ва таъриху тамаддуни миллати куҳанбунёди тоҷик муаррифӣ гардид.

Тавре ки аз хуҷҷатҳои расмӣ бар меояд, 6 апрели соли 1993 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони Миллали Муттаҳид оид ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг пазируфта шуд.

Дар таърихи 28 - уми июни соли 1994 таҳти рақами № 305 бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи миллии кор бо ЮНЕСКО дар назди Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҳамон рӯз Низомнома дар бораи Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО тасдиқ шуд. Комиссияи фаъолияташ ҷиҳати равнақи ҳамкориҳои босамари фарҳангии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО назаррас мебошад.

Қобили зикр аст, ки доираи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ЮНЕСКО густурда буда, дар навиштаҳои хеш танҳо ба ифтихори тайин гардидани Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди СММ оид ба масоили маориф, илм, ва фарҳанг (ЮНЕСКО) аз чанд дастоварди назарраси фарҳанги Тоҷикистон дар даврони истиқлол ва шинохти он дар арсаи байналмилалӣ ёдовар мешавем.

Ҳанӯз 17 октябри соли 2003 Конвенсияи ЮНЕСКО оид ба «Ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддї» қабул шуд ва 17 августи соли 2010 Љумњурии Тољикистон ба ин Конвенсия шомил гашт. Вале бояд ёдовар шуд, ки ҳанӯз соли 2008 шоҳкории мусиқии тоҷикон “Шашмақом ” дар якҷоягӣ ба Ҷумҳурии Узбекистон ба Феҳристи мероси ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО шимил шуда буд.

Хотирнишон бояд кард, ки маҳз бо кушишу ташаббусҳои Пешвои миллат мухтарам Э. Раҳмон ёдгориҳои таърихию фарҳангии мо дар даврони истиқлол тармиму барқрорсозӣ шуда, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуданд. Ҳанӯз соли 2010 нахустин ёдгории аҳдибиринҷии Тоҷикистон Саразм (ҳазораҳои 4- 3 то мелод) ба Феҳристи ёдгориҳои мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шомил шуда буд.

Минбаъд соли 2016 ҷашни Наврӯз (дар якҷоягӣ бо кишварҳои ҳавзаи Наврӯз - Афғонистон, Озорбойҷон, Ҳиндӯстон, Эрон, Ироқ, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Туркия, Туркманистон ва Узбекистон) ва “Оши Палов” (бо ташаббуси Тоҷикистон), соли 2018 “Чакан” ва соли 2021 “Фалак” ҳамчун мероси ғайримоддии фарҳанги тоҷикон ба Феҳристи ёдгориҳои мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шомил шудаанд.

Боиси ифтихор аст, ки соли 2023 барои муаррифии фарҳанги Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ соли босамар ва фаромушнашаванда мебошад. Дар соли 2023 якчанд силсилаи ёдгориҳои Шоҳроҳи Бузурги Абрешим: Долони Зарафшон - Қароқум аз Тоҷикистон ёдгориҳои Панҷакенти қадим, шаҳраки Санҷаршоҳ, қалъаи Ҳисорак, Гардани Ҳисор, Қалъаи Муғ, Қалъаи Қум, Тали Хамтуда, низоми обёрикунии Тоқсанкорез ва Оромгоҳи Хоҷа Муҳаммад Башоро ба феҳристи ёдгориҳои мероси фарҳанги модии ЮНЕСКО ва ҳамчунин намунаҳои мероси фарҳанги ғайримодии Кулёти Мавдоно

Ҷалолиддини Балхӣ, абрешимбофӣ ва кирмакпарварӣ, ҷашни Сада, ҳунари зарҳалкорӣ ва атласу адрасбофӣ ба феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО шомил гардиданд.

Бояд қайд намуд, ки ташаббусу корнамоиҳои беназири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти муаррифӣ намудани фарҳанги тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ ва густариши босамари ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО имкон дод, ки дар назди СММ Намояндагии доимии Ҷумҳурии  Тоҷикистон доир ба масоили маориф, илм ва фарҳанг таъсис дода шавад.

Читавре, ки дар боло қайд кардем, то кунун салоҳиятҳои Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди СММ дар самти маориф, илм ва фарҳангро - Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса дар ҳамкорӣ бо Комиссияи миллии Ҷумҳурии Точикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО пеш мебурд. Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО дар назди Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикстон дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Точикистон ва Академияти миллии илмҳои Тоҷикистон колҳои самти маориф ва илму фарҳангро дар сатҳои байналмилалӣ пеш мебурданд.

Ифтихор мекунем, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 16.01.2024 таҳти рақами 687 Раҳимӣ Дилшод Камолзода Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди СММ оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) тайн гардиданд. Кунун дастовардҳои илму фарҳанг ва маорифро намояндагии навтаъсис дар назди СММ дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои дархлдори болозикр вобаста ба салоҳиятҳояшон пеш мебаранд.

Дар вақеъ дар ҳаёт ҳар як шахси соҳибхирад дар рушди ин ё он соҳа саҳме мегузорад. Мусаллам аст, ки шахсият ва касбияти фарҳангшинос, фолклоршинос ва мардумшиноси варзидаи Тоҷикистон, пажуҳишгари шинохтаи мероси фарҳангии миллат номзади илмҳои филологӣ  Д. Раҳимӣ ба ҳамаи мо маълум аст. Дар ҳақиқат ҳамон истеъдоди худодод, заҳмату меҳнатҳои бесобиқаи устод буд, ки солҳои зиёд ҳамчун донандаи забонҳои хориҷӣ ба вижа забони англисӣ натанҳо дар пажуҳиш балки дар муаррифӣ намудани арзишҳои фарҳангии халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ба хусус дар сатҳи ЮНЕСКО хизматҳои беназире карда истодаанд. Яъне солҳои зиёд бо созмони фарҳангии ЮНЕСКО ҳамкории зич доранд ва дар ворид шудани мероси боарзиши ғайримоддии фарҳангии халқи тоҷик ба Феҳристи мероси ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО саҳми устод хело назаррас мебошад.

Умедворам, ки минбаъд бо кушиши ин устоди забондон ва ботаҷриба фарҳанги тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам бештар муаррифӣ хоҳад шуд ва устод чун пештара дар татбиқи сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он ҷумла, дар амалисозии ҳадафҳои созандаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти илм, ва маорифу фарҳанг ва шинохти фарҳанги тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ хизматҳои шоиста ва фаромушнашаванда хоҳанд кард.

Илчибекова Маҳина Отамбековна - дотсенти кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

# ПАЁМ – РАҲНАМОИ ИМРӮЗУ ОЯНДАИ НЕК

Лозим ба ёдоварист, ки чун ананаи сиёсӣ охири ҳар сол аз ҷониби Президенти мамлакат ба Парлумони касбӣ Паём ироа мегардад. Он дарбаргирандаи самтҳои афзалиятноки сиёсати дохиливу хориҷии кишвар буда, дурнамои рушди стратегии давлатро барои як соли оянда муайян менамояд. Он ҳуҷҷати раҳнамо ва дастури амал барои корбурд ба тамоми соҳаҳост.

Дар Паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олӣ Президенти мамлакат Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷмуъ соли 2023- ро соли бобарор унвон намуда, зикр намуданд, ки ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар раванди созандагиву ободкорӣ бомаром идома ёфта, нақшаву барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ карда шуданд.

Аз ҷумла соли 2023 корҳо ҷиҳати устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ тақвият пайдо карда, рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи ба таври назаррас таъмин карда шуд, ки ин гувоҳ аз муваффақият ва рушди бемайлони кишвари азизамон мебошад.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа – ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро яке аз самтҳои аситарин ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои зарурӣро амалӣ карда истодааст. Бо ин мақсад, баҳри ба маротиб баланд бардоштани сатҳи зиндагии созгори мардум ва фароҳам овардани шароити арзанда барои аҳолии мамлакат қабули як қатор барномаҳои давлатии миёнамуҳлат ва дарозмуддати соҳаи иҷтимоӣ гувоҳи барҳақи гуфтаҳои болост.

Сарвари давлат, ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлолро неруи созандаи Ватан дониста, нақши онҳоро дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас арзёбӣ намуданд. Илова бар ин, гуфта шуд, ки мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд, ки ҳақ бар ҷониби Пешвои муаззами миллат аст.

Маҳз, ҷавононанд, ки дар оммавигардонии варзиш нақши асосӣ дошта, ба шарафи пирӯзиҳои онҳо парчами Тоҷикистони маҳбуби мо дар гӯшаҳои гуногуни дунё парафшонӣ мекунад.

Бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ кишвари ҷавонон аст.

Новобаста аз ин, ногуфта намонад, ки имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд.

Аз ин лиҳоз, Пешвои миллат мақомоти дахлдорро вазифадор намуданд, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳи тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гаравидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд.

Вазъи мураккаби ҷаҳони муосир ва таҳдидҳо ба амнияти давлатҳои ҷаҳон дар ин замина низ дар Паёми имсолаи сарвари давлат мавриди таҳлил ва баҳогузорӣ қарор дода шуд.

Маврид ба зикр аст, ки имрӯзҳо, равандҳои геополитикӣ ҳамоно мураккабу печида боқӣ монда, боиси афзоиши мухолифату низоъҳо, шиддат гирифтани рақобат ва талоши кишварҳо барои афзудани нуфуз дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон гардидаанд.

Ин ҳолат боиси ба миён омадани таҳдиду хатарҳои бесобиқаи амниятӣ гардида, дар маҷмӯъ, ба сохтори бунёдии муносибатҳои байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Аз ин хотир, таъкид карда шуд, ки Тоҷикистон дар оянда низ дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи байналмилалӣ, аз қабили мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, ҷиноятkории муташаккили фаромиллӣ, қочоқи силоҳ ва маводди мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ, ҳамчунин, мутобиқшавӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он саҳми босазо хоҳад дошт.

Гуфтаҳои боло ва дигар нуқтаҳои муҳими Паёми навбатии Савари давлат ба Парлумони мамлакатро ба инобат гирифта, гуфтанӣ ҳастам, ки ки танҳо саъю талоши содиқонаву софдилона, ҳисси баланди масъулият дар назди халқу Ватан ва иқдому ташаббусҳои созанда моро ба ҳадафҳои олиамон наздик мерасонанд.

Илова бар ин, бояд гуфт, ки мардуми шарифу сарбаланд, ватандӯсту ватанпарвар ва қавиироdаву заҳматдӯсти мо аз уҳдаи иҷрои ҳама гуна амалҳои нек ва бартараф намудани тамоми мушкилот мебароянд, Тоҷикистони азизамонро боз ҳам ободу зебо ва пешрафта мегардонанд ва барои зиндагии аз имрӯза беҳтар шароит фароҳам меоваранд.

Бо ин мақсад, мо бояд тамоми донишу таҷриба, маҳорату малака ва саъю талоши худро минбаъд низ ба рушди давлати соҳибихтиёрамон ва Ватани аҷдодиамон равона кунем, кишвари маҳбубамонро пешрафта гардонем ва барои наслҳои оянда як мулки обод мерос гузорем.

С.Х. Ғафуров-омӯзгори кафедраи
идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДБССТ

# РАҚАМИКУНОНИИ ИСТЕҲСОЛОТИ САНОАТӢ ВА ИНКИШОФИ СОҲАИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” инъикоскунандаи инкишофи ҳамаҷонибаи кишвар мебошад. Маҳз як қатор дастуру супоришҳо ва ташаббусҳои созанда ба воситаи Паём ироа мегарданд, ки минбаъд дар чорчӯбаи он маҷмӯи тадбирҳо амалӣ карда мешаванд.

Ташаккули стратегияи рушди саноатӣ қисми муҳимтарини марҳилаи муосири сиёсати иқтисодии давлат мебошад. Дар раванди мазкур давлат идоракуниро ҳам дар соҳаҳо ва корхонаҳои алоҳида, ҳам идоракунии муҳити берунае, ки соҳаҳо ва корхонаҳои мазкур дар он фаъолият мекунанд, амалӣ менамояд ва ҳадафи он баланд намудани самаранокии тиҷоратӣ ва буҷавии комплекси саноатӣ дар маҷмӯъ ва аз ҷумла қисматҳои алоҳидаи он мебошад. Натиҷаи стратегияи рушди саноат бояд ташаккул ва фаъолияти самараноки қисматҳои соҳибкории саноатӣ гардад, ки барои рушди нисбатан устувор заруранд. Онҳо аз муҳити рақобатнок, инфрасохтори ниҳодӣ, инчунин корхонаҳои саноатие иборатанд, ки дар муҳити мазкур мутобиқ карда шудаанд.

Ташаккули иқтисодиёти нави рушдкунанда тағйироти ҷиддии андозаҳои фаъолияти саноатиро дар назар дорад. Маҳсулоти соҳибкории саноатӣ метавонад дар он сурат рақобатпазир бошад, ки агар дар заминаи он техника ва технологияи муосиру ҷадид, иқтидорҳои мутобиқи илмӣ-техникӣ ва ташкилӣ, мутахассисони баландихтисос қарор дошта бошанд. Тадқиқот муқаррар намуд, ки дар ноил шудан ба суръати мутобиқи рушди иқтисодиёт соҳибкории саноатӣ чун заминаи асосии иқтисодиёти миллӣ мавқеи муҳимро мебозад. Соҳаи саноат дар солҳои гузариш ба иқтисодиёти бозаргонӣ давраи мушкили пастравиро бо сабабҳои зерин аз сар гузаронд:

- якум, соҳаи мазкур қисми соҳаи саноати Иттифоқи Шӯравӣ буд ва бо пошхӯрии ин иттиҳоди бузург тамоми робитаҳои иқтисодӣ байни кишварҳои муттаҳидаи он канда шуданд.

- Дуюм, сармоягузории асосие, ки барои рушди саноат дар шароити ҷумҳуриҳои ИҶШС қарордошта зарур буданд, аз буҷети иттифоқ ҷудо карда мешуданд. Воситаҳои мазкур дар шароити муосир умуман мавҷуд нестанд.

-Сеюм, аз кишвар рафтани мутахассисони соҳа, махсусан дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ хеле авҷ гирифта, бидуни кадрҳои соҳибтахассус ривоҷ додани саноат имконнопазир мебошад.

-Чорум, дар шароити давлати воҳиди иттифоқ будани Тоҷикистон қафомонии нишондиҳандаҳои сифатии самаранокии истеҳсолоти саноатӣ ба мушоҳида мерасид**.**

Ҳамасола нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар натиҷаи андешидани тадбирҳои мушаххас аз ҷониби Пешвои миллат дар ҳоли афзоиш қарор доранд ва минбаъд низ ин равманд идома меёбад.

Рақамикунонии истеҳсолоти саноатӣ, мусоидаткунандаи раванди суръатёбии соҳаи саноат махсуб ёфта, рақобатпазирии молу маҳсулотҳои ватаниро таъмин менамояд.

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ, ки 28-

уми декабри соли 2023 сурат гирифт, ишора намуданд, ки “соҳаи саноат ва инноватсия яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар ба ҳисоб рафта, пешрафти он имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардида, барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шаванд”.

Воқеан инкишофи соҳаи саноат боиси коҳиш ёфтани сатҳи бекорӣ гардида, аз ҷониби дигар рушди ММД-ро таъмин менамояд.

Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи мазкур аҳамияти махсусро зоҳир менамоянд.

Аз ҷониби Пешвои миллат қайд гардид, ки “Дар зарфи солҳои истиқлоли давлатӣ амалисозии нақшаву барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон дод, ки дар кишвар беш аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шавад”.

Мавриди зикр аст, ки инкишоф ёфтани соҳаи саноат дарак аз иқдомҳои оқилонаву самимонаи Асосгузои сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти мазкур мебошад.

Соҳаи саноати кишвар дар замони соҳибистиқлолӣ самараи хуберо ба бор оварда, боиси коҳиш ёфтани якчанд муаммоҳои макроиқтисодӣ гардидааст.

Чуноне, ки дар Паём аз ҷониби Пешвои миллат қайд гардид “соли 2023 барои ташкили истеҳсолоти нави саноатӣ, васеъгардонии фондҳои асосӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти наву рақобатнок аз ҳисоби сармояи хориҷӣ ва маблағи корхонаҳо зиёда аз 7 миллиард сомонӣ равона гардидааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 1,5 баробар зиёд мебошад”.

Нишондиҳандаҳои оморӣ дар самти раванди инкишофи соҳаи саноат инъикоскунандаи таваҷҷӯҳи бевоситаи Ҳукумати кишвар роҷеъ ба ин соҳа мебошад.

Масъалаи рушди босуръати соҳаҳои саноати мамлакат пайваста мавриди таваҷҷуҳи хоси Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва ҳамасола бо дарёфти захираву имкониятҳои мавҷуда тадбирҳои мухталиф баҳри инкишофи соҳаҳои саноат анҷом гирифта истодаанд. Дастгирии соҳаҳои мухталифи саноати кишвар аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоту ниҳодҳои давлатӣ махсуб меёбад. Натиҷаи чунин тадбирҳост, ки ҳам дар ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва ҳам саноат афзоиш ба назар мерасад.

Ба чопаш 27.01.2024 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/8. Коғази офсетӣ.
Чопи офсетӣ. Ҳуруфи Times New Roman TOJ. Ҷузъӣ чопӣ 12,12
Адади нашр 100 экз.

Нашриёти “Соҳибкор”.
734036, ш. Душанбе х. Деҳотӣ 48/5